ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 + 001(0,92) + 894.342-93 (2Т)

**ИСКАНДАРИ ОРИФ**

# МАСЪАЛАҲОИ ИНТИСОБИ АШЪОРИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕИИ ОНҲО

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Мисбоҳиддини Нарзиқул

ДУШАНБЕ – 2024

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................4-9**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.......................................................................10-16**

**БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ ИНТИСОБИ АШЪОР ВА ЗАМИНАҲОИ ШОИРОНАГИИ КАЛОМИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ.............17-82**

1.1. Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо.......................17-60

1.1.1. Шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ............18-37

1.1.2. Осори насрии Ансорӣ ва ашъори мундариҷ дар онҳо..........................37-53

1.1.3. Рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ.......................................54-60

1.2. Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ..............................61-82

1.2.1. Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон....................63-68

1.2.2. Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон...................................68-74

1.2.3. Насри мусаҷҷаъ дар осори адиб...........................................................74-82

**БОБИ II. МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ..........................................................................................83-125**

2.1. Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ............................83-107

2.1.1. Рубоӣ.........................................................................................................92-98

2.1.2. Ғазал........................................................................................................98-102

2.1.3. Қитъа, муфрадот, маснавӣ ва мисроъ..................................................102-107

2.2. Мундариҷаи ғоявии ғазалиёт..............................................................108-111

2.3. Мазмун ва муҳтавои рубоиёт...............................................................112-125

**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ..........................................................................................126-159**

3.1. Хусусиятҳои забон ва сабки баён..........................................................126-130

3.2. Авзони ашъор..........................................................................................131-141

3.3. Қофия ва радиф........................................................................................142-151

3.4. Санъатҳои бадеӣ......................................................................................152-159

**ХУЛОСА..............................................................................................160-165**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**.......................................................................................**166-167**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**..........................................................................**168-184**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...**185-186**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Абуисмоил Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Мансур ал-Ансорӣ маъруф ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (1005-1088) агарчи дар тасаввуфу ирфон аз ҷумлаи чеҳраҳои маъруф маҳсуб мешавад, ҳанӯз шахсияти адабии вай ба пуррагӣ шинохта нашудааст. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои баҳснок дар шинохти ҳувийяти адабии Ансорӣ алоқаи ӯ ба шеъру шоирӣ мебошад, ки дар ин бора аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ андешаҳои мухталиф ироа гардидаанд. Ҷамъоварӣ ва баррасии андешаҳои мавҷуд ва ҳалли дурусти масъала аз нигоҳи равишшиносии адабпажӯҳии ҷадид муҳим мебошад.

Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун адиб, муҳаққиқ, муфассир ва муҳаддиси барҷаста маълум аст. Тақрибан тамоми паҳлуҳои зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ пажӯҳиш ва дар ин росто осори зиёде таълиф шудааст, аммо масъалаи таҳқиқи шеър ва масъалаҳои алоқаманд ба он, аз ҷумла асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо, заминаҳои шоиронагии каломи адиб, вежагиҳои сабкию муҳтавоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоир то кунун анҷом нашудааст. Дар ин замина мабоҳиси баррасишаванда хеле зиёданд, ки дар ин диссертатсия пас аз таъини заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ ва баррасии масъалаи интисоби ашъор ба таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ансорӣ пардохта шудааст.

Доираи афкору равишҳои маърифатии Абдуллоҳи Ансорӣ хеле фарох буда, дар қолаби осори илмию адабӣ матраҳ гардидаанд, ки ҳар кадом ба таври алоҳида шоистаи омӯзишу таҳқиқанд. Аммо масъалаи муҳимме, ки ба омӯзиш ва баррасӣ ниёз дорад, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба интисоб ва хусусиятҳои ғояию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои маърифатӣ ва орову афкори адиб, ки дар қолаби каломи манзум ифода шудаанд, заминаи мусоидро фароҳам меоварад. Аҳаммият ва зарурати интихоби мавзуи диссертатсия аз нукоти мазкур бармеояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои мавриди таҳқиқ бар асоси осори боқимондаи Абдуллоҳи Ансорӣ, махсусан осори бадеии ӯ, ба миён гузошта шудааст, ки дар қолаби назму наср навишта шудаанд. Боиси таассуф аст, ки девони ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ то имрӯз боқӣ намондааст ва он чи дар ин мабоҳис аз шеъри Ансорӣ оварда мешавад, бар мабнои ашъорест, ки дар дохили осори насрии адиб дарҷ шудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Омӯзиши аҳволу осор, таълимот ва баъзе хусусиятҳои муҳимми эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ аз замони зиндагии ӯ оғоз гардида, то кунун идома дорад. Аз омӯзиши сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва осори таҳқиқии мавҷуд ва дастрас маълум мегардад, ки шахсияти Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун муҳаққиқ, адиб, ориф ва муфассиру муҳаддис асрҳост, ки диққати аҳли илму донишро ҷалб менамояд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, ишораҳои муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ қобили таваҷҷуҳ буда, ҳамчунин, аз ҷониби муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ низ пажӯҳишҳои мутааддид ва арзишманд анҷом шудааст. Дар маҷмуъ, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои алоқаманд ба зиндагӣ, мероси адабӣ ва шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансориро ба тариқи зерин метавон дастабандӣ кард:

1. Ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ;
2. Таҳқиқоти илмӣ дар Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ;
3. Таҳқиқоти илмии муҳаққиқони шуравӣ;
4. Таҳқиқоти илмии муҳаққиқони тоҷик дар замони Истиқлоли Тоҷикистон.

Аввалин сарчашмае, ки перомуни зиндагию фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ маълумот медиҳад, «Табақот-ус-суфия»-и худи ӯ мебошад. Ин китоб аз гуфтаҳои Шайхулислом имло ва аз ҷониби шогирдонаш тадвин шудааст. Китоб дар тӯли тақрибан ҳазор сол борҳо истинсох шуда, нусхаҳои гуногун пайдо карда, солҳои гуногун аз ҷониби донишмандоне, ба монанди Абдулҳай Ҳабибӣ, Ҳусайни Оҳӣ, Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ ба хатти форсӣ [Ҳабибӣ 1342; Мавлоӣ 1362] ва Умеда Ғаффоро ва ба хатти кириллики тоҷикӣ бо ҳавошию таълиқот ва феҳристу фарҳанг рӯйи чоп омадааст [Ғаффорова 2014].

Китобҳои «Таърих-ул-ислом» ва «Сайр-ул-аълом-ин-нубало»-и Заҳабӣ низ дорои ахбори муҳимманд. Муаллиф дар китоби аввал оид ба Ансорӣ ёддоште меорад ва дар китоби дувум онҳоро бо такмил ба такрор меорад. Арзиши навиштаҳои Заҳабӣ дар он аст, ки дар китоби дувум номҳои устодон, замони навҷавонӣ ва илмомӯзии Ансориро батафсил ироа медорад. Ҳарду китоб ба забони арабӣ навишта шудаанд [Заҳабӣ 1407; Заҳабӣ 1402].

Ибни Раҷаби Бағдодӣ дар китоби «Зайл ало Табақот-ил-ҳанобала», ки бар «Табақот-ул-ҳанобала»-и Ибни Абиаъло ба ҳайси зайл, яъне такмила навиштааст, дар бораи саргузашти Ансорӣ иттилооте медиҳад. Марҷаи Ибни Раҷаб дар баёни рӯзгори  Хоҷа китобҳои қадимае будааст, ки ҳовии гувоҳии шогирдони адиб, ки шахсан дар маҳзари вай ҳозир будаанд, аст [Ибни Раҷаб 1425].

Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз чанд ҷиҳат бастагӣ дорад. Аввал ин, ки худ аз суфиёну урафо буд ва дигар ин, ки дар шаҳри Ҳирот мезист. «Нафаҳот-ул-унс», воқеан, баёни маҳдуди «Табақот-ус-суфия» ва такмилаи он аст. Ғайр аз ин, Ҷомӣ китоби алоҳидае ба номи «Маноқиби Шайхулислом Абдуллоҳи Ансорӣ» навиштааст, ки куллан ба зиндагию фаъолиятҳои Пири Ҳирот бахшида шудааст [Ҷомӣ 1355].

Дар сарчашмаҳои зикргардида перомуни шоирии Ансорӣ ишораҳо низ ҷой доранд. Илова ба инҳо, дар китобҳои адабию назарӣ ва тазкираҳо, ба монанди «Кашф-ул-асрор» ё «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа, «Риёзу-л-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ ва чандин сарчашмаҳои дигарро метавон ном бурд, ки аз аҳвол ва ашъори Ансорӣ қайдҳо ва намунаҳое низ овардаанд.

Осори таҳқиқотӣ перомуни зиндагӣ ва осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ тайи ду қарни охир дар Англия, Фаронса, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Туркия зиёд навишта ва чоп шудаанд. Ин осор иборатанд аз «Саргузашти Пири Ҳирот»-и Серж де Буркуй, «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳ Ансории Ҳиравӣ»

дар мураттибии Вахиди Дастгирдӣ ва Султон Ҳусайн Тобандаи Гунободӣ, «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», таълифи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ «Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», «Андешаҳои ирфонии Пири Ҳирот», таълифи Алиасғари Башир, «Марди майдон: Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», таълифи Саъид Нафисӣ, «Шохисҳои сабкии «Сад майдон»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», таълифи Сайидалӣ Кароматии Муқаддам ва маҷмуаи мақолаҳои илмӣ дар ҳамоиши Кобул таҳти унвони «Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», ки дар ин маҷмуа мақолаҳои Бадеуззамони Фурузонфар, Халилуллоҳи Халилӣ, Серж де Буркуй, Гӯё Эътимодӣ, Ризозода Шафақ, Маҳбуб Сироҷ Рафиқ, Абдулҳай Ҳабибӣ, Торо Чанд, Аҳмади Оташ, Доктор Ҷовид, Абдулғанӣ Мирзоев, Юрий  Петров ва дигарон нашр шудаанд, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ хидмат мекунанд. Ҳамон гуна ки аз унвони мақолаҳо дарёфтем, ду тан аз муаллифони мазкур – Гӯё Эътимодӣ ва Доктор Ҷовид перомуни шоирӣ ва шеъри Хоҷа андешаҳои ҷолиб ироа кардаанд, ки ҳангоми баррасии ашъор ба нигорандаи таҳқиқи диссертатсионӣ кумак карданд.

Донишмандони рус ва шуравӣ низ ҷиҳати таҳқиқи баъзе аз паҳлуҳои зиндагии Хоҷа бетаваҷҷуҳ намондаанд. Шарқшиноси рус В. А. Жуковский соли 1895 маҷмуае ба унвони «Песни гератского старца» («Сурудҳои Пири Ҳирот») нашр кардааст, ки шомили ғазалиёти Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Баъдан, соли 1965 Бертелс китоби «Суфизм и суфийская литература»-ро чоп кард, ки дар он чанд маврид аз Ансорӣ зикр рафта ва дар бахше аз китоб номаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва вазири бузург Низомулмулкро дар шакли форсӣ ва тарҷумаи русӣ овардааст. Китоби дигар аз муаллифи мазкур ба унвони «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» аст, ки дар он дар чандин маврид аз шеъру шоирии Пири Ҳирот сухан рафта ва намунаҳое аз рубоиёти ӯ низ оварда мешавад. Аз муҳаққиқони давраи шуравии тоҷик кори нисбатан комил, ки перомуни ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар замони шуравӣ сурат

гирифтааст, китоби Кароматулло Олимов «Ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» мебошад.

Аз давраи пас аз Истиқлоли давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз чандин корҳои пажӯҳишӣ перомуни паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ сурат гирифтааст. Расул Ҳодизода дар китоби «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик» перомуни зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ сухан гуфта, намунаҳое аз ашъори ӯро меорад. Оид ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин муддат диссертатсияҳои номзадӣ навишта шудаанд, ки иборатанд аз: Очилова Меҳринисо Илҳомовна «Художественно-стиловые особенности «Табакот-ус-суфия» Ходжи Абдуллаха Ансори», Басири Комҷӯ «Философско-мистические взгляды Ходжи Абдуллы Ансари», Шарипова Муътабар Заҳибуллоева «Поэтика мистической прозы Ходжа Абдуллаха Ансари и его вклад в развитие суфийской таджикско-персидской литературе».

Чунонки аз номашон бармеояд, дар ин рисолаҳо масъалаҳои ҷаҳонбинӣ ва бадеиёти насри Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни пажӯҳиш бархе аз ёфтаҳои илмии хешро дар шакли мақола пешниҳод кардааст, ки мақолаҳои «Заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» [Нарзиқул 2017, с. 165-171] (дар ҳаммуаллифӣ бо М. Нарзиқул), «Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои муътамад» [Ориф 2022, с. 181-187], «Вазъи забон ва муҳити адабии замони зиндагии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» [Ориф 2024, с. 94-100], «Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар хилоли осори насрии ӯ» [Ориф 2022, с. 228-240] ва «Рубоиёти сайёр ва интисоби баъзе аз онҳо ба Абдуллоҳи Ансорӣ» [Ориф 2024, с. 198-204] аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар кулли пажӯҳишоти зикршуда, ба ҷуз аз мақолаҳои муаллифи диссертатсия, перомуни масъалаҳои марбут ба интисоб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки мо таҳқиқи онҳоро ҳадафи худ қарор додаем, кори илмии диссертатсионӣ анҷом нашудааст. Бо дарназардошти ҳамин вазъ ва аҳаммияти шеъри Ансорӣ дар муҳити адабии кишварамон ва ҷанбаҳои

ҳунарии он, мавзуи диссертатсияи мо «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» интихоб гардид. Таҳқиқи дурусти мабоҳиси аслию фаръие, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, дар ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мусоидат намуда, арзиши назарию амалӣ хоҳанд дошт.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил дода, дар асоси ин нақша марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Мавзуи асосии таҳқиқ дар диссертатсияи мо хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Ҳарчанд ки Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун нависанда, шоир, муфассир, муҳаддис ва назарияпардози тасаввуф эътироф гардидаву оид ба паҳлуҳои алоҳидаи зиндагинома, мероси адабӣ ва масъалаҳои гуногуни эҷодиёташ баҳсҳо сурат гирифтаанд, то кунун масъалаҳои интисоби ашъор ба ӯ комилан ҳал нагардида, оид ба шеър ва шоирии ӯ ба таври яклухту монографӣ таҳқиқ сурат нагирифтааст. Махсусан, масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки мақсади асосии муаллифи диссертатсия баррасии он мебошад, то ҳол ба таври монографӣ таҳқиқ нашудааст. Яке аз масъалаҳои мушкилу ҳалталаб дар шинохти шахсияти Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун шоир баҳси интисоби ашъоре мебошад, ки дар дохили асарҳои мансури адиб дучор мешаванд. То ҳадди имкон кӯшиш шудааст, ки ба ҳамин масъала низ равшанӣ андохта шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Бо мақсади таҳқиқи комили мавзуъ дар диссертатсия баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои зерин вазифаҳои асосии таҳқиқ қарор дода шудаанд:

- таҳқиқи асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо;
- баррасии зикри ашъори дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ омадаи Абдуллоҳи Ансорӣ ва ашъори тамассулӣ дар осори мансури ӯ;
- омӯзиши рубоиёти сайёр ва кӯшиши ҳалли масъалаи интисоби онҳо ба Ансорӣ;
- таҳқиқ ва таъини заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ: истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон; таъсири муҳити хонаводагӣ, ҳидоятҳои падар ва ширкат дар маҷлиси суфиён; насри мусаҷҷаъ дар осори ӯ;

– муайян кардани ҳаҷми ашъори шоир ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ;
– баррасии рубоиёти шоир аз назари мундариҷаи ғоявӣ;
– таҳқиқи рубоиёти шоир аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво;
– таҳқиқи вежагиҳои асосии забон ва сабки баён дар ашъори шоир;
– муайян кардани авзон, қофия, радиф ва санъатҳои бадеии маъмулу сабксоз дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ.

**Объекти таҳқиқ** дар диссертатсия осори манзуму мансури адабиёти садаи XI форсии тоҷикӣ дар мисоли эҷодиёти яке аз намояндагони бузурги ин давр Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқ**ро дар ин диссертатсия тазкираҳо ва осори таърихии марбут ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳамчунин, асарҳои манзуму мансури ӯ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия таҷрибаи илмии муҳаққиқони адабиётшинос ва эроншиноси хориҷию ватанӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, В.В. Виноградов, Г.Н. Поспелов, Г.Л. Абрамович, Ч. Стори, Ю. Якубовский, Муҳаммадтақии Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Муҳаммад Муин, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Тақии Пурномдориён, Сируси Шамисо, Маҳмуди Футӯҳӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, К. Олимов, А. Насриддинов, А. Абдусаттор, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, М.З. Низомӣ ва дигаронро мавриди истифода қарор дода, ба афкори назарии онон истинод шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ аз асарҳои Абдуллоҳи Ансорӣ, китобҳои маноқиб, тазкираҳо ва асарҳои адабию таърихии асримиёнагӣ истифода шудааст. Дар таълифи диссертатсия нусхаҳои хаттии

осори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар фонди дастхатҳои АМИТ маҳфуз аст, ҳамчунин, нусхаҳои гуногуни осори ӯ, ки дар Эрон ва Афғонистон нашр шудаанд, истифода шудааст.

Манбаъҳои ёвар осори илмӣ-таҳқиқотие мебошанд, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик ва хориҷӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ таълиф шудаанд. Дар баррасии масъалаҳои ҷудогона аз осори дигари мавриди ниёз низ истифода шудааст, ки рӯйхатти пурраи ҳамаи манобеъ ва маохиз дар бахши «Китобнома» оварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммал дар мавзуи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ буда, дар он масъалаҳои зерин, ки мабоҳиси аслии таҳқикро ташкил додаанд, мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд: интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Ансорӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ.

Дар иртибот ба баррасии масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мабоҳиси сабкӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Масъалаҳои аслию фаръии мазкур то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври мукаммалу ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд.

Муаллиф перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин хусусиятҳои жанрӣ ва асоситарин вежагиҳои мавзуии осори бадеии Абдуллоҳи Ансориро таъин кардааст. Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда хусусияти актуалӣ дошта, дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертант чанд сол ба кори ҷамъоварии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва мураттаб сохтани онҳо машғул буда, оид ба муаррифии шахсият, мероси адабӣ ва нақши адиб дар таърихи фарҳангу адаби тоҷикӣ таҳқиқот анҷом додааст. Дар диссертатсия барои аввалин бор перомуни хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори адиб диққати ҷиддӣ дода, дар такя ба матни осори манзуму мансур, ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии Абдуллоҳи Ансорӣ низ таҳқиқ шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Аз Абдуллоҳи Ансорӣ то ба рӯзгори мо рисолаҳои назарии тасаввуфӣ, асарҳои бадеӣ ва ашъоре боқӣ мондаанд, ки дар жанрҳои гуногуни шеърӣ эҷод шуда, ба таври пароканда дар сарчашмаҳо ва хилоли осори мансури худи адиб дарҷ шудаанд. «Манозил-ус-соирин», «Табақот-ус-суфия», «Муноҷотнома», «Сад майдон», «Замм-ул-калом ва аҳлиҳи», «Тафсири Қуръон» аз ҷумлаи машҳуртарин осори насрии адиб маҳсуб мешаванд.

2. Самти таваҷҷуҳи муҳаққиқони осори Абдуллоҳи Ансорӣ то кунун, асосан, ба омӯзиши ҷаҳонбинӣ, равиши маърифатӣ, афкор ва ҷузъиёти алоқаманд ба тасаввуфу ирфон равона шудааст. Аммо барои шинохтани чеҳраи шоирии адиб таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба интисоб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ, баррасии осори насрии ӯ, ки ашъораш дар дохили онҳо мундариҷ аст, аҳаммияти назарию амалӣ доранд.

3. Абдуллоҳи Ансорӣ ба сифати муаллифи осори зиёде дар заминаи масъалаҳои алоқаманд ба тасаввуфу ирфон, маърифати нафсу тааллуқоти он ва ғайра шахсияти чандбуъдӣ аст, ки ба ин буъдҳо чеҳраи шоириаш ҳам зам мегардад. Вай барои паҳн намудани ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ дар байни оммаи мардум ва баёни шӯру шавқи суфиёна ба сифати беҳтарин васила аз жанрҳои шеърии ғазал, рубоӣ, қитъа, маснавӣ, муфрадот истифода бурда, махсусан, дар ин миён ба жанри рубоӣ инояти бештар зоҳир карда ва аз ин ҷост, ки теъдоди бештари ашъори бозмондаи шоирро ҳамин шакли шеърӣ ташкил медиҳад.

4. Аз Абдуллоҳи Ансорӣ ба теъдоди нуҳсаду ҳаштоду нуҳ байт шеър дар даст аст, ки дар қолаби рубоӣ, ғазал, маснавӣ, қитъа, қасида ва фард эҷод шудаанд. Аз рӯйи ашъори мавҷуд чеҳраи шоирии адибро муаррифӣ ва масъалаи қазовати ҳунари шоирии гӯяндаро ба миён гузоштан мумкин аст.

5. Сабаби асосии бетаваҷҷуҳии муҳаққиқонро ба чеҳраи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ду ҷиҳат метавон асоснок кард: а) шуҳрати ӯ ба василаи осори насрӣ, махсусан, насри мусаҷҷаъ ва кутуби назарии ӯ, ки то ҷое чеҳраи

шоирии Ансориро паси парда бурда, б) парокандагии ашъор ва набудани девони алоҳида аз Абдуллоҳи Ансорӣ.

6. Панду ахлоқ ва мавъиза яке аз мавзуъҳои асосии рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро ташкил медиҳанд. Сабаби асосии чунин вазъ ба машғулияти ҳамешагии Ансорӣ, ки ташкили маҷлиси ваъз ва иршод буд, бастагӣ дорад.

7. Аз муҳтавои осори Ансорӣ маълум мегардад, ки дар ҷаҳонбинию равиши маърифатии ӯ шахсият ва осори бузургоне, ба монанди Абулҳасани Харақонӣ, Абусаиди Абулхайр ва дигарон таъсири бузург расонидааст.

8. Яке аз воситаҳои асосии таъмини ҷанбаи ҳунарии калом дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ аз истифодаи бомавқеъ аз воситаҳои баён ва тасвирҳои бадеӣ мушаххас мешавад. Аз маҷмуи санъатҳои бадеӣ дар ашъори адиб корбурди орояҳои ташбеҳ, истиора, талмеҳ, маҷоз ва ирсоли масал басомади зиёд доранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки масъалаҳои назарии матраҳ дар диссертатсия, мабоҳиси густардаи ҷузъҳои таркибии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар он паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои дигари эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ, асарҳои манзуму мансури адабии асримиёнагӣ, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вежагиҳои ҳунарии осори манзуму мансур ва масъалаҳои сабку диди бадеию ҳунарӣ густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба осори бадеӣ дар коргоҳи адабию маърифатии мутафаккирони асримиёнагӣ саҳми муносиб хоҳад гузошт. Равишҳои пажуҳишии мавриди назари муаллифро дар таҳқиқоти дигар метавон истифода кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ бо он мушаххас мешавад, ки натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастоварда дар диссертатсия дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои манзуму мансур ва баррасии куллиёту ҷузъиёти коргоҳи эҷодии адибон арзиши муҳим доранд. Моводди рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои

илмӣ, дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик ва таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори дигар адибон метавон мавриди истифода қарор дод.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Бо маслиҳату машварати роҳбари илмӣ масъалаҳои асосию фаръии таҳқиқшаванда дар диссертатсия пешниҳод гардида, фарзияҳои таҳқиқ муайян шудаанд. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, то дар мисоли ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ оид ба масъалаҳои махсусиятҳои мавзуӣ андешаҳои илмии хешро асосноку мудаллал иброз намояд. Таълифоти муаллифи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои ба табъ расонидаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардии ӯро дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ ба намоиш мегузоранд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилҳои илмию амалӣ (солҳои 2016-2024) маърузаҳо хондааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №13 аз 04.06.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон» ва «Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» чоп шудаанд, ки теъдодашон чаҳор адад аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат мебошад. Баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 сафҳаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I

# МАСЪАЛАҲОИ ИНТИСОБИ АШЪОР ВА ЗАМИНАҲОИ ШОИРОНАГИИ КАЛОМИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

## 1.1. Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо

Чеҳраи адабии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун шоир, нависанда ва назарияпардози тасаввуф дар осори худи ӯ ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба таври пароканда васф шудааст. Дар сарчашмаҳои мавриди назари мо ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бо тахаллус ва унвонҳои Пири Ҳирот, Хоҷа, Шайхулислом, Абдуллоҳи Ансорӣ тавсиф ва зикр шудаанд. Бинобар ин, минбаъд дар диссертатсия Пири Ҳирот, Хоҷа ва Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам оварда мешавад, ки манзур аз кулли онҳо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорист ва бо ин номҳо дар манобеъ ва маохизи дигар ҳам дучор мешавем. Тақрибан ҳамаи тазкиранависон ва иддае аз таърихнигорон аз шоирӣ ва ашъори ӯ ёд кардаанд. Ашъоре, ки дар сарчашмаҳо зикр гардидаанд, аксаран дар хилоли осори насрии Ансорӣ низ дида мешаванд, ки гувоҳи мансубияти онҳо ба Пири Ҳирот мебошад. Лозим ба зикр аст, ки дар тафсири «Кашф-ул-асрор» ё «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», таълифи Абулфазли Майбудӣ миқдори зиёди шеър истифода шудааст, вале танҳо ҳам онҳоеро, ки дар осори мансури Ансорӣ дида мешаванд ва ҳам онҳоеро, ки муаллиф пеш аз овардани шеър бо ҷумлаҳои «Шайхулислом гуфт», «Пири Ҳарӣ гуфт», «Пири тариқат гуфт» ва «Хоҷа гуфт» мушаххас кардааст, ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон нисбат дод. Аммо дар ин маврид низ ҳолатҳои истисноӣ дида мешаванд. Масалан, Майбудӣ менависад: «Пири тариқат гуфт: Касе, ки ӯ зиндагии вай буд, аз ӯ ҳаракатеву лаззате барнаёяд, магар ҳама дар ӯ мустағриқ бувад:

Ғам кай хурад, он ки шодмониш туӣ<br>
Ё кай мурад ӯ, ки зиндагониш туӣ.<br>
Дар насяи он ҷаҳон куҷо дил бандад

Он кас, ки ба накди инҷаҳониш туӣ!?».

Ҳамин рубоӣ дар девони Саноӣ ва тамоми нусахи хаттии он айнан мавҷуд аст [Саноӣ 1336, с. 614]. Аз ин ҷост, ки асолату интисоби ин рубоӣ ва намунаҳои монанд ба он хеле душвор аст. Танҳо ашъореро метавон сурудаи худи шоир донист, ки дар нусхаҳои гуногуни осори ӯ дида мешаванд. Ин баҳс дар мақоми худ, зимни баррасии рубоиёт, ба таври муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

### 1.1.1. Шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ

Сарчашмаҳоро аз рӯйи масъалаи зикри шоирии Пири Ҳирот ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: а) сарчашмаҳое, ки дар онҳо аз шеър сурудани Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад, вале намуна зикр намегардад. Ба ин гурӯҳ китобҳои «Таърих-ул-ислом»-и Шамсиддини Заҳабӣ [Заҳабӣ 1402, с. 645], «Зайли Табақоти Ҳанобала»-и Ибни Раҷаб [Раҷаб 1425, с. 283], «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ [Бухороӣ 1902, с. 180], «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ [Қазвинӣ 1389, с. 663–664], «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа [Ҳоҷӣ 1310, с.116, ки дар он муаллиф ба Ансорӣ мансуб будани се девони ашъори форсиро ишора кардааст], «Маноқиби Шайхулислом»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Ҷомӣ 1355, с. 27-33], «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [Самарқандӣ 1900], «Туҳфаи Сомӣ»-и Сомимирзои Сафавӣ [Сафавӣ 1324, с. 100] ва иддае дигар мансубанд; б) сарчашмаҳое, ки дар онҳо ҳам зикри шоирӣ рафта ва ҳам порчаҳои шеърӣ оварда шудаанд. Ба ин сарчашмаҳо «Табақот-ус-суфия» [Ансорӣ 1386, с. 80], «Муноҷотнома» [Ансорӣ 1355, с. 106], «Қаландарнома» [Ансорӣ 1349, с. 87], рисолаи «Мақулот» [1349, с. 44] ва чанд рисолаи дигари худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-асрор» ё «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», ки онро Абулфазли Майбудӣ тадвин кардааст [Майбудӣ 1337], «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ [Розӣ, с. 266], «Нафаҳот-ул-унс»-и Мавлоно Ҷомӣ [Ҷомӣ  бидуни сол ва ҷои нашр, с. 229], «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ [Розӣ 1310, с. 143], «Оташкада»-и

Лутфалибеки Озар [Озар 1337, с. 147], «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят [Ҳидоят 1381, с. 75; Ҳидоят 1375, с. 123], «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ [Доғистонӣ 2018, с. 78] ва чандин сарчашмаҳои дигарро метавон ном бурд. Аз ин ҷой, ки бо таваҷҷуҳ ба табақабандии мазкур масъалаи мавриди назар дар ин зербоб аз ду дидгоҳ баррасӣ мешавад: 1. Назари тазкиранависон перомуни маҳорати шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ; 2. Миқдори абёт ва мувофиқати ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида бо ашъори дар хилоли осори насрии Хоҷа омада. Доир ба ашъори дигаре, ки дар хилоли осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ омада, вале дар сарчашмаҳои дигар дучор намешаванд, баҳси алоҳидае сурат хоҳад гирифт. Дар зербоби мазкур танҳо баррасии зикри ашъори Ансорӣ дар тазкираҳо ва китобҳои таърихие сурат мегирад, ки ҳамчун сарчашмаи муътамад дар адабиётшиносӣ шинохта шудаанд.

Дар баъзе аз сарчашмаҳо аз се девони форсӣ ва як девони арабӣ доштани Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам сухан меравад. Масалан, Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» бар он аст, ки Шайхулислом се девони форсӣ дорад [Ҳоҷӣ 1310, с. 161], вале зоҳир аст, ки ин ашъорро худи Халифа надида буд, барои он ки тавре ки одати ӯст, калимоти оғози онро менавишт.

Шайхулислом дар арабӣ қасоиду ашъоре дорад, ки нисбати он ба шайх бо асноди қадима собит аст, ки Бохарзӣ дар «Дамийят-ул-қаср» ва Ибни Раҷаб намунаҳои онро додаанд. Ибни Раҷаб гӯяд: Ва ло калом фӣ-т-тасаввуф ва-с-сулукидақиқ [Бағдодӣ, бидуни сол ва ҷойи нашр, с. 67]. Дар «Табақот-ус-суфия» ва «Нафаҳот»-и Ҷомӣ низ ашъори арабии ӯ дида мешавад, вале ин ашъорро ҳеч кас ба сурати девон мураттаб надидааст ва аз вуҷуди девони ашъори тозии Ансорӣ мо хабаре надорем.

Аммо дар форсӣ ашъори зиёдеро дар тӯли чаҳор ва панҷ қарни ахир ба ӯ мансуб доштаанд, ки агар ба назари интиқодӣ дида шавад, дар ин ашъор осори хомии сабку фикр ва дур аз тафаккури халлоқонаи Абдуллоҳи Ансорӣ ошкор аст ва бино бар он, интисоби онҳо ба Хоҷа ба таҳқиқи бештар ниёз дорад. Ҳақиқат ин аст, ки агар айни замон ба Ансорӣ таалluқ доштани ашъори

мавриди назарро инкор кунем, таъйини гӯяндаи аслии онҳо боз ҳам номуайян боқӣ мемонад. Бинобар ин, то ҳалли комили муаммои мазкур дар контексти эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ мутолиа ва таҳқиқи чунин ашъор амре табиӣ ва зарурист.

Аммо ин ки Абдуллоҳи Ансорӣ бархе ашъори форсӣ дошта, дар ин бора санади куҳантаре вуҷуд дорад. Бо ин маънӣ, ки Абдулқодир ар-Раҳовай ном донишманд ним қарн баъд аз даргузашти Абдуллоҳи Ансорӣ сафаре ба Ҳирот намуда ва дар он шаҳр бо бозмондагони ӯ ҳамсуҳбат гаштаву китоби захимеро ба номи «ал-Модеҳ ва-л-мамдуҳ» дар маноқиби Шайх навиштааст. Ҳамин китобро, ки Абдулқодир ба ду восита аз наздикони Шайхулислом чанд байти форсии ӯро шунида буд, ки тарҷумаи онро дар арабӣ навиштааст [Бағдодӣ, бидуни сол ва ҷои нашр, с. 67]. Аз ин ривояти куҳан падид меояд, ки Шайхулислом ҳатман ашъори форсӣ доштааст. Дар тазкираҳои қадими форсӣ, монанди «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ ва ё «Тазкират-уш-шуарро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ зикри вай дар шоирони форсӣ наомада ва низ дар амолиҳои ӯ, монанди «Табақот-ус-суфия», «Сад майдон», «Одоб-ус-суфия» ва дигар кутуби вай як байти форсӣ ҳам ба номи ӯ мавҷуд нест.Чунин ба назар меояд, ки Шайхулислом овардани ашъори форсиро дар мабоҳиси ҷиддӣ одат надошт ва чунин одате агар дошт, ҳатман шеъре ба номи вай дар ин осор ворид мешуд. Далели дувум ин аст, ки дар «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ ба такрор аҳвол ва гуфтори Шайхулислом ба номи Пири тариқат, Шайхулислом ва ғайра нақл мешавад, вале ашъори форсиро аксаран аз Саноӣ меоварад. Бо вуҷуди он ки дар авохири гуфторҳои Шайх бархе ашъор омада, боз ҳам ҳамон ашъорро сароҳатан ба номи вай наменависанд, бинобар он, дар интисоби ҳамон ашъоре, ки дар авохири муноҷотҳо ва гуфтаҳои Шайхулислом дар «Кашф-ул-асрор» омада ва зоҳиран, гуфтаи худ вай ба назар меояд, низ дар бархе маворид шакку тардид ба миён меояд.

Дар чунин ҳол тамоми ашъоре, ки бидуни тасреҳ номи гӯяндаи он дар авохири муноҷотҳо ва гуфтаҳои Шайхулислом илҳоқ шуда, мавриди тааммул

аст ва то вақте ки асноди қадим ба даст наёяд, дар интисоби он эҳтиёт бояд кард.

Аммо он чи дар мансуботи ҷадид ашъореро ба Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат додаанд, дур аз сабки эҷодии замони ӯ ва махсусан сатҳи тафаккур ва дониши фарогири Ансорӣ аст, махсусан ғазалҳое, ки дар онҳо тахаллуси Пири Ҳарӣ ва Пири Ансорӣ бо Ансорӣ ва ғайра мавҷуд аст. Шафеии Кадканӣ дар мавриди ин гуна ашъор ба ин бовар аст, ки «на аз рӯйи сабк ва лабу лаҳҷа ва на аз ноҳияи уфуқи фикрӣ бо ривоёти адабии асри Хоҷа сар мехуранд ва фақат тазкиранигорони мутааххир, монанди Озару Ҳидоят ва ғайра бидуни таҳқиқ онро ба номи вай навиштаанд ва ё нависандагоне, ки кутуби маҷъулро, монанди «Ганҷнома» ва «Канзу-с-соликин» дар қуруни мобаъд ба номаш ҷаъл мекарданд. Ин гуна ашъори сустро, ки аксари он аз доштани авзони арӯзӣ низ ориянд, барои гармии бозори худ дар он китобҳо сохта ва пардохтаанд» [Кадканӣ 1394, с. 119].

Ашъори зикргардида чи дар осори худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва чи дар сарчашмаҳои дигар комилан (ба истиснои ғазалиёти шоир, ки перомуни он баҳси алоҳидае хоҳад рафт) ба сабки нигориши адабии асри зиндагии Хоҷа мувофиқат мекунанд. Нимаи дувуми қарни XI, ки қисмати умдаи эҷодиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба ҳамин давра рост меояд, чи аз ҷиҳати сабку услуби эҷод, анвои адабӣ ва чи аз ҷиҳати мавзуоти шеърӣ нисбат ба асри X фарққунанда буд. Дар авоили ин аҳд, яъне нимаи дувуми асри XI ва оғози асри XII шеъри форсӣ таҳти таъсири сабки давраи Ғазнавӣ қарор дошт, илова бар ин, шоироне низ буданд, ки мекӯшиданд аз сабки замони Сомонӣ пайравӣ кунанд. Ба ин гурӯҳ Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Қатрони Табрезиро метавон ворид кард, ки дар боби севум перомуни ин масъала гузориши кӯтоҳе низ хоҳад буд. Бо вуҷуди ин, ҳама гӯяндагони шеъри форсӣ таҳти таъсири авомили тозаву сабки нав буданд, ки бармало эҳсос мешавад.

Мавзуоти муҳимтарини шеъри ин давраҳо иборат аз мадҳ (Унсурӣ, Фаррухӣ), ҳикмату фарсафа (Носири Хусрав) ва ирфон (Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаъиди Абулхайр) буданд. Воридшавии мавзуоти ирфонӣ ба адабиёт аз

ибтикороти тоза ба ҳисоб мерафт ва ин давраро ба таври рамзӣ «дамидани руҳи тоза ба адабиёт» низ мегӯянд [Нуъмонӣ 2016, с. 498]. Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ аксар фарогири мавзуоти ирфонӣ-таълимӣ ҳастанд, ки бештар дар қолаби рубоӣ суруда шудаанд ва ин ҳолат бесабаб нест. Зеро маҳз дар охири асри X ва аввали асри XI истифодаи рубоӣ барои ифодаи мазомини тасаввуфӣ аз ҷониби нахустин шоирони мутасаввиф мавриди истифода қарор дода шуд. Дар ин аҳд Абулҳасани Харақонӣ, Бобо Кӯҳӣ, Абусаъиди Абулхайр ва Абдуллоҳи Ансорӣ, ки ҳамчун шахсиятҳои машҳур дар миёни аҳли тасаввуф эътибор доштанд, дар паҳн кардани андешаҳои тасаввуфию ирфонии худ ҳам тавассути рубоиёти ишқии халқӣ ва ҳам офаридаҳои маҳсули қалами худашон хидмати арзандае карданд. Тамоми сарчашманигороне, ки ба шахсияти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таваҷҷуҳ кардаанд, ҳангоми тавсифи аҳвол ва осори Хоҷа аз рубоиёти ӯ намуна овардаанд, ки ин ваҷҳ аз жанри ғолиб будани рубоӣ дар ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дарак медиҳад. Танҳо ду тан аз тазкиранигорон: Амин Аҳмади Розӣ ва Волаи Доғистонӣ баробари зикри рубоиёт як ғазалро низ овардаанд:

Эй маломаткунони беҳосил,
Саъй камтар кунед дар ботил.
Ҳастам ошуфта дар раҳе, ки дар ӯ
Ҳаст парӣ волаву малак восил.
Дили девона дар сари зулфаш
Кай ба занҷирҳо шавад оқил!?
Эй сабо, эй сабо, ғуломи туям,
Гар гузоре кунӣ бад-он манзил,
Гӯӣ дар орзуят Ансорӣ
Ҷон ҳамедоду ҳасрат андар дил.

Ин ғазал дар тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ дар ҳаҷми 5 байт [Розӣ 1310, с. 143] ва дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ дар ҳаҷми ҳафт байт оварда шудааст:

Аз хаёлаш чӣ шокирам, к-ӯ низ

Нест аз ҳоли ошиқон ғофил...

Ҳоли бечорагони бодияро

Бирасонӣ ба пеши он маҳмил [Доғистонӣ 2018, с. 78].

Ҳарчанд ғазали мазкур дар тазкираҳои болозикр омада ва дар бисёре аз китобҳои баъдинаи таърихи адабиёт ва таҳқиқоти илмӣ [Олимов 1988, с. 106-107] ҳамчун ғазали Абдуллоҳи Ансорӣ зикр шудааст, вале чунин нест. Ин ғазал моли Фахриддини Ироқӣ буда, дар муътабартарин ва куҳнатарин нусхаҳои девони ӯ омадааст. Масалан, дар куллиёти «Девон»-и Ироқӣ бо кӯшиши Носири Ҳиярӣ ва дар муқаддимае, ки ба унвони «Сайри тасаввуф дар Эрон» ба қалами Саъид Нафисӣ навишта шудааст, ғазали мазкур дар бахши «Ушшоқнома» дар ҳаҷми нуҳ байт ва дар куллиёти «Девон»-и Ироқӣ бо кӯшиши Бадриддин Мақсудов низ дар ҳаҷми нуҳ байт омадааст:

Эй маломаткунони беҳосил,

Саъй камтар кунед дар ботил.

Ҳастам ошуфта дар рахе, ки дар ӯ

Ҳаст парӣ волаву малак восил.

Ҳаст васфи ҷамолу наъти лабаш

Бартар аз фикри сомеъу қоил.

Дили девона дар сари зулфаш

Кай ба занҷирҳо шавад оқил?

Ҳар ки як бор дар ҳама умраш

Илтифоте кунад, шавад муқбил.

Аз хаёлаш чӣ шокирам, к-ӯ низ

Нест аз ҳоли ошиқон ғофил.

Эй сабо, эй сабо, ғуломи туям,

Гар гузоре кунӣ бад-он манзил,

Ҳоли бечорагони бодияро

Бирасонӣ ба ёри дар маҳмил.

Гӯ: Ироқӣ дар орзуи рухат

Ҷон ҳамедоду ҳасрат андар дил [Ироқӣ 1342, с. 281; Ироқӣ 2018, с.178].

Сарчашмаи дигар, ки дар он намунае чанд аз рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро метавон дид, «Мирсод-ул-ибод»-и Шайх Наҷмиддини Розӣ, аз мутасаввифаи бузурги қарни XIII мебошад. Мураттиби нусхаи нашри соли 1391 ҳ.қ. (мутобиқ ба соли 2012 мелодӣ) Муҳаммадамини Риёҳӣ дар қисмати шарҳи ҳоли муаллиф ва кайфияти китоб бахши алоҳидаеро таҳти унвони «Ашъори манқул дар «Мирсод-ул-ибод» тартиб дода ва дар он ҷо асомии шоиронеро оварда, ки ашъорашон дар китоб омадааст, вале исми Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин феҳрист дида намешавад. Дар ҳоле ки дар яке аз фаслҳои китоб ба номи «Дар баёни вусул ба ҳазрати Худованд бе иттисол ва инфиол» рубоии зеринро вомехурем, ки аксари сарчашмаҳо онро ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат медиҳанд:

Ишқ омаду шуд чу хунам андар рагу пӯст,
То кард маро тиҳию пур кард зи дӯст.
Аҷзои вуҷуди ман ҳама дӯст гирифт,
Номест зи ман бар ману боқӣ ҳама Ӯст [Шабистарӣ 1391, с. 339].

Сируси Шамисо дар хусуси интисоби ашъори таркиби «Мирсод-ул-ибод» чунин менависад: «Маҷмуан, дар ҳудуди як сулс аз ин ашъор (манзур ашъори дохили «Мирсод-ул-ибод» – И. О.) аз худи муаллиф аст ва нусахи хаттии қадимии интисоби 167 байтро ба ӯ дуруст кардааст. Ашъоре низ аз китобҳои мутасаввифаи муқаддам бар муаллиф... нақл шуда ва аз он миён шаш рубоӣ аз ашъори мазкур дар «Савонеҳ» ва панҷ рубоӣ аз ашъори мазкур дар «Тамҳидот» ва се рубоӣ аз ҷилди аввали «Кашф-ул-асрор» мебошад. Аз ашъори гӯяндагони бузурги дигар аз ... Сайфуддини Бохарзию Маҷдуддини Бағдодӣ ва рубоиёте мансуб ба Абусаъиди Абулхайру Абулҳасани Харақонию Хоҷа Абдуллоҳи Ансорию Бобоафзали Кошонӣ ва чанд шоиру орифи дигар низ нақл шудааст» [Шамисо 1374, с. 115].

Китоби «Мирсод-ул-ибод» аз Наҷмуддини Розӣ, ки аз шоҳкорҳои ирфон мебошад, аз суханону гуфтаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар чандин маврид иқтибос

дорад ва ҳатто мустақиман номи ӯро дар нуҳ маврид [Розӣ 1391, с. 31, 78, 80, 183, 318, 572, 601, 632 ва 640] зикр мекунад. Аксари ақволи овардаи муаллифи китоб бо такя ба «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ аст.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» оид ба ҳунари шоирӣ ва аз хурдӣ шеър сурудани Абдуллоҳи Ансорӣ сухан ба миён оварда, аз ду байти форсиро ба арабӣ тарҷума карданаш ёдовар шудааст. Дар ин хусус ҳангоми баррасии масъалаи заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ баҳс ба миён оварда мешавад [Ҷомӣ, бидуни сол ва ҷои нашр, с. 171–179], бинобар он, такрори онро ин ҷо ҷоиз намедонем. Дар идома ба ҷиҳати дигари назари Ҷомӣ таваҷҷуҳ мешавад.

Ҷомӣ перомуни ҳаёт ва эҷодиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ рисолаи алоҳидае бо номи «Мақомоти Шайхулислом» таълиф кардааст, аммо дар он аз шеър ва шоирии Пири Ҳирот хабаре нест. Дар «Нафаҳот» ба як байте ишора мешавад, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ онро дар васфи ҳамсабақаш сурудааст. Манзараи мазкур маънои онро надорад, ки Пири Ҳирот шоир набудааст, зеро: 1. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, қабл аз ҳама, инояти бештар ба насри Хоҷа дошт ва «Нафаҳот» низ дар татаббуъ ва пайравии «Табақот-ус-суфия»-и Хоҷа навишта шудааст. Ҳамчунин, «Баҳористон», ки сирфан дар пайравии «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ навишта шудааст, яке аз сарчашмаҳои муҳиммаш насри мусаҷҷаъи Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Абдуллоҳи Ансорӣ аз аввалин адибоне мебошад, ки дар хилоли наср порчаҳои назмиро ҷой додааст, ки инро аз ибтикороти муҳимми равиши эҷоди насри бадеӣ метавон ҳисобид, ки «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ идома ва авҷи ташаккули ин ибтикор мебошанд. 2. Абдурраҳмони Ҷомӣ «аз хурдӣ ба бадеҳа» шеър сурудани Ансориро, бо овардани се байти аз форсӣ ба тозӣ тарҷумакардааш ва як байти дар васфи Абуаҳмад ном ҳамсабақаш суруда, ки дар боло аз он ёд шуда буд, ба навъе таъйид кардааст. Ҳамчунин, ӯ аз забони худи Пири Ҳирот чунин меорад: «Ҳар чизе, ки кӯдакон аз ман хостӣ, ки дар фалон маънӣ шеъре бигӯй, бигуфтаме, зиёдат аз он ки он кас хоста будӣ» [Ҷомӣ, бидуни сол ва ҷои нашр, с. 230]. Аз

ин тафсилот чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки Ҷомӣ низ шоир будани Ансориро дар баробари дигар сифоташ эътироф дорад. Ҳатто дар рисолаи кӯчаке аз таълифоти пажӯҳишгари рӯзгору осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ Серж де Буркуй «Гуфтор дар саргузашт, осор ва афкори Хоҷа Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ» аз муҳаббати беандозаи Мавлоно Абурраҳмони Ҷомӣ нисбат ба Пири Ҳирот сухан рафта, ин қасида дар мадҳи Хоҷа аз забони Ҷомӣ оварда шудааст:

Тубо лиравзатин саҷадат арзуҳа-л-ҷабоҳ,
Бушро лисиддатин ласамат турбаҳо шифоҳ.
Ин остонаест, ки аз хоки ӯ баранд
Шоҳони мулк афсару иззу сариру ҷоҳ.
Рух чун ниҳад ба садраҳи волояш офтоб,
Чарх арна зери пош кашад қомати дутоҳ.
Чун абр агарзи сақфи равоқаш чакад матар,
Сар барзанад зи торами чархи барин гиёҳ.
Гирад ҷаҳон зи шамсаи айвони ӯ фурӯғ,
Бар сидқи ин сухан ду гувоҳанд – Меҳру Моҳ.
Бандад ба рӯйи худ ҳама дарҳои ҳодиса,
Ҳар кас, ки оварад ба ҳарими дараш паноҳ.
В-ин манқабат зи давлати соҳибдилӣ гирифт,
К-аз маҳди хок карда дар ин буқъа хобгоҳ.
Пири Ҳирот, зубдаи Ансориён, ки суд
Бар тоқи чархи қуббаи даҳлези ӯ кулоҳ,
Таснифи ӯст дарси муқимони мадраса,
Талқини ӯст зикри муридони хонақоҳ.
Гозургаҳ аст турбати ӯ, к-абри мағфират,
Дар соҳаташ сафед кунад номаи сиёҳ.
Майли сари мазори пуранвори ӯ кашад
Зувворро ба дидаи дил куҳли интибоҳ.
Далви зар аст сурати қандили марқадаш,

К-аз вай раҳад Юсуфи дилҳо зи ҳабси чоҳ.

Нури вилояташ, ки ҷаҳонро фурӯ гирифт,

То ҳашр бод ҳодии афтодагон зи роҳ.

Ҷомӣ, ҳарими каъбаи ҳоҷат ин дар аст,

Рӯйи дуо ба Каъба куну ҳоҷате бихоҳ.

Тавфиқи тавба ҷӯ зи гуноҳи вуҷуди хеш,

То ворҳӣ зи дағдағаи тавбаву гуноҳ [Ҷомӣ 1354, с. 85].

Тазкиранигори асри XVI Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» шахсияти Абдуллоҳи Ансориро ҳамчун муфассир ва назарияпардози тасаввуф овардааст. Аз ҷумла, ӯ менависад: «Ва аз ҷумлаи машоихи ин диёр яке Абуисмоил Абдуллоҳ Муҳаммад ал-Ансорӣ аст ва лақаби вай Шайхулислом буда. Дар «Маҷолис-ул-ишқ» омадааст, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муриди Шайх Абулҳасани Харақонӣ буда ва таснифоти вай яке «Тафсири Қуръон», дигар китобест мавсум ба «Манозил-ус-соирин» ва ин абёт низ аз вай дар назар омада:

Эй маломаткунони беҳосил,

Саъй камтар кунед дар ботил.

Ҳастам ошуфта дар рахе, ки дар ӯ

Ҳаст парӣ волаву малак восил.

Дили девона дар сари зулфаш

Кай ба занҷирҳо шавад оқил.

Эй сабо, эй сабо, ғуломи туям,

Гар гузоре кунӣ бад-он манзил

Гӯй, дар орзуят Ансорӣ

Ҷон ҳамедоду ҳасрат андар дил.

Ва чун суханони эшон бар ҳар забоне мазкур ва дар ҳар варақе мастур аст, ҳароина, аз эроди он даргузашта, шуруъ дар дигар мақсад намуд[Розӣ 1310, с. 143].

Бояд гуфт, ки ин ғазал дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» ҳам омадааст, ки бо ин матн ҳам аз нигоҳи теъдоди абёт ва ҳам таркиби баъзе калимаҳо фарқ дорад.

Ба ин масъала баъдтар, зимни баррасии ахбори Волаи Доғистонӣ таваҷҷуҳ мешавад.

Ҳамчунин, дар ҳошияи сафҳае, ки шеъри мазкур дарҷ аст, рубоиёти зерин навишта шудаанд, ки ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мансубанд:

Айб аст бузург баркашидан худро,
Аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт:
Дидан ҳама касрову надидан худро [Доғистонӣ 2018, с. 143].

Ва:

Масти Туам, аз бодаву ҷом озодам,
Мурғи Туам, аз донаву дом озодам.
Мақсуди ман аз Каъбаву бутхона Тӯӣ,
В-арна ман аз ин ҳарду макон озодам [Доғистонӣ 2018, с. 143].

Дигар:

Дӣ омадаму наёмад аз ман коре,
Имрӯз зи ман гарм нашуд бозоре.
Фардо биравам бехабар аз асроре,
Ноомада беҳ бувад аз ин бисёре [Доғистонӣ 2018, с. 143].

Дар маҷмуъ, дар ин тазкира як ғазал ва се рубоии Абдуллоҳи Ансорӣ оварда шудааст. Аз нигоштаи Амин Аҳмади Розӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ Пири Ҳиротро ба сифати шоир, муфассир ва нависандаи забардаст муаррифӣ кардааст. «Суханони эшон, – мегӯяд Амин Аҳмади Розӣ, – ба ҳар забоне мазкур ва ба ҳар вароқе мастур», ки ин қавл шаҳодати аз шуҳрати вофир бархурдор будани Ансорӣ, чи дар замони зиндагӣ ва чи дар даврони баъдӣ, мебошад.

Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин» аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун «аз машоих ва уламои росих» ёдовар шуда, намунае чанд аз насри мусаҷҷаъи ӯро меорад ва бузургтарин шоҳкории ӯ дар насри ирфонӣ «Манозил-ус-соирин»-ро медонад ва дар ин бора чунин менигорад: «Манозил-ус-соирин китобе камёб аст ва дар ҷазолати алфозу

риояти маонӣ ва гунҷоиши матолибу масоил дар ибороти мухтасар муштаҳар аст» [Ҳидоят 1381, с. 34].

Ризоқулихони Ҳидоят дар идома аз ашъори арабӣ ва форсӣ доштани Хоҷа ёдовар шуда, Ансорӣ ва Пири Ҳарӣ низ тахаллус доштани ӯро зикр мекунад: «Билҷумла, вайро ашъори арабия ва форсия аст. Дар баъзе Ансорӣ, дар баъзе Пири Ҳарӣ тахаллус мефармояд» [Ҳидоят 1381, с. 34].

Дар тазкираи «Риёз-ул-орифин» се байт аз ашъори арабӣ ва шаш рубоӣ (12 байт) аз ашъори форсии Хоҷа мазкур аст. Дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» гуфтаҳои дар «Риёз-ул-орифин» оварда бо каме дигаргунӣ ва маҳдудият такрор гардида ва се рубоӣ аз ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ зикр шудааст. Бояд қайд кард, ки ин се рубоӣ дар ҳарду тазкира якзайл оварда шудаанд. Дар ҳарду тазкира аз Хоҷа 15 байт: 3 байти арабӣ ва 12 байти форсӣ зикр шудааст. Рубоии аввал ҳамон аст, ки дар тазкираи Амин Аҳмади Розӣ омадааст, вале ин ҷо бо андак тағйироте дар мисраи дуюм аст:

Айбест бузург баркашидан худро
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт:
Дидан ҳама касрову надидан худро

Ду рубоии дигар ҷадид буда, инҳоянд:

Гар дар раҳи шаҳвату ҳаво хоҳӣ рафт,
Аз ман хабарат, ки бенаво хоҳӣ рафт.
Бингар ба куҷоӣ, зи куҷо омадаӣ,
Медон, ки чӣ мекунӣ, куҷо хоҳӣ рафт?!

Ва:

Он ҷо ки инояти худоӣ бошад,
Ишқ охири кор порсоӣ бошад.
В-он ҷой, ки қаҳри кибриёӣ бошад,
Саҷҷоданишин калисиёӣ бошад.

Рубоии баъдӣ, ки бо мисраи «Масти Туам, аз бодаву ҷом озодам» оғоз мешавад, бидуни тағйире ҳамон рубоии дуюми тазкираи Амин Аҳмади Розӣ аст.

Рубоии панҷум ҷадид аст, ба ин шакл:

Шарт аст, ки чун мурда раҳи дард шавӣ,
Хокитару ночизтар аз гард шавӣ.
Ҳар к-ӯ зи мурод кам шавад, мард шавад,
Бифкан алифи «мурод», то «мард» шавӣ!

Рубоии охир ҳамон аст, ки Амин Аҳмади Розӣ овардааст ва бо мисраи зерин оғоз мешавад:

Дӣ омадаму наёмад аз ман коре [Розӣ 1310, с. 75].

Тамоми абёти овардашуда дар ду тазкираи Ризоқулихони Ҳидоят ба ашъори дохили осори мансури Хоҷа мувофиқат мекунанд. Аз он ки муаллиф тахаллусоти Ансориро зикр кардааст, маълум мешавад, ки ба ашъори дигари Пири Ҳирот низ рӯ ба рӯ шудааст.

Тазкиранигори асри XVIII Лутфалибеки Озар дар «Оташкада» пас аз зикри ному насаби шоир овардааст, ки «сифоташ берун аз шумор ва мавлиду мадфанаш дар он диёр (Ҳирот – И.О.) аст» [Озар 1337, с. 147]. Баъд аз ин маълумоти мухтасар, ду рубоии Хоҷаро зикр кардааст, ки рубоии аввал дар сарчашмаҳои қаблӣ дучор намешавад:

Ман бандаи осиям, ризои Ту куҷост?
Торикдилам, нуру зиёи Ту куҷост?
Моро Ту биҳишт агар ба тоат бахшӣ,
Он музд бувад, лутфу атои Ту куҷост?!

Рубоии дувум, ки бо мисраи зерин оғоз мешавад, дар манобеи пешин дучор мешавад:

«Масти Туам, аз бодаву ҷом озодам» [Озар 1337, с. 147].

Ҳарчанд дар тазкираи «Оташкада» хеле мухтасар дар мавриди Абдуллоҳи Ансорӣ маълумот оварда шудааст, аз аҳаммият холӣ нест, зеро рубоии аввали

овардаи Лутфалибеки Озар дар бисёре аз сарчашмаҳои мавриди зикр дида намешавад, ба ҷуз абёти дохили осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ.

Дигар аз сарчашманигорони машҳури асри XVIII муаллифи тазкираи «Риёз-уш-шуаро» Алиқул ибни Муҳаммадалӣ, машҳур ба Волаи Доғистонӣ мебошад, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро ба гунаи «қудваи авлиёи замони худ» ситуда, ба шахсияти адабии ӯ арҷ ниҳодааст. Волаи Доғистонӣ дар тазкирааш менависад: «Татаббуи ашъори булағои арабро ба ақсалғоят расонида буд, чунонки худ мефармудааст, ки ман сад ҳазор шеъри тозӣ аз мутақаддимону мутаахирон дар зикр дорам ва зиёда аз шаш ҳазор шеър дар забони тозӣ гуфтаам» [Доғистонӣ 1310, с. 77]. Муаллифи мазкур дар такя ба гуфтаҳои нависандаи «Маҷолис-ул-ушшоқ» Камолиддин Ҳусайни Гозургоҳӣ ғазалеро бо матлаи зер овардааст, ки аз ҳафт байт иборат аст:

Эй маломаткунони беҳосил,

Саъй камтар кунед дар ботил [Доғистонӣ 1310, с. 47].

Чунонки пештар ишора шуда буд, ин ғазал ба матне, ки дар тазкираи Ризоқулихон омадааст, тафовут дорад. Фарқи ҳар ду матн чунинанд:

1. Байти дуюм дар тазкираи Вола чунин аст, ки дар қиёс бо матни қаблӣ шоиронатар аст:

Ҳаст ошуфта бар рухе, ки бар ӯ

Шуд парӣ волаву малак восил.

2. Баъд аз байти сеюм ин байт омадааст, ки дар матни қаблӣ дида намешавад:

Аз хаёлаш чӣ шокирам, к-ӯ низ

Нест аз ҳоли ошиқон ғофил.

3. Баъд аз як байти дигар боз байти зерин илова мешавад:

Ҳоли бечорагони бодияро

Бирасонӣ ба пеши он маҳмил.

4. Дар матни Волаи Доғистонӣ, дар мисраи охир баъд аз таркиби аввал ба ҷойи пайвандаки «ва» аломати вергул омадааст, ба ин сурат:

Ҷон ҳамедод, ҳасрат андар дил.

Аз муқоисаи ҳар ду матн ба чунин натиҷа мерасем, ки матни комили ғазали мавриди назар нусхаест, ки дар «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ сабт шудааст. Волаи Доғистонӣ дар тазкираи худ тахаллуси шоирро ҳам зикр кардааст. Бино ба ахбори вай, тахаллуси Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ «Ансорӣ» буда, «гоҳе бар Пири Ансору гоҳе бар Пири Ҳирот низ тахаллус мефармояд» [Доғистонӣ 1310, с. 78].

Дар ҳамон ғазали боло, ки матни нисбатан комили онро Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» овардааст, тахаллуси аслии шоир истифода шудааст:

Гӯӣ, дар орзуят Ансорӣ

Ҷон ҳаме дод, ҳасрат андар дил [Доғистонӣ 1310, с. 78].

Дар ду ғазали дигаре, ки баъдтар иқтибос хоҳад шуд, дар яке тахаллуси Пири Ансорӣ ва дар дигаре Ансорӣ омадааст.

Бо андешаҳои мундариҷ дар баъзе сарчашмаҳои мазкур, вобаста ба баёни масъалаҳои таҳқиқ, боз  истифода хоҳад шуд. Муаллифи тазкираи «Риёз-ул-орифин» дар радифи тахаллуси аслии Ансорӣ дар баъзе ашъор Пири Ҳарӣ тахаллус кардани шоирро чунин ёдовар шудааст: «Билҷумла, вайро ашъори арабия ва форсия аст. Дар баъзе Ансорӣ, дар баъзе Пири Ҳарӣ тахаллус мефармояд» [Ҳидоят 1375, с. 34].

Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» зимни шарҳи ҳол ва муаррифии осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ чунин меорад: «Аз хурдӣ забони гӯё ва табъи тавоно дошт, чунончи шеъри арабӣ ва порсӣ нек месуруд ва қудрати зеҳни ӯ чунон буд, ки ҳам дар ҷавонӣ дар улуми адабӣ ва динӣ ва ҳифзи ашъори араб шуҳрат дошт» [Сафо 1349, с. 912]. Муҳаққиқи мазкур бо такя ба ахбори «Табақот-ус-суфия» ва «Нафаҳот-ул-унс» фикри мазкурро муътақидан ироа кардааст. Дар маҷмуъ, Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» чаҳор рубоии Ансориро овардааст, ки дар аксари сарчашмаҳо омадаанд ва ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ тааллуқ доранд [Сафо 1349, с. 912].

Ҳамин тавр, Забеҳуллоҳи Сафо, дар маҷмуъ, Пири Ҳиротро ҳамчун шоир дар баробари муфассир ва нависанда будан эътироф намуда, вале шуҳрати ӯро на дар ашъори андаке, ки аз ӯ боқӣ монда, балки аз бобати рисолот ва кутуби машҳуре медонад, ки онҳоро Хоҷа падид оварда ва аз ӯ дар даст дорем [Сафо 1349, с. 912].

Ягона меъёри пешниҳодие, ки ба шоир будани Ансорӣ ва бисёре аз нахустин шоирони дигари суфия шубҳа эҷод мекунад, мувофиқати сабки шеърҳо ба замони зиндагии онҳо аст. Махсусан, муҳаққиқи эронӣ Шафеии Кадканӣ пофишори он аст, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳеҷ гоҳ шеъри форсӣ нагуфтааст. Ӯ рубоиҳои Ансориро «аз шеърият օрианд» низ гуфтааст ва зикри тахаллус дар шеърҳоро ба шоирон ва хешовандони Пири Ҳирот, ки дар қарнҳои баъдӣ зистаанд, мансуб медонад [Кадканӣ 1394, 119]. Перомуни масъалаи ғазалиёт ва анвои дигари шеърӣ метавон ба андешаи Кадканӣ то ҷое розӣ шуд ва ин баҳс дар мавриди баррасии ғазалиёт ва анвои дигари шеърӣ дар ҷойи худ баррасӣ хоҳад шуд. Аммо дар мавриди рубоиёт мо ба андешаҳои Шафеии Кадканӣ розӣ шуда наметавонем ва тезиси «аз шеърият орӣ..» будани рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро ба ҳеҷ ваҷҳ қабул надорем. Барои тасдиқи фикрамон рубоии зеринро мисол меоварем, ки ҳам аз назари қолаб ва ҳам муҳтаво ба талаботи рубоӣ ҷавобгӯ мебошад:

Гоҳе, ки ба тинати худ афтад назарам,
Гӯям, ки ман аз ҳар чӣ ба олам батарам.
Чун аз сифати хештан андар гузарам,
Аз Арш ҳаме ба хештан дарнигарам [Ансорӣ 1349, с. 27].

Дар ин рубоӣ ягон нуктаи заъфи шеърият ва ё дурии сабки нигориш аз давраи зиндагии Хоҷа дида намешавад. Агар бипазирем, ки чунин шеърҳо аз шеърият ориянд, пас рубоиёти шоирони мутасаввифи асри XI-ро, ки ба якдигар пайванди сакбию мавзуӣ доранд, шеър нахоҳем гуфт?! Илова бар ин, агар Абдуллоҳи Ансорӣ ба иддиои Шафеии Кадканӣ, «ҳеҷ гоҳ шеъри порсӣ нагуфта бошад», пас ин навиштаи Ҷомӣ дар «Нафаҳот», ки бешубҳа аз «Табақот-ус-суфия»-и худи Хоҷа иқтибос овардааст: «Ҳар чизе, ки кӯдакон аз ман хостӣ, ки

дар фалон маънӣ шеъре бигӯй, бигуфтаме, зиёдат аз он, ки он кас хоста будӣ»-ро метавон ботил шумурд, ки берун аз адл ва ҳақиқати таърихист. Агар бипазирем, ки Ансорӣ ҳеҷ гоҳ шеъри форсӣ насурудааст, пас чӣ гуна ба дархости ҳамасабақон дар дилхоҳ мавзуъ шеър суруд. Чун наметавон гуфт, ки ҳама ҳамсабақони замони кӯдакии Хоҷа арабизабон буданд ва ё порсиро намедонистанд.

Перомуни иддиои тахаллусзамкунии дигарон ба Ансорӣ шарқшиноси барҷастаи Шуравӣ Е.Э. Бертелс чунин менависад: «То кунун таърихи пайдо шудани тахаллус дар чакомаҳои ғиноии порсии дарӣ ҳанӯз пайковӣ ва омӯхта нашудааст. Метавон гуфт, ки бисёр кунҷковбарангез аст, ки дар он рӯзгорон, ҳамчун дар ғазалиёти оғозини инҷаҳонӣ, тахаллус дида намешавад ва тахаллус дар шеъри суфия дар ҳамон марҳалаи оғозини рушди он, дар осори Бобо Кӯҳӣ (вафот ба соли 1050-и тарсоӣ), Абдуллоҳи Ансорӣ (вафот ба соли 1088 тарсоӣ) ва Аҳмади Ҷомӣ (вафот ба соли 1141 тарсоӣ) падидор мешавад. Ҳатто агар бипазирем, ки шеърҳои ин шоирон сахт «мудерниза шуда» (аз шакли аслашон дур афтода – И. О.) ба дасти мо расидааст, боз ҳам бояд пиндошт, ки гумон намеравад тахаллусро дар рӯзгори дертар ба он афзуда, дароварда бошанд... Танҳо чунин пиндоре ба андеша меояд, ки бар он ҳам нестем рӯйи он пофишорӣ кунем; медонем, ки бештари шоирони оғозини суфия аз мардуми шаҳрҳо буда ва бастагии танготанге ба пешаварон доштаанд, ки дастинаи худро, «амали фалон» рӯйи беҳтарин корҳои хеш бигзоранд» [Бертелс 2016, с. 627].

Маълум аст, ки ашъори Ансорӣ аксар дар дохили осори мансури худаш мундариҷ аст ва ба гумони ғолиби аксари муҳаққиқон ва тазкранависон, онҳо мансуб ба Пири Ҳиротанд. Ба ҳамин тартиб, сарчашманигорон ва ба такя ба ахбори онҳо аксари муҳаққиқони муосир, ки ба аҳволу осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таваҷҷуҳ кардаанд, ӯро ба сифати нависанда, назарияпардози тасаввуф, ориф, муҳаддис ва шоир зикр кардаанд. Аксари муаллифони сарчашмаҳо ҳангоми овардани намунаи шеър аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ рубоиёти ӯро бештар зикр кардаанд, вале нуқтаи дигари қобили тазаккур он аст, ки баъзе аз муҳаққиқон Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз зумраи аввалин шоирони ғазалсарои

тасаввуф низ донистаанд. Ин нуктаро муҳаққиқи барҷастаи рус Рейснер М. Л. дар китоби «Поэтика средневековых литератур Востока. Традиция и творческая индивидуальность», ки бахши алоҳидаеро дар он бо номи «Трансформатция традиционых мотивов в поэтических произведениях Абдуллаха Ансари (XI в.)» ба ашъори шоири мо бахшидааст, чунин овардааст: «Аз асри XI то замони мо танҳо ғазалҳои ду шоир – Бобо Кӯҳии Шерозӣ (ваф. тақр. 1050) ва Абдуллоҳи Ансорӣ (1005–1088) боқӣ мондаанд. Агар аввалин аз худ девони ғазал боқӣ монда бошад, дувумин осори насрӣ боқӣ мондааст, ки дар он ғазал вуҷуд дорад» [Рейснер 1989, с. 137].

Масъалаи дигаре, ки мо ба он таваҷҷуҳ мекунем, мувофиқати ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида бо ашъори мастур дар хилоли осори мансури худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Аз муқоисаи ашъори ба даст овардаамон ба ашъори таркиби асарҳои насрии Абдуллоҳи Ансорӣ маълум гардид, ки тамоми ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида дар хилоли осори мансури Хоҷа ҳузур дошта ва мувофиқат низ мекунанд. Танҳо ғазали «Эй маломаткунони беҳосил» ба ғайр аз тазкираҳои «Ҳафт иқлим» [Розӣ 1310, с. 143] ва «Риёз-уш-шуаро» [Доғистонӣ 2018, с. 78] на дар осори Хоҷа ва на дар маохизи дигар дида намешавад. Ҳамон гуна ки дар боло зикр кардем, ғазали мазкур дар девони Ироқӣ низ дида мешавад ва ба гумони ғолиб, моли ӯст.

Ба сурати куллӣ, дар сарчашмаҳое, ки онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем, ба теъдоди зайл ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дарҷ шудаанд:

Дар тазкираи «Ҳафт Иқлим»: як ғазал дар ҳаҷми 5 байт ва се рубоӣ, дар «Риёз-ул-орифин»: се байти арабӣ, 12 байти тоҷикӣ (6 рубоӣ); дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»: 6 байт (3 рубоӣ); дар «Оташкада»: 6 байт (се рубоӣ); дар «Риёз-уш-шуаро»: як ғазал дар ҳаҷми 7 байт ва 5 рубоӣ; дар «Райҳонат-ул-адаб»: 3 рубоӣ. Ҳамагӣ 22 рубоӣ ва 2 ғазал дар сарчашмаҳои мазкур зикр шудааст, ки дар он миён 5 рубоӣ дар чанд сарчашма такрор ёфтааст. Масалан, рубоиҳое, ки бо мисраи «Дӣ омадаму наёмад аз ман коре» оғоз мешаванд, дар 5 сарчашма («Ҳафт иқлим», «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Риёз-ул-орифин», «Риёз-уш-шуаро» ва «Райҳонат-ул-адаб») як хел ва бидуни тағйир оварда шудааст. Ба ҳамин тартиб,

рубоиҳои «Масти Туам аз бодаву ҷом озодам», «Айб аст бузург баркашидан худро», «Шарт аст, ки чун мурда раҳи дард шавӣ», «Ман бандаи осиям, ризои ту куҷост» дар ду-се сарчашмаи якхел оварда шудаанд. Аксари ин рубоиётро ба ғайр аз тазкираҳо, ҳамчунин, дар китобҳои таҳқиқии адабӣ низ дидан мумкин аст. Аз ҷумлаи ин гуна китобҳо «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик»-и Расул Ҳодизода, «Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ»-и Кароматулло Олимов, «Сабк ва мухтассоти насри Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ»-и Доктор Ҷовид, «Таърихи тасаввуф дар ислом»-и Қосим Ғанӣ, «Адабиёти тоҷик дар асрҳои XII–XIV», «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» таълифи Муҳаммад Сарвари Мулоӣ ва ғайраро метавон номбар кард.

Аксарияти муҳаққиқони таърихи адабиёт ва шарқшиносон дар зимни тавсифи адабиёти мутасаввифа ва намояндагони барҷастаи адабиёти асри XI аз Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун шоир, нависанда, назарияпардози тасаввуф ёд ва намунае аз ашъорашро барои мисол зикр кардаанд. Ашъори дар сарчашмаҳо зикршуда баёнгари шоири тавонои аҳди аввали адабиёти тасаввуфӣ будани Абдуллоҳи Ансорӣ буда, ҳамчунин, барои муайян кардани мансубияти шеърҳо ва тадвини девони номураттаби Хоҷа кумак мерасонанд. Баррасӣ ва таҳлили ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ барои боз ҳам васеътар омӯхтани вазъи адабиёти нимаи дуввуми асри XI, хосатан адабиёти тасаввуфӣ, кумаки зиёде хоҳад кард. Сабаби ба миқдори зиёд наовардани ашъори Ансорӣ дар тазкираҳо маъруфияти сурудаҳои ӯ дар миёни мардум ва зикри ҳамешагии онҳо дар забонҳо мебошад. Чунонки Амин Аҳмади Розӣ таъкид кардааст, «чун суханони эшон бар ҳар забоне мазкур ва дар ҳар вароқе мастур аст, ҳароина, аз эроди он даргузашта, шуруъ дар дигар мақсад намуд» [Розӣ 1310, с. 143]. Агар ахбори муаллифони сарчашмаҳои мазкурро ба сурати ҷомеъ ҷамъбаст ва натиҷагирӣ бикунем, ба чунин хулоса мерасем, ки кулли онҳо дар масъалаи ба шеъру шоирӣ алоқа доштани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таъкид варзида, намунаҳое аз ашъори шоирро дар китобҳояшон зикр кардаанд. Ҳатто ба соҳибдевон будани Ансорӣ ҳам ишора шудааст, ки таъкиде беҷо нест. Бахусус, зикри тахаллус дар шеърҳо ва ёдоварии муаллифони баъзе аз сарчашмаҳо аз тахаллусҳои шоир гувоҳи

раднопазири шеър сурудани Ансорӣ ва ҳамчун шоир маъруфият доштанаш мебошад. Ҳеч кадом аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ фаъолияти шоирии ӯро рад накардаанд.

### 1.1.2. Осори насрии Ансорӣ ва ашъори мундариҷ дар онҳо

Абдуллоҳи Ансори аз нависандагони пурмаҳсули замони худ буда, осори мутааддиде аз ӯ боқӣ мондааст. Тамоми осори Ансориро, ки аксари пажӯҳишгарони осори ӯ, ба монанди Серж де Буркй, Абдулҳай Ҳабибӣ, Султонҳусайн Тобандаи Гунободӣ, Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ, Артур Ҷон Арбери, Фикрии Салҷуқӣ, Кароматулло Олимов ва дигарон дар он иттифоқ доранд, ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд:

1. Китобҳое, ки худи Шайхулислом навишта ва ё аз осори мустақими ваянд;

2. Китобҳое, ки онҳоро шогирдонаш аз гуфторҳои вай фароҳам овардаанд;

3. Осори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар асрҳои баъдӣ таълиф гардида, вале на аз навиштаҳои мустақим ва на аз гуфторҳои имлошудаи вай аст. Балки нависандагони суфимашраби дигар онҳоро навишта ва дар зимни баҳсҳои худ бархе аз муноҷотҳову аҳволи ӯро ба ибороти мутаорифи рӯзгор даровардаанд. Чунин назар ҳам мавҷуд аст, ки агар чунин осор ба назари интиқодӣ дида шаванд, интисоби бархе аз онҳо тавҳине ба мақому остони баланди Абдуллоҳи Ансорист. Мо низ баъди тафаҳҳус ва баррасии осори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба табақабандии боло иттифоқи назар дорем.

Шарҳи мухтасари осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар баъзе аз онҳо ашъори муаллиф низ дарҷ шудаанд, ба гунаи зер аст:

Кутуби арабӣ.

1. «Манозил-ус-соирин ила-л-ҳақҡ-ил-мубин»: Ин асар аз ҷумлаи осори муҳимми Абдуллоҳи Ансорӣ аст, ки дар шарҳи манозили соликини тариқат ба

забони арабӣ ва баъд аз «Сад майдон» навишта шудааст. Он аз 10 боб (бидоёт, абвоб, муомилот, ахлоқ, усул, водиҳо, аҳволи вилоёт, ҳақоиқ ва ниҳоёт) иборат буда, ҳар боб шомили 10 манзил аст. Бе ҳеч тардиде, китоби мазкур аз шинохтатарин таълифоти Ансорӣ аст, ки дар баёни сайру сулуки суфия мақоми баланд дорад. Муҳаддис ва таърихнигори исломӣ Шамсуддини Заҳабӣ менависад: «Манозил-ус-соирин» китоби нафисест дар тасаввуф. Дидам, ки «ваҳдативуҷудиҳо» ин китобро бузург медоранд ва онро ба ақоиди хеш мансуб мекунанд ва мепиндоранд, ки ҳамоҳанг бо тасаввуфи фалсафии эшон аст ва шайхи мо, Ибни Таймия бо ин ки Шайхулислом Ансориро бисёр бузург медошт, ба хотири ин китоб сахт ба ӯ метохт ва мо аз Худованд саломату бахшоиш металабем» [Заҳабӣ 1345, с. 490].

Куҳнатарин нусхаи ин китоб дар шаҳри Венаи Утриш маҳфуз аст, ки соли 1242 навишта шуда [Ҳабибӣ 1342, с. 86]. Соли таълифи ин китоб аниқ нест ва чунин ба назар мерасад, ки аз замони қадим нусхаҳои ин китоб дастхурдаву дар нусхаҳои хаттии он ихтилофи фаровоне рӯй дода буд, ки Ҳоҷӣ Халифа низ ба ин нукта ишорате дорад [Ҳоҷӣ 1310, с. 1828]. Шайх Абдурразоқи Кошонӣ (ваф. 1331) дар охири шарҳи «Манозил-ус-соирин» менависад, ки нусахи ин китоб бо ҳам мухталифу мутабоин буда ва дар он халти фаровон рӯй дода буд. Абдулҳай Ҳабибӣ дар хусуси қадимтарин нусхаи китоб чунин қайд кардааст: «Ман нусхае аз ин китоб ёфтам, ки дар санаи 475 ҳ. ба маҳзари Шайхулислом хонда шуда ва бар он иҷозатномае ба хатти худи Шайх навиштааст» [Субкӣ 1394, с. 117]. Шафеии Кадканӣ дар баёни арзиши ин китоб чунин назар дорад: «Агар чанд асари ангуштшумор дар таърихи ислом ном бихоҳем бибарем, ки дар маъорифи суфия ҳамвора мавриди таваҷҷуҳу баҳсу тадрис будаанд, бегумон, яке аз он осор «Манозил-ус-соирин» аст» [Кадканӣ 1394, с. 115].

Абдурраҳмони Ҷомӣ менависад: «Ҳусайн ибни Муҳаммади Бошонӣ бошад, ки аз Абуусмони Мағрибӣ самоъ дошта ва номаш дар «Табақот-ус-суфия» омадааст. Дар хутбаи «Манозил-ус-соирин» аз Фароизӣ ҳадисе ривоят шудааст» [Ҷомӣ 1355, с. 81]. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки бевосита ба осори Шайхулислом таваҷҷуҳи хосса дошт, ҳам дар «Нафаҳот» ва ҳам дар

«Маноқиб» хеле зиёд аз «Табақот», «Манозил-ус-соирин» ва «Муноҷот»-и Пири Ҳирот ёдовар шудааст. Алишери Навоӣ низ дар «Маҷолис-ун-нафоис» аз «Манозил-ус-соирин» дар чаҳор мавриd сухан ба миён овардааст [Навоӣ 2018, с. 63].

Ба ҳамин ваҷҳ, Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» бо такя ба «Маҷолис-ул-ишқ» ба Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат доштани «Тафсири Қуръон» ва «Манозил-ус-соирин»-ро зикр кардааст [Розӣ 1310, с. 143]. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» аз осори Пири Ҳирот танҳо номи «Манозил-ус-соирин»-ро овардааст [Ҳидоят 1375, с. 34]. Ҳамчунин, муаллифи мазкур дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» аз «Манозил-ус-соирин», «Муноҷот» ва «Анвори таҳқиқ» ёдовар шудааст [Ҳидоят 1381, с. 76]. Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» аз ҷумлаи осори Хоҷа танҳо номи «Манозил-ус-соирин»-ро овардааст [Доғистонӣ 2018, С. 117].

2. «Замм-ул-калом ва аҳлиҳӣ». Ин китоб ба нақди рафтори касоне, хосатан мутакалимин, ки вориди мабоҳиси илми калом шудаанду бо тарҳи масоили эътиқодӣ мардумонро аз дин то ҷое дур кардаанд, навишта шудааст. Равиши муаллиф бар ин будааст, ки вақте динро пазируфтем, дигар дар бораи он набояд дурандешӣ кунем. Шайхулислом бо каломиён ва ашъариён ҳамраъй набуд ва китоби мазкурро низ дар радди эшон навиштааст. Тоҷиддини Субкӣ дар «Табақоти Шофеия» менависад: «Шайхулислом дар ин китоб ба мухолифати ашъариён муболиға кард ва аллома Заҳабӣ бархе аз матолиби ин китобро написандида ва аз хондани он мардумро бозмедошт, ки имом Бурҳониддин Умари Бақоъӣ муфассири онро дар Қоҳира ба соли 846 ҳ. танқеҳ кард ва Ибни Ҳаҷар дар «Маҷмаъ» аз он зикре менамояд» [Субкӣ 1324, с. 117]. Як нусхаи қадими «Замм-ул-калом» дар музеи Британиё таҳти рақами 27520 мавҷуд аст, ки бар варақи аввали он Муҳаммад ибни Муҳаммади Моликӣ дар санаи 1345 роҷеъ ба Шайхулислом ёддошти хеле муҳим навиштааст.

3. «ал-Форик фӣ-с-сифот». Шамсиддини Заҳабӣ номи ин рисолаи Ансориро нақл кардааст [Заҳабӣ 1410, с. 1068; Заҳабӣ 1410, с. 490; Заҳабӣ 1410, с. 731], вале перомуни боқӣ мондани нусхаҳои он то имрӯз маълумоте дар даст

нест. Исмоилпошо дар «Асмо-ил-мусаннифин» меорад, ки Тоҷиддини Субкӣ гуфтааст: «Ин китоб бар исботи сифоти Худовандӣ баҳс меорояд» [Мавлоӣ, 1377, с. 452].

4. «Китоб-ул-арбаъайн». Ин китобро аллома Тоҷиддини Субкӣ ҷудогона зикр карда ва гӯяд, ки бархе аз аҳли бидъат онро «ал-Арбаъа фӣ-с-сунна» гуфтаанд. Ин китоб ҳовии таърифи сифоти Худованд дар асоси аҳодиси набавӣ (он чи аз забони Расул (с) дар бораи сифоти Худо ривоят шуда) мебошад. Аз ҷиҳати сабки нигориш ва мавзуъ ба «ал-Фориқ» хеле шабоҳат дорад. Дар китоб мафоҳими зинда – «Ҳай» будани Худованд ва ин ки ба хоб намеравад ва ин ки Худойи таъоло «Шахс» аст ва дорои «Нафс» ва дар осмон аст ва бар Арш ва қидам бар курсӣ дорад ва дорои «Ҷиҳат» аст ва дорои «Ваҷҳ» аст ва дорои «Сурат» аст ва «ду чашм» дорад ва соҳиби «самъу басар» аст ва «ду даст» дорад ва Одаму биҳиштро ба ду дасти хеш офарид ва дорои асобеъ (ангуштон) аст ва механдаду ба «осмони дунё» нузул мекунад ва Расул (с) Ӯро ба ду чашми хеш дар шаби Меъроҷ дидааст ва дар бедорӣ муъминон ӯро дар ҳашр аён хоҳанд дид ва Худованд дорои калом аст ва каломи Худованд ғайри махлуқ аст, баррасӣ мешавад.

5. «Шарҳ-ит-таъарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф». Китобест, ки онро Хоҷа дар шарҳи китоби ҳамном аз Абубакр Муҳаммади Кулободии Бухорӣ навиштааст. Исмоилпошо ин китобро дар «Асмо-ил-мусаннифин» ба қатори муъаллафоти Абдуллоҳи Ансорӣ ном мебарад [Мавлоӣ 1377, с. 452]. Аз ин китоб то имрӯз ба ҷуз ном дар сарчашмаҳо чизе дар даст нест.

6. «Manоқиб-ул-Имом-ил-Ҳанбал». Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, пеш аз ҳама, ҳанбалимазҳаб буд ва ба Имом Аҳмад ибни Ҳанбал ихлоси зиёд дошт, ки ин муҳаббат боиси навиштани китоби мухтасаре гардидааст. Ба таъйиди Шамсиддини Заҳабӣ, «муҷалладе дар маноқиби ӯ таълиф кардааст, ки баъзе аз уламо онро аз вай самоъ кардаанд» [Заҳабӣ  1410, с. 1068; Заҳабӣ 1410, с. 490]. Ба қавли Хоҷӣ Халифа ва Исмоилпошо, Шайхулислом китоберо дар маноқиби Имом Ҳанбал навишта буд [Ҳоҷӣ 1310, с. 52], ки акнун аз вуҷуди он хабаре дар даст нест.

7. «ал-Хулоса фӣ ҳадиси кулли бидъат ва-з-зилолат». Ин китобро Ҳоҷӣ Халифа дида будаст [Ҳоҷӣ 1310, с. 720]. Исмоилпошо низ аз ин китоб ёд кардааст [Мавлоӣ 1377, с. 452].

8. «Тафсир-ул-Ҳиравӣ» ё «Тафсир ба забони дарвешон». Дар бораи тафсири Шайхулислом қадимтарин санад аз навиштаи як нафар мухлис ва иродатманди Шайх, яъне Абулфазли Майбудӣ дар соли 1126 мавҷуд аст, ки сиву нуҳ сол баъд аз марги Ансорӣ дар муқаддимаи тафсири бузурги даҳҷилдаи «Кашф-ул-асрор»-и хеш чунин менависад: «Ман китоби фариди асру ваҳиди давр Шайхулислом Абуисмоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ Ансориро дар тафсири Қуръону кашфи маонии он хондам, ки дар лафзу маънӣ ва таҳқиқу зебоӣ ба ҳадди эъҷоз расида буд, вале чун дар ниҳояти эъҷозу кӯтоҳӣ буд, мақсади омӯзандагону раҳравон аз он баровардa намешавад. Бино бар ин, ба шарҳу тафсири он пардохтам» [Майбудӣ 1337, с. 4]. Матни аслии «Тафсир»-и Шайхулислом акнун дар даст нест, вале чиҳил сол баъд аз вафоташ дар дасти Майбудӣ буда, ки таҳкурсии кори худро дар навиштани «Кашф-ул-асрор» бар он гузоштааст.

Аллома Ҷалолиддини Суютӣ менависад: «Шайхулислом умреро ба тафсири каломи илоҳӣ гузаронида ва гуфтӣ, ки ин тафсири ман мултақат аз яксаду ҳафтод тафсири дигар аст» [Суютӣ 1396, с. 58]. Нависандаи китоби «Маҷолис-ул-ушшоқ», ки яке аз ҳамшаҳриёни Абдуллоҳи Ансорӣ буд, ин китоби Шайхро «Тафсир ба забони дарвешон» гуфта ва Исмоилпошо низ зикре аз онро дорад.

9. Рисолае ба забони арабӣ. Ба қавли шарқшинос Ритер, дар китобхонаи Кушки Бағдод ба рақами 510 як рисолаи арабии Шайхулислом мавҷуд аст, ки мавзуи он асноди мавҷудот ба Холиқ, яъне дар фалсафа ва ҳикмати офаринш мебошад.

10. «Қасида фӣ-л-эътиқод». Субкӣ дар бораи ин қасида чунин гӯяд: «Ва лаҳу қасидат фӣ-л-эътиқодоту-н-набӣ ани-л-изом фӣ ҳозол-маънӣ» [Субкӣ 1324, с.18]. Аз ин навиштаи Субкӣ бармеояд, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин қасида ақоиди худро ба наҳве гуфта буд, ки дигарон онро аз изом шумурдаанд.

II. Китобҳои форсӣ

Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро ба забони форсӣ низ осори мутааддиде ҳаст, ки қисме комил, қисме пароканда ва иддае танҳо бо унвон ба мо расидааст. Дар мабоҳиси зер мурure ба соири осори форсии Пири Ҳирот мекунем:

1. Рисолаи «Чиҳилу ду фасл». Зоҳиран, баъд аз «Табақот-ус-суфия» муфассалтарин асаре, ки дар миёни осори Хоҷа боқӣ мондааст, китобест, ки Муҳаммади Шервонӣ «Рисолаи муфассалаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ дар чиҳилу ду фасл дар тасаввуф» номидааст [Мавлоӣ 1352, с. 252]. Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ онро ба унвони «Рисолаи чиҳилу ду фасл дар ҳикоёти машоих» чоп кардааст. Шафеии Кадканӣ, ки бевосита китоби мазкурро аз маҷмуаҳои болозикр ташхис кардааст, дар сохтори китоб чунин мегӯяд: «Сохтори китоб дар матни мавҷуд, ки оғози он афтодагӣ дорад, бад-ин гуна аст, ки муаллиф дар ин чиҳилу ду фасли мавҷуд, ҳар фаслеро ба чанд ҳадис оғоз мекунад ва сипас тарҷумаи ҳадисҳоро ва он гоҳ таҳти унвони ишорот бо лаҳни хитобӣ баҳсе дар масоили зуҳду ахлоқу тасаввуфро матраҳ мекунад ва он гоҳ ҳикояте аз яке аз бузургони зуҳду тасаввуфро бо ишороте ба зиндагиномаи ӯ меоварад» [Кадканӣ 1394, с. 70].

Пажӯҳишгароне, ки оид ба осори арабию форсии Пири Ҳирот баҳс ба миён овардаанд, дар боби ин асари ӯ тардиде надошта, онро аз осори мусаллами Ансорӣ медонанд. Аммо Шафеии Кадканӣ чунин ақида дорад, ки «... ба яқин метавон гуфт, ки ин асар наметавонад аз осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба шумор ояд... Он чи муртабит ба сабки шахсии Хоҷа Абдуллоҳ аст ва ин китоб аз он бебаҳра аст...» [Кадканӣ 1394, с. 70].

2. «Муноҷотнома». Ин асар бо номҳои «Муноҷот», «Илоҳинома» ё «Малфузот» низ ёд мешавад. Бе ҳеч тардиде, миёни осори насрии форсии Пири Ҳирот аз «Муноҷотнома»-и ӯ дида машҳуртаре наметавон ёфт. Шуҳрати муноҷотҳои ӯ ба ҳадде ҳаст, ки дар қуруни баъд аз зиндагии Ансорӣ бисёр асҷоъ ба номи ӯ сабт шудаанд, ки ташхиси муноҷотҳои худи Хоҷа дар ин миён низ мураккаб аст. Ҳамон гуна ки рубоиёти Умари Хайём низ ҳудуди ҳазор ададро гузашта, дар ҳоле ки рубоиёти мансуб ба худи Хайём хеле каманд.

Муноҷотнома ва Илоҳиномаҳои мутааддиде ҳам асрҳои баъдӣ ба номи Абдуллоҳи Ансорӣ шуҳрат пайдо кардаанд. Ҳоҷӣ Халифа, ки ду «Илоҳинома»-ро ба номи Саноӣ ва Аттор зикр мекунад [Ҳоҷӣ 1310, с. 161], аз вуҷуди «Илоҳинома» ё «Муноҷотнома»-и алоҳида ба номи Абдуллоҳи Ансорӣ ном намебарад. Аз ин бармеояд, ки аксари «Илоҳинома»-ҳои мутааххир маҷъуланд. Масалан, дар соли 1927 дар Дакан китоби кӯчаке ба номи «Муноҷот ва насоеҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» бо табъи нафис ва хатти зебое нашр мешавад, ки дар он ашъори бархе аз шуарои мутааххир, ки дар асри Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ ҳанӯз ба дунё наомада буданд, мудавван шудаанд. Масалан, ин абёти «Махсан-ул-асрор»-и Низомӣ дар ҳамин маҷмуа дида мешавад:

Айби касон мангару эҳсони хеш,
Дида фурӯ каш ба гиребони хеш.
Ойина рӯзе, ки бигирӣ ба даст,
Худ шикан он рӯз, машав худпараст [Ганҷавӣ 1260, с. 78].

Аммо бо ин ҳама, наметавон гуфт, ки Хоҷа китобе бо номи «Илоҳинома» ё «Муноҷотнома» надошт. Ибни Раҷаб ҳангоми зикри Қозӣ Соъид ибни Сайёри Ҳиравӣ, донишманди муосири Ансорӣ аз гуфтаи ӯ чунин меорад: «Самиъту Шайхулислом ал-Ансорӣ яқул. Илоҳӣ! Аъсамату ав мағфарат, фақат зоқат бино тариқу-л-маъзур» [Мавлоӣ 1377, с. 468]. Ба гуфтаи Байҳақӣ, ин Қозӣ муллои Султон Масъуди Ғазнавӣ ва нависандаи «Мухтасари Соъидӣ» буд [Байҳақӣ 1383, с. 229] ва ба қавли аллома Заҳабӣ, дар 1126 вафот ёфт. Чун вай муосири Шайхулислом буд ва аҳодисро мустақиман аз ӯ шунида буд, пас гуфтаи ӯ дар вуҷуди шуҳрати «Муноҷот» санаде қадимтар ва устувортар аст.

Перомуни вуҷуд ва набуди китобе ба номи «Муноҷотнома» ва «Илоҳинома»-и мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ Абдулҳай Ҳабибӣ чунин менависад: «Муноҷотҳо» ва «Илоҳинома»-ҳои мутааддид дар ин авохир ба номи Шайхулислом мансуб ва табъ шудаанд, магар чунин ба назар меояд, ки худи Шайхулислом маҷмуае ба номи «Муноҷот» ё «Илоҳинома» нанавишта буд. Зеро Ҳоҷӣ Халифа, ки ду «Илоҳинома»-ро ба номи Саноӣ ва Аттор зикр

кунад [Ҳоҷӣ 1310, с. 161], аз вуҷуди «Илоҳинома»-е ё «Муноҷот»-и ҷудогона ба номи Шайхулислом хабаре надорад [Ҳабибӣ 1342, с. 195].

Қадимтарин нусхаи асили «Муноҷотнома» дар ду китоби муосирони Шайхулислом ба даст меояд. Нахуст, «Табақот-ус-суфия», ки дар он шогирде аз дабистони Ансорӣ басо аз аҳволу гуфторҳо ва муноҷотҳои устодро фароҳам оварда. Дигар, даҳ ҷилди «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ, ки дар он миқдори мутааддиди ин гуфтаҳо омада ва ин ду китоби мустанад ва қадимӣ ҳанӯз дастраси ҳаводорон аст. Муҳтаво ва таркиби «Муноҷотнома» низ монанд ба мавзуоти дохили «Табақот-ус-суфия» ва «Кашф-ул-асрор» аст, зеро аксари ин муноҷотҳо дар ду китоби мазкур дида мешаванд ва онро гулчине аз муноҷотҳои дохили «Табақот-ус-суфия», «Кашф-ул-асрор» ва дигар китобҳои Абдуллоҳи Ансорӣ бояд донист. Қадимтарин нусхаи ин китобро ҳам метавон тавъам бо нусхаи «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» донист, зеро дар шакли мудавван маҳз дар дохили ҳамин маҷмуа омадааст. Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ қадимтарин нусхаи дастёфта аз ин китобро, ки дар дохили расоили ҷомеъ омадааст, ба соли 877 ҳиҷрӣ (1498 мелодӣ) мансуб медонад [Мавлоӣ 1377, с. 203].

Ҷазвҳои Шайхулислом. Нависандаи «Табақот-ус-суфия» аз ҷазвҳои Хоҷа низ зикре дорад ва дар шарҳи ҳоли Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ гӯяд: «Дар ҷазвҳои Шайхулислом буд ба хатти вай навиштаи рӯзномаи ин фасл» [Ансорӣ 1386, с. 420]. Аммо ҷуз «Табақот-ус-суфия» дар ҳеч сарчашмаи дигар номе аз ҷазвияҳои Хоҷа нарафтааст.

Тамоми китобҳои форсии Абдуллоҳи Ансорӣ маҳсули коргоҳи ҳунарии ӯ буда, мувофиқ ба завқу истеъдоди Пири Ҳирот мебошанд. Маҳз қисме аз ин китобҳо, махсусан, китобҳое, ки дар дохили «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» омадаанд, марҷаи дарёфти ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мебошанд.

III. Амолиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ:

1. «Табақот-ус-суфия». Аз осори муҳимми Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки ба лаҳҷаи ҳиравӣ ба мо расидааст, китоби «Табақот-ус-суфия» мебошад. Онро дар маҷолиси тазкири худ ҳангоми тафсиру таҳлили «Табақот-ус-суфия»-и

Абдуррахмони Суламӣ таҳрир кардаву бо илова ва такмил шогирдонаш имло кардаанд. «Табақот-ус-суфия» муҳимтарин манбаъ перомуни зиндагии Ансорӣ буда, маҳз дар ҳамин китоб зикри «аз хурдӣ ба бадеҳа шеър сурудани» Пири Ҳирот омадааст.

2. «Сад майдон». Ин китобест, ки шогирдони Пири Ҳирот аз суханони ӯ дар маҷолиси ваъз китобат кардаанд. Яъне, он таҳрири маҷолиси ирфонии ӯст. Зимнан, чунин равиш дар таърихи адабиёт собиқаи пешин дошт, ки намунаи дигари барҷастаи онро дар мисоли «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абусаъид», навиштаи Муҳаммад ибни Мунаввар аз наберагони Абусаъиди Абулхайр метавон гуфт. Шафеии Кадканӣ ба ин бовар аст, ки рисола «бо тағйироти фоҳиш то имрӯз ба дасти мо расидааст» [Кадканӣ 1394, с. 86]. Рисолаи мазкур дар тартиби мадориҷ ва мақомоти соликон ва таъйини таърифҳои он навишта шудааст. Нусхаҳои хаттии ин китоб хеле каманд ва ҳатто Ҳоҷӣ Халифа низ аз зикри он хомӯш аст. Бори аввал ин китоб дар соли 1954 бо ҳиммати донишманд С. де Буркуй аз рӯи ду нусхаи хаттии Истанбул ва Порис дар Қоҳира нашр шудааст [Мавлоӣ 1377, с. 128]. Баъд аз ин борҳо ин рисола нашр шудааст.

3. «Мақомот». Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ дар «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» чунин менависад: Нависандаи «Табақот-ус-суфия» ба ин ном китобе аз осори Хоҷа дар даст доштааст, ки дар бораи «Мақомот» ройи Шайхулисломро дар «Табақот-ус-суфия» аз он навишт [Мавлоӣ 1377, с. 214]. Имлокунандаи ин китоб яке аз шогирдони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ – Имом Солеҳ Абулфатҳ Абдулмалик ибни Абдуллоҳ ибни Абисаҳли Ҳиравии Каруҷӣ аст, ки ба қавли Заҳабӣ, гуфторҳои Шайхро дар камоли диққат ва садоқат менавишт, ки дар санаи 1063, дар Караҷи Ҳирот зода шудааст.

4. «Мухтасар фӣ одоб-ус-суфия ва-с-соликини тариқи-л-ҳақ». Рисолаи мазкур ирфонӣ буда, дар шарҳу баррасии ободу тароиқи соликони роҳи Ҳақ мебошад. Рисола ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар ёздаҳ саҳифа бо тарҷума ва муқаддима дар соли 1960 ба ҳиммати донишманд С. Де. Буркуй аз тарафи

Муассисаи шарқшиносии Фаронса дар Қоҳира чоп шудааст [Ҳабибӣ 1342, с. 85].

IV. Осори мансуб ба Шайхулислом. Ба номи Абдуллоҳи Ансорӣ осори фаровони хаттию чопӣ мавҷуданд, ки бо назари интиқодӣ таҳлилу таҷзия шудаанд ва бархе аз китобҳои маҷъулро бидуни таҳқиқу баррасӣ ба номи Шайхулислом мансуб донистаанд. Дар ин китобҳо матолиби такрорию сода ва ниҳоят сатҳӣ вуҷуд дорад, ки ба гуфтаи Абдулҳай Ҳабибӣ, «...интисоби онҳо ба Шайхулислом тавҳини мақоми илмию ирфонии ӯст» [Ҳабибӣ 1342, с. 87]. Осори мансуба ба тариқи зайланд:

1. Давовини ашъор. Масъалаи хеле печидаву муҳимме, ки перомуни ҳаёт ва эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ то имрӯз ба таври муфассал ва алоҳада норавшан аст, шеър ва шоирии ӯ мебошад. Чунонки қаблан ҳам зикр шуд, Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» гуфтааст, ки Шайхулислом се девони ашъори форсӣ дошта [Ҳоҷӣ 1310, с. 799]. Зоҳиран, ин давовинро Хоҷӣ Халифа надидааст, зеро тавре ки одати ӯст, калимоти оғози онро менавишт. Зикри доштани се девони ашъори форсӣ дар «Ҳафт иқлим» низ омадааст, ки қаблан дар ин бора сухан рафта буд. Ба забони арабӣ Ансорӣ ашъори мутааддид дорад, ки нисбати он ба ӯ бо асноди қадима собит аст. Абдулҳай Ҳабибӣ дар мақолаи худ ба унвони «Сирату ибтикор ва осори Шайхулислом Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ба муносибати нуҳсадумин солгарди вафоти Хоҷа чунин менависад: «Бохарзӣ [Сайфиддини Бохарзӣ – О. И.] дар «Дамийят-ул-қаср» ва низ Ибни Раҷаб намунаҳои онро додаанд ва Ибни Раҷаб гӯяд: Ва лаҳу каломи фӣ-т-тасаввуф ва сулуки дақиқ» [Ҳабибӣ 1342, с. 86]. Дар «Табақот-ус-суфия» ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ ашъори арабии ӯ зиёд аст.

Ҳамин тавр, тавсифи мухтасари осори Хоҷа ва низ тафаҳҳус перомуни онҳо ба мо имкон дод, то бидонем, ки кадом аз ин асарҳо ҳовии ашъори ӯ ҳастанд. Илова бар ин, муҳтавои ин осор дар баррасии муҳтавои ашъори мансуб ба Хоҷа кумаки зиёд хоҳанд кард. Бинобар ин, дар ҳамин мавқеъ масъалаи ҳақиқати ашъори мавҷудро ба миён мегузорем.

Аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба таври мустақим девони ашъор боқӣ намондааст ва аксари сарчашмаҳои таърихию адабӣ дар зикри мавҷудияти девони ашъоре аз Хоҷа хомӯшанд. Ҳамон гуна ки дар бахшҳои гузашта зикр кардем, танҳо Ибни Раҷаб дар «Табақоти Ҳанобала», Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» ва Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» ба доштани се «девони ашъори форсӣ» аз ӯ ёд кардаанд. Ҳабибӣ менависад: «Абдулқодир ар-Раҳовӣ ним қарн баъд аз даргузашти Шайхулислом сафаре ба Ҳирот намуд ва дар он шаҳр бо бозмондагони Ансорӣ маҳшур гашт ва китоби захимеро ба номи «ал-Модеҳ ва-л-мамдуҳ» дар маноқиби Шайх навишт ва ҳамин китобро, ки Ибни Раҷаб дида буд, ба ҳаволати он гӯяд» [Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ 1342, с. 87].

Дар дохили осори то имрӯз боқимондаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ миқдори зиёди шеърҳоеро метавон вохурд, ки бисёре аз онҳо сурудаи худи Хоҷа мебошанд. Вале аз ҷомеи ин осор на ҳамаашон дарбаргирандаи ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорианд. Зеро як қисми асарҳо китобҳои сирф фалсафӣ ва марбут ба назарияи тасаввуф мебошанд, ки овардани шеър дар онҳо то ҷое лозим нест. Дар идома ба тавсифи он осоре мепардозем, ки дар онҳо ашъори Пири Ҳирот мундариҷанд.

Дар ҳақиқат, дар хилоли осори мансури худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ намунаҳои фаровони ашъорашро пайдо кардан мумкин аст, ки онҳо дар қолабҳои гуногуни шеърӣ суруда шудаанд. Чунонки зикр шуд, Шайхулислом Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ суфӣ, муфассир, муҳаддис ва мубаллиғи тасаввуф ҳам буд. Барои паҳн намудани ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ дар байни оммаи мардум ва баёни шӯру шавқи суфиёна беҳтарин васила барои вай шеър буд, хоссатан, жанри рубоӣ. Рубоӣ дар ашъори ӯ аз нигоҳи басомад яке аз жанрҳои ғолиб мебошад. Барои намуна, зайлан як рубоии шоирро меоварем, ки намоёнгари муҳтавои чунин навъи адабӣ дар эҷодиёти шоир низ мебошад:

Дар роҳи Худо ду Каъба омад ҳосил:
Як Каъбаи сурат аст, як каъбаи дил.
То битвонӣ зиёрати дилҳо кун,

К-афзун зи ҳазор Каъба бошад як дил [Ансорӣ 1349, с. 108].

Аз ин рӯ, масъаларо аз ду дидгоҳ: теъдоди ашъори дар осори адиб мавҷудбуда ва табақабандии анвои адабии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон баррасӣ кард.

Қисми зиёди ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар рисолаҳои ӯ ҷой гирифтаанд. Муҳаққиқони эронӣ Султон Ҳусайн Тобандаи Гунободӣ ва Ваҳиди Дастгирдӣ китобе бо номи «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» таълиф кардаанд, ки дар муқаддимааш чунин омада: «Дар як саҳифаи бисёр олӣ муштамил бар кутубу расоили бисёре аз ҳукамо ва урафои маъруфи мутааллиқ ба китобхонаи Армуғон рисолаҳое чанд таълифи орифи бузурги раббонӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, қуддиса сирруҳ, ёфт гардид, ки феҳристи онҳо ба тариқи тартиби ин китоб чунин аст:

1. «Дилу ҷон» – аз саҳифаи 2 то 10.
2. «Канз-ус-соликин» – аз саҳифаи 10 то 20.
3. «Воридот» – аз саҳифаи 20 то 87.
4. «Қаландарнома» – аз саҳифаи 87 то 96.
5. «Ҳафт ҳисор» – аз саҳифаи 96 то 106.
6. «Муҳаббатнома» – аз саҳифаи 106 то 144.
7. «Мақулот» – аз саҳифаи 144 то 172.
8. «Илоҳинома» – аз саҳифаи 172 то 184» [Ансорӣ 1349, с. 1].

Аз ҷомеи ин рисолот танҳо «Мақулот» (8 рубоӣ; 16 байт), «Муҳаббатнома» (7 фард, 1 ғазал; 3 байт ва 29 рубоӣ), «Ҳафт ҳисор» (6 ғазал иборат аз 30 байт) ва «Канз-ус-соликин» (20 ғазал; 167 байт, 13 рубоӣ; 26 байт, 2 қитъа; 6 байт, 1 фард ва 1 назм) шеър доранд. Дар умум, ин расоил шомили 38 адад анвои адабии шеър (27 ғазал, 8 фард, 50 рубоӣ, 2 қитъа, 1 назм) дар ҳаҷми 305 байт мебошанд.

Ҳамчунин, дар китобхонаи Остони Қудси шаҳри Қуми Ҷумҳурии исломии Эрон нусхаи чопи сангии кухнае бо номи «Мақолот ва мавъизоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» (дар феҳрасти китоб чунин навишта шудааст, вале дар асл дар худи китоб ном мундариҷ нест; шумораи феҳрасти китоб (12444)

мавҷуд аст, ки теъдоди зиёди ашъори Хоҷа дар он омадааст. Китоби мазкур аз 180 саҳифа иборат буда, бо рубоии «Эй номи Ту ороиши унвони калом» оғоз меёбад. Дар ин китоб 68 шеър иборат аз 53 рубоӣ (106 байт), 1 фард (1 байт), 3 маснавӣ (42 байт), 8 ғазал (53 байт) ва 3 қитъа (8 байт) ҷой дорад.

Дар маҷмуаи «Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» баёнияе, ки аз ҷониби Гӯё Эътимодӣ ба унвони «Манзумоти Хоҷа» ироа шудааст, мегӯяд: «Як маҷмуа аз рубоиёти Хоҷа дар яке аз китобхонаҳои шахсии Кобул мавҷуд аст, ки дар он тақрибан 2000 рубоӣ ба Хоҷа нисбат дода шуда. Ба ақидаи мо ва чунончи аз услуби рубоиёт бармеояд, тамоман аз Хоҷа нахоҳад буд ва баъзе аз ин рубоиёт ба девонҳо ва сафоини дигар шоирон ва орифон низ дида шуда, аммо базъе изҳори ақида намудаанд, ки ин манзумот ва баъзе аз расоили дигар аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нест ва аз Абдуллоҳ Ансории Султонпур аст, ки муосири Ҷалолуддин Акбар аст. Дӯсти фозил ва донишманди ман ҷаноби устод Халилуллоҳи Халилӣ вақте ба ин нукта муталаффит шуда ва мақолате навишта буд, ки бар асоси он, чунин нест, ки тамоми он ашъор аз Абдуллоҳ Султонпур бошад. Зеро баъзе аз ин манзумот дар мутуни қадима дида шуда, ки ҳама қабл аз замони Абдуллоҳи Султонпур аст. Фурсате мебояд, то яке аз донишмандон ин манзумоти Хоҷаро, он чи мусалламан аз ӯст, дар дафтари ҷудогона гирд оварад» [Эътимодӣ 1342, с. 21].

Пайи дарёфти ин маҷмуа кӯшише чанд аз ҷониби муҳаққиқи рисола анҷом ёфт, аммо суде набахшид. Умед меравад, ки дар он ашъоре мавҷуд бошад, ки то имрӯз дар ҳеч як аз сарчашмаҳои дигар набудаву ба замони зиндагии Хоҷа наздик бошад. Ба ҳар сурат, дар ин хусус таҳқиқи ҷудогонаи жарфе мебояд, ки бояд дар асоси мабонии сабкшиносӣ сурат бигирад.

Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ зиёдтар дар асарҳое дарҷ шудаанд, ки хусусияти пандуандарзӣ ва муноҷотӣ доранд. Дар китобҳои «Табақот-ус-суфия», «Манозил-ус-соирин», «Сад майдон», «Табақоти Ҳанобала», «Замм-ул-калом» ва ғайра, ки мухтассоти тарҷумаиҳолӣ ва назарӣ-ирфонӣ доранд, намунаи шеър дида намешавад, ба истиснои ашъори арабие, ки дар «Табақот-

ус-суфия» зимни шарҳи ҳоли орифон аз ашъори Пири Ҳирот ва худи онҳо оварда шудааст.

Дар қатори осори дарбаргирандаи ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ китоби «Кашф-ул-асрор»-ро низ метавон ном бурд, ки теъдоди зиёди шеър дар он вуҷуд дорад. Масъалаи нисбатан нозук шинохти асолати ашъори дохили ин китоб мебошад, ки аз ашъори шоирони гуногун хеле зиёд истифода шудааст ва бе муқоисаи манбаъҳои дигар ва осори худи Ансорӣ ашъори мутааллиқ ба ӯро муайян кардан ғайри имкон аст. Ба қатори чунин шоирон, ки ашъорашон дар «Кашф-ул-асрор» зиёд мундариҷ аст, Шайх Абусаъиди Абулхайр ва Ҳаким Саноии Ғазнавиро метавон ном бурд. Вале рубоиёти зиёд ва анвои дигари шеърии ин китоб дар осори дигари Пири Ҳирот низ дида мешаванд.

Дар китоби мазкур рубоиёте низ мавҷуданд, ки муштарак ба Абусаъид Абулхайр ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансориянд. Рубоии зерин намунае аз чунин рубоиёт аст:

Бозо, бозо, ҳар он чи ҳастӣ, боз о!
Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о [Майбудӣ 1337, ҷ. 1, с. 89 ].

Аксари муҳаққиқон ва тартибдиҳандагони ашъори Абусаъиди Абулхайр рубоии фавқро моли ӯ медонанд, вале дар мақолаи донишманди афғонистонӣ Расул Пӯён дар вебсайти «Khorasan zameen» бо номи Абдуллоҳи Ансорӣ мавсуф байтро бо такя ба «Муноҷот ва рубоиёт» (чопи Истамбул) ба Хоҷа итлоқ додааст. Нигоранда дар баробари ашъори дигар рубоии зеринро ҳам овардааст:

Эй дар дили ман асли тамано ҳама Ту
В-эй дар сари ман мояи савдо ҳама Ту.
Ҳарчанд ба рӯзгор дар менигарам,
Имрӯз ҳама Туию фардо ҳама Ту.

Қобили зикр аст, ки ба ҷуз аз ин китоб, ҳамчунин дар китоби «Маҷмуаи рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» (мураттиб Маҳмуди Мудаббирӣ)

рубоии мазкур дида мешавад [Мудаббирӣ 1341, с. 15 ]. Ин рубоиро чун «рубоии сайёр» низ метавон ном бурд. Зеро дар сомонаи форсии «Ганҷур», ки девони шоирони бузурги порсигӯ дар асоси девони чопиашон ҷой дода шудаанд, рубоии мазкур ҳам дар девони Абусаъиди Абулхайр ва ҳам дар девони Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ҷой дода шудааст. Бояд зикр кард, ки ашъоре аз Саноӣ низ дар «Кашф-ул-асрор» дар зайлу зимни муноҷот нақлу забт шуда. Мумкин аст, тасаввур кард, ки Пири Ҳирот дар охири умр ба ашъори Саноӣ, ки гӯё дар он замон ҷавоне беш набудааст, ошноӣ ва улфат ба ҳам расонида ва онро иқтибос кардааст. Аммо, аз тарафи дигар, мебинем, ки он чи аз ашъори Саноӣ дар насри Хоҷа дарҷ аст, ҳамаашон аз зумраи ашъореанд, ки зоҳиран, Саноӣ пиронасар баъд аз тағйири ҳол сурудааст (манзур тағйири ҳол кардани Саноӣ ва аз дарбор рафтану гаравидан ба тасаввуф аст). Таносубу наздикии шеъри Саноӣ аз назари маънию кайфият бо матни муноҷот хонандаро гоҳе ба ин тасаввур меандозад, ки шояд Саноӣ дар мавқеи пайвастани ин абёт назаре ба муноҷоти Хоҷа дошта ва дар баъзе маворид онро ба шеър дароварда ва баъдҳо Майбудӣ дар баъзе маворид аз назари таносуби маънӣ онро дубора дунболаи насри Хоҷа овардааст:

«Ман чӣ донистам, ки модари шодӣ ранҷ аст ва зери як нокомӣ ҳазор ганҷ аст. Ман чӣ донистам, ки зиндагӣ дар мурдагӣ аст ва муроди ҳама дар пайи муродест. Зиндагии зиндагӣ дил аст ва мурдагии мурдагӣ нафс, то дар худ бинамирӣ, ба Ҳақҳ зинда нагардӣ. Бимир, эй дӯст, агар мезиндагӣ хоҳӣ, неку гуфт он ҷавонмард, ки:

Накунад ишқ нафси зинда қабул,
Накунад боз муши мурда шикор» [Майбудӣ 1337, ҷ. 1, с. 182 ].

Доктор Ҷовид дар мақолаи худ ба унвони «Дарҷи шеър дар насри Хоҷа» чунин менависад: «Шояд ашъори Саноӣ, ки дунболаи чанд муноҷоти дигар аз Шайх зикр шуда, ба унвонашон дар ин гуфтор меояд, хоҳем гуфт. Дувум ин ки, дар «Кашф-ул-асрор» Саноӣ дар як-ду ҷой қабл аз зикри он абёт ба сиғаи «он ҷавонмард» ёд шуда ва дар маҳалли дигар номи Саноӣ низ дар шеър мазкур аст» [Ҷовид 1342, с.130].

«Муноҷотнома», бешак, аз машҳуртарин таълифоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорист, ки дар давраҳои мухталиф нашрҳои гуногунро дидааст. Дар миёни осори Пири Ҳирот дар баробари «Манозил-ус-соирин» аз сернусхатарин асар маҳсуб меёбад. Дар як нусха аз ин китоб, ки бидуни сол ва ҷойи нашр аст (дар саҳифаи охирони китоб порчаи Kunst und Buchdruckerei «Kaviani» G.m.b.H. Berlin Charlottenburg 4, Weimarer Flabe 18 омадааст), вале аз порчаи дар қавсайн оварда метавон гуфт, ки макони нашри китоби мазкур ноҳияи Шарлоттенбурги Берлини Олмон аст. Дар нусхаи мазкур дар фарқ аз дигар нусхаҳо чандин рубоиёт ва қитъаоте дида мешавад, ки дар нусхаҳои дигар нест. Масалан:

Дар дӯзах агар васли ту дар чанг ояд,
Аз ҳоли биҳиштиён маро нанг ояд.
В-ар бе ту ба саҳрои биҳиштам хонанд,
Саҳрои биҳишт дар назарам танг ояд [Ансорӣ 1387,с. 11].

Ё ин ки:

Ғофил машав, ки маркаби мардони мардро
Дар санглохи бодия пайҳо буридаанд.
Навмед ҳам мабош, ки риндони боданӯш
Ногаҳ ба як хурӯш ба манзил расидаанд [Ансорӣ 1387,с.40].

Рубоиёти фавқуззикр аз гунаи машҳуртарин рубоиёти адабиёти мо маҳсуб мешаванд, ки гӯяндаи аслии онҳо маълум нест. Вале аз рӯйи сабк ба шоирони аввалияи тасавуф тааллуқ доштанаш аз ҳақиқат холӣ нест. Далели ин гуфтаҳо ҳам китоби дар боло зикр кардаамон ва ҳам тафсири «Кашф-ул-асрор» ё «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» мебошад, ки ин ду рубоӣ ва рубоиёти зиёди дигар дар он дида мешавад ва ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мутааддад дар ин китоб мундариҷ аст.

Масъалаи дигаре, ки дар шинохти шеър ва мансубияти онҳо ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқталаб аст, ихтилоли ашъори дигар аз саромадони рубоисароёни аввалияи тасаввуф – Абусаъиди Абулхайр мебошад. Зеро намунае чанд аз рубоиёт муштаракан дар ашъори ин ду гӯяндаи рубоиёти давраи аввали тасаввуф дида мешавад. Намунаи барҷастаи ин гуна ашъор

рубоии машҳури «Дар дӯзах агар васли ту дар чанг ояд» мебошад, ки дар ашъори ҳарду дида мешаванд. Масъалаи мазкурро дар баҳси алоҳида ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард.

То кунун дар ростои ҳаҷму микдор ва анвои ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ пажӯҳише анҷом наёфтааст. Танҳо дар мақолаи донишманди афғонистонӣ Муҳаммад Усмони Сидқӣ бо унвони «Таъсири муҳит ба шахсияти адабии Хоҷа», ки дар маҷмуаи «Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» гирдоварӣ шудааст, мавсуф чунин менависад: «Аз ашъори Хоҷа, ки қариб ҳазору дусад байти он маълуму бад-ӯ мансубанд, ағлаб аз шавқу шӯри маъолиби гӯяндаи ирфон ва ҳақиқату сирри мароҳили маънавии ӯ ҳикоят мекунад» [Сидқӣ 1342, с.178]. Ҳамчунон ки мукаррар дар пажӯҳиши мазкур гуфтем, боризтарин ибтикороти адабии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дарҷи шеър дар наср мебошад.

Аз тафаҳҳус, муқоиса ва баррасии тамоми маохизу мароҷеъи дастрас ва ҳамчунин, китобҳои пажӯҳишию таърихи адабиёт перомуни зиндагӣ ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ дар баррасии табақабандии ашъори мансуб ба ӯ ва теъдоди ин ашъор хулосаҳои зерин ҳосил шуд:

Таркиби ашъори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз рӯйи анвои адабӣ иборатанд аз: рубоӣ, маснавӣ, қитъа, қасида, муфрадот ва мисроъ.

Ашъори мазкурро дар ҳаҷми 989 байт метавон муқаррар кард, ки аз дусаду ҳабдаҳ рубоӣ (чаҳорсаду сию чор байт), чиҳилу панҷ ғазал (сесаду наваду нуҳ байт), ёздаҳ маснавӣ (121 байт), ҳаждаҳ фард (ҳаждаҳ байт), ҳашт қитъа (шонздаҳ байт) ва ду мисроъ (як байт) иборатанд.

Ин ашъорро ҳадди ниҳоӣ ва саҳеҳи сурудаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ наметавон гуфт, зеро дар оянда имкони пайдо шудани нусхаҳои қадими осор ва дар заминаи онҳо пайдо гардидани ашъори кашфношудаи ӯ вуҷуд дорад. Дигар ин ки қисмате аз ашъори мазкур дар давовини шуарои дигар низ мундариҷ аст ва ба таҳқиқу баррасиҳои комилтару жарфтари алоҳида ниёз дорад.

### 1.1.3. Рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ

Муҳимтарин бахш дар мабоҳис перомуни ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва аксари шоирони давраи аввали рубоисароӣ масъалаи рубоиёти сайёр мебошад. Истилоҳи «рубоиёти сайёр» («странствующие» четверостишия) бори нахуст аз ҷониби шарқшиноси рус В.А. Жуковский ба илми адабиётшиносӣ ворид карда шуд [Жуковский 1897, с. 325-363]. Адабиётшиноси тоҷик Абдушукури Абдусаттор бо такя ба мақолаи болозикр дар китоби худ ин бахш аз рубоиётро низ «рубоиёти сайёр» номидааст [Абдусаттор 2017, с. 26]. Сируси Шамисо ба ин гуна рубоиёт чанд истилоҳеро мувофиқ донистааст, ки иборатанд аз «рубоиёти машоъ», «рубоиёти саргардон», «рубоиёти гарданда» ва «рубоиёти шиновар» [Шамисо 1374, с. 189].

Баҳс перомуни масъалаи мазкур бисёр душвор ва фарогири як пажӯҳиши комил аст. Мақсади мо дар ин ҷо баррасии ҳамин навъи рубоиёт бо таваҷҷуҳ ба коргоҳи эҷодии Ансорӣ мебошад.

Рубоиёти сайёр чӣ гуна рубоиҳоянд? Рубоиёти сайёр рубоиёте ҳастанд, ки ба чандин шоир нисбат дода шудаанд. Шинохт ва муайян кардани асолати ин гуна рубоиёт барои баррасиҳои адабӣ кумаки бузурге дошта метавонад, вале «пай бурдан ба ин маънӣ амре душвор ва дар порае аз мавориди наздик ба муҳол аст» [Шамисо 1374, с. 189]. Ҳарчанд Сируси Шамисо ин масъаларо хеле душвор ва тақрибан номумкин медонад, вале имконпазир будани чунин кореро низ рад намекунад. Барои шинохтани гӯяндаи аслии як рубоии саргардон, мувофиқи гуфтаи Сируси Шамисо, аз мавориди зер метавон суд ҷуст:

1. Истифода аз маълумоти сабкшиносӣ, ки муштамил бар мабоҳиси корбурд ва басомади луғоти дастури масоили балоғию бадеӣ ва назири инҳост. Масалан, аз эҳтимол дур аст, ки рубоие, ки дар он аз ибораи «дашти Ховарон» ёд шуда бошад, аз Хайём бошад ё интизори ин, ки дар рубоиёти қарни панҷум ва шашум анвои «ё» аз қабили «ё»-и шарт ва тардиду таманно дуруст ба кор рафта бошад.

2. Шиносоӣ бо шеваи тафаккур ва мактабҳои шеърию афкори роиҷ дар давраҳои мухталифи адабиёти форсӣ. Масалан, рубоиёте, ки дар афкору омоли суфия суруда шудаанд, набояд аз Умари Хайём бошанд.

3. Таваҷҷуҳ ба қавофии рубоӣ аз назари хасӣ будан ё чаҳорқофияӣ будан дар иртибот бо мутақаддим ё мутааххир будани шоир.

4. Таваҷҷуҳ ба нусахи куҳан ва муътабари девон ё тазкираҳо ва ба таври куллӣ, дар назар гирифтани қидмати мутуне, ки рубоиро ба шоире интисоб додаанд. Бисёре аз интисобот ҷадид аст ва ҳар чӣ ба ақиб баргардем, маҳдудаи интисобот тангтар мешавад. Ба ин тартиб, рубоие, ки дар «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ ё «Савонеҳ»-и Ғаззолӣ омадааст, дигар ба шоироне баъд аз асари XI тааллуқ дошта наметавонад [Шамисо 1374, с. 190].

Меъёрҳое, ки аз ҷониби Сируси Шамисо барои таъйини гӯяндаи аслии як рубоии сайёр оварда шудааст, куллан қобили қабул аст. Чизе ки ба гунаи замима дар ин гуфтаҳо метавон овард, мухтассоти сабкии ҳар шоир аст. Масалан, истифодаи оёту аҳодис, асомии ашхоси динӣ ва низ вақоёи динӣ зиёдтар дар эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, ҳамин нуктаро дар таъйини асолати ашъори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон аз меъёрҳои аслӣ қарор дод.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба таври куллӣ зарурат дорад, ки ҳамаи рубоиёти асрҳои нахустини шеъри форсӣ (аз қарни X то XIII) ҷамъоварӣ ва дар маҷмуъ баррасӣ шавад.

Нуктаи дигаре, ки бояд зикр кард, ин аст, ки аз баррасии дарҷи шеър дар насри Абдуллоҳи Ансорӣ ба чунин хулоса омадем, ки дар асолату интисоби рубоиёти мундариҷ дар муноҷотҳо ба Хоҷа метавонад тардиди хеле кам ва тақрибан набошад. Инро ба тариқи хулосаи андеша метавон мушоҳида кард. Яъне, дар муноҷоте, ки барои тақвияти он рубоӣ оварда шудааст, ҷойи тардид нест. Зимнан, чунонки қаблан ҳам ёд шуда буд, дар таърихи адабиёт мубтакири падидаи адабии овардани шеър дар наср, барои тақвияти фикр, идомаи андеша ё натиҷагирӣ дар қолаби манзум, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад ва дар «Гулистон»-и Саъдӣ ин равиш авҷи такомули худро дарёфт

кардааст. Доктор Ҷовид дар мақолае ба унвони «Дарҷи шеър дар насри Хоҷа» дар тақвияти гуфтаҳои боло чунин навиштааст: «...Қисмате аз баёни аслии наср ба шеър вогузор мешавад ва шеър маънии насрро комил ва тамом мекунад. Дар ин қисм, ки дақиқитарин ва фаннитарин ақсом дарҷ аст, ҷудо кардани шеър аз наср муҷиби гусехтани риштаи иртиботи маънӣ ё нотамом сохтани он хоҳад буд, монанди:

Илоҳӣ! Гоҳе, ки ба худ нигарам, гӯям, ки аз ман зортар кист, гоҳе, ки ба Ту нигарам, гӯям, аз ман бузургвортар кист:

Пуроб ду дидаву пуроташ ҷигарам,

Барбод ду дастаму пур аз хок сарам» [Ҷовид 1342, с. 131].

Ҳамин гуна пайванди қавӣ дар ашъори мундариҷ дар муноҷотҳои Абдуллоҳи Ансориро ба таври мутааддид метавон пайдо кард, ки ҷудо кардани онҳо як навъ парокандагии маънӣ ва нотамомии андешаро ба вуҷуд меорад.

Пурсише ба миён меояд, ки чаро ин душворӣ беш аз ҳама дар мавриди рубоӣ ба чашм мехурад? Зеро рубоӣ ҷузви кӯтоҳтарин ашъори форсист ва аз назари вазн ва теъдоди абёт ҳамвора собит аст ва аз тарафи дигар, метавон онро ба роҳатӣ аз бар кард. Собит будани сурати шеър боис шудааст, ки рубоиёти муттаҳидулмазмун комилан ба ҳам шабеҳ шаванд ва масалан, рубоиёти суфиёнаи ду шоир аз ду асри мухталиф ба якдигар монанд гарданд. Осонии ҳифз кардани рубоӣ низ боис шудааст, ки онро дар маҷолису маҳофил ба ривоёти мухталиф нақл кунанд ва аҳёнан дар зикри исми гӯяндаи он дучори иштибоҳ шаванд ва ё ба ташхиси худ ба шоири мунтасиб созанд ва ин маънӣ, махсусан, дар бораи рубоиёти суфиёна содиқ аст, зеро суфиён дар маҷолиси худ, маъмулан, аз рубоӣ истифода мекарданд ва бар тибқи шеваи худ, чунонки дар таълифоти онон низ мушоҳида мешавад, муқайяд ба зикри номи гӯянда набудаанд ва муридон рубоиётеро, ки аз забони машоих шунида буданд, ба номи онон забт мекарданд. Ва ин маънӣ, масалан, дар мавриди Мавлоно мусаллам аст, чи айни рубоиёти Аттор ва Саноиро дар девони рубоиёти ӯ ба номи ӯ овардаанд [Шамисо 1374, с. 193].

Муҳтавои рубоӣ маҳдуд ба мазомини ошиқона, суфиёна ва фалсафӣ буда, рубоиёти зебоеро, ки ба яке аз ин мазомин будааст, ғолибан ба шоири аҷале ва фарди аълои он маънӣ ва мактаб нисбат медодаанд ва ба ҳамин далел аст, ки рубоиёти мансуб ба Абусаъиди Абулхайр ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (орифона) ва Хайём (фалсафӣ) аз дигарон бештар аст. Аммо аҷиб ин аст, ки гоҳе як рубоии суфиёна ба шоирони афкори фалсафӣ дошта ва як рубоии фалсафӣ ба орифон мансуб шудааст. Бештарини рубоиёти машоъ ё мунтасиб ва машкук дар осори Абусаъиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ, Хайём, Аттор, Мавлавӣ, Бобоафзал ва Авҳадуддини Кирмонӣ ба чашм мехурад [Шамисо 1374, с. 195].

Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ низ аз ин мушкилот орӣ нест. Теъдоди зиёди рубоиёте, ки дар ашъори Ансорӣ муҳри «сайёр» доранд, дар рубоиёти мансуб ба Абусаъиди Абулхайр низ дида мешаванд. Ҳамчунин, баъзан рубоиёти дигар миёни ӯ ва шоироне, ба монанди Авҳадуддини Кирмонӣ, Наҷиби Ҷурфодақонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Рӯзбеҳон Буқлии Шерозӣ, Бобо Афзали Кошонӣ, Майбудӣ, Наҷмуддини Розӣ, Хайём ва гоҳе бе зикри номи муаллиф «сайёр» шудаанд. Маҳмуди Мудаббирӣ, ки рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро дар маҷмуае гирд овардааст, чунин менависад: «Бархе аз ин рубоиёт ба номи шайх Абусаъиди Абулхайр, Бобо Афзал, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Умари Хайём, Сайфуддини Бохарзӣ, Наҷмуддини Кубро, Маҷдуддини Бағдодӣ, Шамси Муъаззибӣ ва дигарон низ омадааст» [Мудаббирӣ 1341, с. 130]. Барои намуна ба рубоии зер таваҷҷуҳ мекунем:

Гар аз пайи шуҳрату ҳаво хоҳӣ рафт,
Аз ман хабарат, ки бенаво хоҳӣ рафт.
Бингар, ки кийиву аз куҷо омадаӣ,
Медон, ки чӣ мекунӣ, куҷо хоҳӣ рафт.

Шоирони мансуби ин рубоӣ:

1. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Ансорӣ 1347,с. 73]; 2. «Марзбоннома»-и Варовинӣ [Варовинӣ 1907,с. 219, бидуни зикри гӯянда]; 3. Наҷиб

Ҷурфодақонӣ [Сафо 1349, ҷ. 3, с. 425]. 4. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ [Куллиёти Шамс 1355,с. 1345); 5. Рӯзбеҳон Буқлии Шерозӣ [НашрияиАнҷумани осори миллӣ, ба тасҳеҳи Донишпажӯҳ]. 6. Хайём.

Ё дар мавриди дигар:

Ишқ омадушуд чу хунам андар рагу пӯст,
То кард маро тиҳию пур кард зи Дӯст.
Аҷзои вуҷудам ҳамагӣ Дӯст гирифт,
Номест зи ман бар ману боқӣ ҳама Ӯст.

Шоироне, ки рубоии мазкур ба номашон сабт шудааст:

1. Авҳадуддини Кирмонӣ (девони рубоиёт, шумораи 914), 2. Абдуллоҳи Ансорӣ; 3. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ; 4. Бобо Афзал, 5. Абусаъиди Абулхайр, 6. Наҷмуддини Розӣ (Дар «Мирсод-ул-ибод» бидуни номи гӯянда омадааст). Ҳарчанд рубоии мазкур дар манбаъҳои гуногун ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ интисоб дода шудаст, аммо Сируси Шамисо ин рубоиро «ба эҳтимоли зиёд аз Авҳадуддин...» зикр кардааст [Шамисо 1374, с. 196].

Ҳамон тавр ки дар боло зикр кардем, бештари рубоиёти сайёри мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар рубоиёти мансуб ба Абусаъиди Абулхайр низ дида мешавад. Ин падида бештар ба қаробатҳои ҷаҳонбинӣ, эҷодӣ ва замонии Абдуллоҳи Ансорӣ ва Абусаъиди Абулхайр вобастагӣ дорад: Ҳар ду аз кибори мутасаввифа мебошанд, бешак, баёни андеша дар шеър низ метавонад якранг бошад. Ин қаробатро зимни тафаҳҳус ва баррасии ашъори онҳо ва аксари шоирони мутасаввифа метавон дид. Саъид Нафисӣ дар муқаддимаи китоби «Суханони манзуми шайх Абусаъиди Абулхайр» менависад: «Сарояндаи бузурги дигаре, ки рубоиёти Абусаъидро ба номи ӯ забт кардаанд, орифи машҳур Шайхулсилом Абуисмоил Абдуллоҳ Ансории Ҳиравист, ки... чиҳилу як сол пас аз марги Абусаъид аз ҷаҳон рафтааст... Вай низ чун имом Умари Хайём назар ба ашъори Абусаъид дошта ва бисёре аз қавофию радифҳои ӯро ба кор бурдааст» [Нафисӣ 1355, с. 54]. Ҳар ду ҳам аз рубоисароёни давраи аввали шеъри суфия мебошанд ва яке савмааву дигаре ҳалқаи тадрис дошт. Бешак, барои интишори мақосиди тасаввуфӣ рубоӣ беҳтарин васила аст, чи

Абдуллоҳи Ансорӣ ва чи Абусаъиди Абулхайр дар маҷолиси худ аз рубоӣ ба таври васеъ истифода бурдаанд. Рубоиёти зиёдеро метавон мисол овард, ки дар сарчашмаҳои гуногун ба ин ду шоир ва дар мавориде ба шоирони дигар мансубанд. Машҳуртарин рубоиёте, ки байни ин ду орифи раббонӣ чун рубоиёти муштарак ва ё сайёр муаррифӣ шудаанд, инҳоянд:

Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,
Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о [Мудаббирӣ 1341, с. 10].

Ва:

Ё Раб макун аз лутф парешон моро,
Ҳарчанд ки ҳаст ҷурму исён моро.
Зоти Ту ғанӣ будаву мо муҳтоҷем,
Муҳтоҷ ба ғайри худ магардон моро [Мудаббирӣ 1341, с. 10].

Ва ё:

Ишқ омаду шуд чу хунам андар рагу пӯст,
То кард маро тиҳию пур кард зи Дӯст.
Аҷзои вуҷудам ҳамагӣ Дӯст гирифт,
Номест зи ман дар ману боқӣ ҳама Ӯст [Мудаббирӣ 1341, с. 16].

Ё

Ман бандаи осиям, ризои Ту куҷост?
Торикдилам, нуру сафои Ту куҷост?
Моро ту биҳишт агар ба тоат бахшӣ,
Ин байъ бувад, лутфу атои Ту куҷост? [Мудаббирӣ 1341, с. 14].

Ё ки:

Дар дузах агар васли ту дар чанг ояд,
Аз ҳоли биҳиштиён маро нанг ояд.
В-ар бе ту ба саҳрои биҳиштам хонанд,
Саҳрои биҳишт дар назарам танг ояд [Мудаббирӣ 1341, с. 31].

Тақрибан ҳудуди чиҳилу панҷ рубоиро метавон мисол овард, ки дар ашъори ҳарду шоир мундариҷанд ва аз ҷиҳати сабку замон ва нигориш ба тарзу шеваи рубоисароии Абдуллоҳи Ансорӣ ва Абусаъиди Абулхайр мувофиқанд.

Дигар аз рубоисароёне, ки рубоиёти муштарак бо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дорад, Бобо Афзали Кошонӣ мебошад. Ҳудуди бисту як рубоии якзайл дар ашъори ҳарду мавҷуданд. Ҳамин тариқ, даҳ рубоии муштарак бо Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, ҳашт рубоӣ бо Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мушоҳида шуд.

Таъйини асолати рубоиёти сайёр ва сарояндаи онҳо корест басо душвор, аммо имконпазир, чунонки меъёрҳои асосии шинохти онҳоро дар боло зикр кардем. Ин корро метавон дар доираи як пажӯҳиши густардаву алоҳида ба анҷом расонд. Он чи ба рубоиёти сайёр миёни Абдуллоҳи Ансорӣ ва шайх Абусаъиди Абулхайр, Бобо Афзал, Айнулқуззот, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва ҳатто Умари Хайём марбут аст, то замоне ки аслоати ин ашъор муайян нашавад, ин навъ рубоиётро метавон ба ҳама шоирони мазкур мансуб донист.

Ҳамин тавр, аз баррасии рубоиёти сайёр маълум мешавад, ки онҳо мувофиқи ҷаҳонбиниву афкори Ансорӣ суруда шуда, бо мазомини мундариҷ дар дигар ашъори шоир ҳамоҳангӣ доранд. Шоир дар ин рубоиёт то ҳадде аз даричаи маърифати ашё, бахусус, камолоти маънавӣ нигариста, ба масъалаҳое, ки инсонро ба шакку тардид мебаранд, тамоман кордор нест. Ин равишро тақрибан дар тамоми рубоиёти асри ёздаҳ метавон дид ва тадриҷан дар охири асри ёздаҳ ба баъд нуктаҳои нозук ва масоили баҳсбарангез дар офаринишу ҳақиқати мутлақ дар мазомини ашъори шоирон пайдо шудаанд.

### 1.2. Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ

Баҳс перомуни мабҳаси заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ, ки ҳамчун муқаддимае барои вуруд ба яке аз масъалаҳои печида дар шинохти ҳувийяти шахсияти адабии тавоно мебошад, муҳим аст. Қабл аз ҳама, бояд арз кард, ки ин масъала, ба назари мо, ду ҷиҳат дорад: а) баррасии унсурҳои шоиронагии калом, ки мо ба ин ҷиҳат ба тариқи мухтасар ишора мекунем, зеро тафсилу тавзеҳи он масъалаи ҷудогонаест, ки тафаҳҳус ва таҳқиқи алоҳидаро тақозо дорад; б) ташхис, дастабандӣ ва баррасии заминаҳои мушаххаси шоиронагии калом, ки манзури аслии мо маҳз ҳамин ҷиҳати масъала аст. Бинобар ин, таҳқиқ дар ин хусус барои тасдиқи чеҳраи шоирии Ансорӣ ва таъйини ҷойгоҳи адабии ӯ муҳим мебошад. Мо бар онем, ки зеҳну тафаккур ва қобилияти дарёфту сурудани шеър дар вуҷуди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам азалӣ буда ва ҳам бар мабнои заминаҳои мушаххас, дар натиҷаи таъсири муҳит, ошноӣ бо шахсиятҳои тавонои адабӣ ва эҷодиёти онҳо ва аз роҳи омӯзиши васеи адабиёти арабу форс тарбият ва такмил ёфтааст.

Мувофиқи равишҳои мавҷуди баррасии шоиронагии каломи адибони ҷудогона, вақте манзур осори мансур аст, пеш аз ҳама, ба масъалаи пайванди отифии хаёлу андешаи эҷодкор таваҷҷуҳ мешавад, ки дар ин сурат мушаххасоти аслии каломи шоирона аз чигунагии корбасти суратҳои гуногуни баёнӣ ва санъатҳои бадеӣ дар каломи мансур мушаххас мешавад. Масалан, агар бо таваҷҷуҳ ба равиши мазкур ба мутолиаи насри Ансорӣ, махсусан, муноҷотҳои ӯ бипардозем, шоҳиди унсурҳои ҳамгун бо мушаххасоти мазбур хоҳем шуд, ки фазои шоиронагии каломро таъмин кардаанд. Насри аз нигоҳи зеҳну забон ва тарзи баён шоирона ва каломи мусаҷҷаъ дар муноҷотҳои адиб ба тарзи равшан қобили ташхис аст.

Вақте бо таваҷҷуҳ ба шинохти аносири мазкур вориди каломи манзум, бахусус шеър, бишавем, қабл аз ҳама, унсурҳои шоиронагии калом дар пайванди отифа, андеша, хаёл, забон ва оҳанг мушаххас мешавад. Дар ин маврид баҳси шеър ва назм ҳам пеш меояд, вале ҷустуҷӯи нишонаҳои

шоиронагии калом ҳам дар шеър ва ҳам дар назм сурат гирифтанаш мумкин аст. Дар назм масъала хосияти куллӣ дошта, ҷустуҷӯи дараҷаи шоиронагии калом дар доираи унсурҳои зикршуда сурат гирифтанаш имконпазир аст. Аммо дар мавриди мутолиа ва тафаҳҳус перомуни шинохти ҷиҳатҳои ҳунарии шеър ва шоиронагии калом танҳо пойбанди унсурҳои мазкур шудан ҷойиз нест. Унсурҳои шоиронагии калом дар шеър ба муҳит, ҷаҳонбинӣ ва касбияти шоир ҳам бастагӣ дорад. Шеъри хубу мондагор каломест, ки ҳама гуна қолабу суратҳои гуногуни хаёлро убур карда, дар натиҷаи инқилоби зеҳну забон ва фазои мушаххаси эҷодӣ офарида мешавад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат аст, ки бо гузашти замон, ривоҷи шеъру шоирӣ, густариши фазои шоирона, ба миён омадани анвои ҷадиди шеърӣ, ки баъзе аз онҳо ҳанӯз аз нигоҳи назарӣ қолаби мушаххсаи худро пайдо накардаанд, шеър аз моҳияти таърифпазирӣ хориҷ мешавад. Имрӯз ҳеч як таърифи ироашуда аз шеърро наметавон ба сурати мутлақ қабул кард. Ин масъала тӯле дорад, ки дар ин ҷо беш аз ин ба он намепардозем.

Чунончи масъалаи шоиронагии каломро ҳам дар каломи манзум ва ҳам мансур, дар маҷмуъ, ба андеша бигирем, нишонаи асосии шоиронагии калом инҳиҷор аз меъёр дар сатҳи забонии каломи адабӣ ва баҳрагирӣ аз кулли шигарфҳои аслии ҳунарофарин аст. Албатта, дар ин ҳолат диққат ба риояти таносуби миёни қолаби баёнӣ ва муҳтаво ҳам амре зарурӣ маҳсуб мешавад.

Агар тибқи дидгоҳҳои мазкур ба осори манзуму мансури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таваҷҷуҳ бикунем, маълум мешавад, ки аносири аслии шинохти дараҷаи шоиронагии калом, ки дар боло аз онҳо ёд шуд, дар дохили асарҳои бозмонда аз ӯ қобили ташхис буда, аз ин ҷиҳат пай бурдан ба дараҷаи шоиронагии каломи адиб дар ҳама сатҳ имконпазир аст. Аз адиби мавриди назар насре шоирона ва ашъоре дилошӯб боқӣ монда, ки ҳомили паёмҳои ҷовидонӣ ва мондагори хурду бузург буда, ба зевари ҳунар ороставу бо тешаи хаёл пиростаанд.

Зимнан, осори насрии ба забони порсӣ навиштаи Пири Ҳирот ғолибан бо сабки нигориши лаҳҷаи ҳиротӣ навишта шудаанд, ки бо гузашти замон таҳрир шудаанд.

Баргардем ба тарафи дуюми масъала. Дар натиҷаи баррасии далелҳои ба даст овардаамон, бо таваҷҷуҳ ба шахсият ва ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, заминаҳои асосии шоиронагии каломи шоирро дар мақулаҳои зерин таъйин ва баррасӣ кардан мумкин аст: а) истеъдоди фитрӣ, ки ин ҷиҳат ба қобилияти фитрӣ ва атои илоҳӣ пайванд мегирад; б) мутолиаи зиёд, ки аз унфувони шабоб оғоз гардида, то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт идома пайдо кардааст; в) таъсири муҳити хонаводагӣ ва ҷиддиятҳову роҳнамоии падар ҷиҳати ширкат дар маҷлиси суфиён, ки маҳз ба ҳамин восита дар руҳияи шоир аз хурдӣ таъсири сухани суфиён ва ваҷду ҳолати махсуси онҳо нақш гузоштааст. Зайлан ҳар кадом аз мавориди мазкур ҷудогона баррасӣ мешавад.

### 1.2.1. Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон

Чунонки зикр шуд, сурудани шеър ба қобилияти фитрӣ ва атои илоҳӣ пайванд мегирад ва Абдуллоҳи Ансорӣ аз ин лутф бенасиб набудааст. Дар бораи бузургӣ ва истеъдоди фитрии ӯ нақлу ривоятҳо зиёд буда, дар осори худи Ансорӣ ва дигар сарчашмаҳо аз ин хусус сухан рафтааст. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» аз забони худи Пири Ҳирот чунин меорад: «Буосим пир ва хешованди ман аст. Ман дар кӯдакӣ ба вай шудаме. Вақте ба вай шудам, нон ва ускураҳои кома пеши ман ниҳод ва маро қавволӣ кард ва чизе бихонд. Хотуни вай, ки аҷузае буд муҳташам ва худованди вилоят, гуфт: Пири ман, яъне Хизр (а) Абдуллоҳро дид, гуфт: Вай кист? Гуфтам: Фалон кас аст. Гуфт: Аз Машриқ то Мағриб ҳамаи ҷаҳонро аз вай пур шавад, яъне аз овозаи ӯ» [Сафо 1371, с. 230].

Ривояти дигар аз «Нафаҳот» чунин аст: «Ва ҳам бону Олия гуфта, ки «Пири ман, яъне Хизр (а) гуфтааст, ки: Дар шаҳри шумо бозоризодае ҳаст ҳафдаҳсола, на падар донад, ки ӯ кист ва на вай (модар – И. О.). Чунон шавад,

ки дар ҳамаи рӯйи Замин кас аз ӯ меҳ набувад. Ё гуфт, ки: Аз Машриқ то Мағриб аз вай пур шавад» [Сафо 1371, с. 233]. Падари Пири Ҳирот – Абумансур дар Ҳирот дуконе доштааст, ки ба ҳамин сабаб аз ӯ чун бозоризода ёд шудааст.

Ҳатто пир ва муршиди падари Ансорӣ – Шариф Ҳамзаи Ақилӣ аз тавлиди писари накӯрӯе бо камоли хубӣ ба Абумансур башорат дода буд: «Шариф гуфт: Абумансури моро ба Ҳарӣ писаре омад, чунонки ҳан» (19, 233). Ҷомеи мақомоти Шайхулислом гуфтааст, ки ин калима офарин аст, ки ҳамаи накӯиҳо дар зимни он аст, яъне чунонки сифат натавон кард аз ғояти хубӣ [Сафо 1371, с. 233].

Албатта, ин гуфтаҳо асосан ба ривоят асос ёфтаанд, вале ба ҳақиқати онҳо шубҳа кардан дуруст нест, зеро аз ҷумлаи равишҳои муаррифии шахсиятҳои машҳур дар гузашта истифода аз равиши мазкур ва нақлҳои ҷодуимонанд буд. Илова бар ин, шуҳрати Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз замони зиндагӣ то имрӯз, забонзади мардумони бисёре аз кишварҳои дунё гардидани савонеҳи зиндагӣ ва андешаҳои ӯ ба ин гувоҳ аст.

Қобилияти зеҳнии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то ба ҳадде буда, ки ҳар чизе, ки менавишта, ҳифз мешуда. Худи ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: «Ҳақ(қ), субҳонаҳу таъоло маро ҳофизае дода буд, ки ҳар чи зери қалам бигузаштӣ, маро ҳифз шудӣ» [Ҳидоят 1375, с. 230].

Ҳатто Ҷомӣ дар «Маноқиб», аз гуфтаи худи Ансорӣ, дар мавриди он, ки дар гаҳвора будани худро ёд дошта, мисол меоварад: «Ман хештанро дар гаҳвора ёд дорам, ки кафча гарм мекарданд ва бар зери лаб мениҳоданд» [Сафо 1371, с. 233]. Бино бар гуфтаи худи Пири Ҳирот, вай ҳамагӣ шаш моҳ шир хӯрдааст [Ансорӣ 1386, с. 7]. Кӯтоҳии замони ширхорагии ӯро ба ду сурат метавон тавҷеҳ кард: яке аз бордор шудани модари ӯ дар шашмоҳагии Абдуллоҳ ва рушди сареъи Абдуллоҳ  ва истифодаи ӯ аз ғизоҳои дигар. Ба ҳар ҳол, дар «Мақомот»-и Хоҷа Абдуллоҳ ба наҳвест, ки бо бузургию бузургвории ӯ иртибот меёбад.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ қадамҳои мустаҳкамро аз даврони хурдӣ ба омӯзиши илоҳиёт ва имлои ҳадис гузошт, ки дар нуҳсолагӣ шарафи имлои аҳодиси набавиро аз муҳаддисине, ба монанди қозӣ Бомансур ва Ҷорудӣ ба даст овард: «...Ва чун нуҳсола шудам, имло навиштам аз қозӣ Бомансур ва Ҷорудӣ. Чаҳодаҳсола будам, ки маро ба маҷлис бинишонданд...» [Ансорӣ 1386, с. 22]. Метавон гуфт, ки бе истеъдоди фитрӣ ва зеҳни хориқулода дар ин синни сиғар чунин коре ғайримумкин аст. Абдуллоҳи Ансорӣ дар навҷавонӣ чунон аҳлият ва дониш нишон дод, ки дабиристон ҷояш набуд. Ӯ ҳанӯз дар чаҳордаҳсолагӣ ба ҳалқаи  тадриси тафсири яке аз бузургони рӯзгор – Яҳё ибни Аммор афтод. Яҳё ибни Аммор аз ҳамон вақт ӯро пас аз худ халифа таъйин кард ва ҳама аз ин дар шигифт шуданд.

Аслан, ба таври куллӣ шак овардан ба тавсифҳое чунин дар ростои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дурусту оқилона нест, зеро мақому манзалати Пири Ҳирот чи дар замони ҳаёт ва чи пас аз он то имрӯз тавассути осоре, ки аз худ боқӣ монда ва зикри сарчашмаҳои таърихию динию адабӣ ба ин далолат мекунад. Вале ин тавсифоте, ки ҳам Пири Ҳирот ва ҳам муаллифони сарчашмаҳо аз хотироту зеҳну кӯшишҳои ғайриоддии ӯ овардаанд, барои ҳар инсони соҳиби истеъдоди фитрӣ имконпазир аст. Саргузашти бузургони илму адаби мардумони эронитабор ва ғайри он даста-даста чунин нақлҳоро доро мебошанд. Ва ҳатто ҳодисоти имконнопазиреро низ аз рӯзгори бузургон метавон дарёфт, ки аз бузургию манзалати онҳо дарак медиҳад.

Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҳама умур аз истеъдоди фитрии махсус ба шахси худи ӯ бархурдор буда, ҳофизае қавӣ доштааст. Ҳам истеъдоди фитрӣ ва ҳам ҳофизаи қавӣ дар кори шоирӣ аз ҷумлаи муқаддимот ба ҳисоб меоянд.

Вежагии дигари заминасоз дар такмили ҳунар ва парвариши ҳувийят дар ҳаёти  шоир аз унфувони шабоб оғоз ва то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт идома пайдо кардааст, мутолиоти зиёди ӯ мебошад. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ хеле барвақт, ҳанӯз дар синни чаҳорсолагӣ, ба касби илм иштиғол варзидааст. Дар ин бора чунин хабар дар даст дорем: «Шайхулислом гуфт, ки «аввал маро дар

дабиристони занӣ карданд. Гуфтанд, зиён дорад. Чун чаҳорсола шудам, маро дар дабиристони молинӣ карданд ва чун нуҳсола шудам, имло навиштам аз қозӣ Бомансур ва аз Ҷорудӣ ва чаҳордаҳсола будам, ки маро ба маҷлис бинишонданд... Бомдоди пагоҳ ба муқрӣ шудаме ба Қуръон хондан. Чун боз омадӣ, ба дарс шудаме ва ҳама рӯз бинавиштаме. Рӯзгори худро бахш карда будам, чунонки маро ҳеҷ фароғат набудӣ. Аз рӯзгори ман ҳеҷ ба сар наёмадӣ, балки ҳанӯз дарбоистӣ ва бештари рӯз будӣ, ки то паси намози хуфтан бар наҳор будаме. Ба шаб дар чароғ ҳадис менавиштаме. Фароғати нон хӯрдан набудӣ. Модари ман нонпора луқма карда будӣ ва дар даҳони ман мениҳодӣ дар миёни навиштан» [Сафо 1371, с. 233]. Абдуллоҳи Ансорӣ ҳушу ҳофизаи хориқулода дошт ва шояд ба ҳамин далел ӯро хеле зуд, дар синни чаҳорсолагӣ ба дабиристон додаанд.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар талаби илм бисёр дақиқназар ва сахтгир буда, ҳеҷ гоҳ бо мутакаллимон созгорӣ надошт. Ҳатто дар «Табақот» аз вохӯрии худ бо муҳаддиси бузург Қозӣ Абубакри Ҳарӣ дар Нишопур ёдовар мешавад ва ҳадис аз вай имло намекунад. Сабаб дар он буд, ки ӯ мутакаллим буду ашъаримазҳаб, агарчанде асноди зиёд дошт.

Давраи аввали омӯзиши Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро омӯзиш ва гирдоварии ҳадис ва тафсир дар бар мегирад. Навҷавон буд, ки дар ҳалқаи дарси Муҳаммад Тақии Сиҷистонӣ ворид шуд ва таъсири оғозини ин дарсҳо буд, ки Пири Ҳирот дар оянда яке аз бузургони мазҳаби сунии ҳанбалӣ гардид. Чун устодаш аз дунё гузашт, Ҳиротро чанд вақте гузошту ба сӯйи дигар шаҳрҳои Хуросон шитофт. Аз бузургтарин марказҳои илмии ин сарзамин, мисли Нишопуру Бастому Тӯс дидан карду суҳбати муҳаддисону муфассирону олимони машҳури вақтро дарёфт. Ин ҳама дар раванди минбаъдаи ташаккули Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун нависанда ва шоир таъсиргузор буданд. Зеро дониши андӯхтааш хоҳу нохоҳ ба мазмуну мундариҷаи ҳам осори назмӣ ва ҳам осори насриаш бетаъсир набуд.

Ҳеҷ мумкин нест, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бо ин ҳама фазлу дониши адабӣ, ҷиддият дар мутолиа, ошноӣ бо шеъру адаби арабию форсӣ дар назм

табъозмоӣ накарда бошад. Аз ин ҷост, ки худаш огоҳона ба масъала таъкид карда ва чунин гуфтааст: «Ман дар дабиристони адаб хурд будам, ки шеър мегуфтам, чунонки дигаронро аз ман ҳасад меомад» [Сафо 1371, с. 233].

Аз миёни муҳаққиқони муосир, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Ансорӣ таваҷҷуҳ карда, перомуни чеҳраи шоирии ӯ сухан ба миён овардаанд, аз ҷумлаи аввалинҳо яке мусташриқи машҳур Е.Э. Бертелс мебошад. Ин донишманд дар мавриди ба ирфону тасаввуф гаравидан ва соҳиби таснифоту таълифот будани Абдуллоҳи Ансорӣ чунин андеша дорад: «Ислом фақеҳи бузургро аз даст дода, дар ивази он муҳаққиқ ва назарияпардози барҷастаи ирфон ва тасаввуфро ба даст овард, ки асарҳояш то имрӯз аҳаммияти худро аз даст надодаанд» [Бертелс 1965, с. 68].

Назари муҳимми дигаре, ки ҳамин донишманд дар асоси баррасии ахбори баъзе сарчашмаҳо ироа кардааст, ба масъалаи аз муқаддимоти шоирӣ ба сурати кофӣ баҳраманд будани Ансорӣ тааллуқ дорад. Е.Э. Бертелс дар китоби «Суфизм и суфийская литература» аз «Маҷолис-ул-ушшоқ»-и Султон Ҳусайн ибни Султон Мансур дар бораи Ансорӣ иқтибос оварда, ки дар он ҷо омадааст: «Маро ҳафтод ҳазор байт аз ашъори араб ёд буд ва сад ҳазор низ форсӣ метавон гуфт» [Бертелс 1965, с. 67].

Ин маънӣ ба ёди мо дастури назарии Низомии Арӯзии Самарқандиро ба ёд меорад, ки дар масъалаи муқаддимоти шоирӣ зарурати ҳифзи миқдори муайяни ашъори мутақаддимону муосиронро ба шоир чунин таъкид карда буд: «...дар унфувони шабоб ва дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимон ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори мутааххирон пеши чашм кунад ва пайваста давовини устодон ҳаме хонад ва ёд ҳаме гирад...» [Самарқандӣ 2015, с. 47].

Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки баъд аз Ансорӣ зистааст, яқинан, дар асоси омӯзиши таҷрибаи эҷодии гузаштагон андешаи мазбурро ироа кардааст. Дар иқтибоси мазкур се асли ворид дар заруроти шоирӣ баён шудааст, ки ҳар се аслро дар чеҳраи Ансорӣ пайдо кардан мумкин аст. Ба Ансорӣ таваҷҷуҳ доштани муаллифи иқтибоси мазкур аз он ҷо ҳам маълум мешавад, ки дар

китоби мазкури худ ҳикоятеро аз рӯзгори Ансорӣ ҳам зикр кардааст [Самарқандӣ 2015, с.168].

Гузашта аз нукоти мазбур, андешаи муҳимми дигаре, ки аз хилоли тадқиқоти Е.Э. Бертелс ба даст меояд, муаррифии шахсияти Ансорӣ дар баробари нависанда ва назарияпардози тасаввуф будан ҳамчун шоир шеър сурудани ӯ ва мавҷудияти намунаҳои ашъори шоир дар лобалои осори мансураш мебошад. Ӯ дар мавриди баррасии сабки нигориши осори мансури Пири Ҳирот дар ин масъала чунин менависад: «Дар хилоли матнҳои ин асарҳо миқдори зиёди ғазалҳо, рубоиҳо ва порчаҳои дигари шеърӣ аз худи Ансорӣ оварда шудаанд» [Бертелс 1965, с. 70].

Ҳамин тавр, истеъдоди фитрӣ дар ташаккули буъди шоиронагии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз аносири бунёдӣ буда, дар якҷоя бо буъдҳои дигар шахсияти баркамолеро дар ростои илму адаб пешкаши ҷаҳониён кардааст.

### 1.2.2. Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон

Агар ҳама шавқи илму адабро зодаи таҷассуси зеҳнию истеъдоди фитрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бигӯем, хато хоҳем кард. Зеро Пири Ҳирот то ин ки пой ба мадрасаву маҷлиси бузурге ниҳод, дар хонаи падар ба порсоию худопарастӣ парварида шуда буд. Чунончи, ӯ дар кӯдакӣ муҳиммоти улуми диниро баргузида буд, тафсири Қуръони карим, аҳодиси набавӣ ва фиқҳ мехонд. Метавон гуфт, ки Абдуллоҳ илмро аз барои тавҳиду имон дӯст дошт. Ба тақвияти ин гуфтаҳо пажӯҳишгари фаронсавии осору ҳаёти Пири Ҳирот – Серж де Брукуй дар китоби «Саргузашти Пири Ҳирот» менависад: «На шавқе ба тафлису ҳикмат дошт ва на завқе ба риёзию тиб. Абдуллоҳ илмро барои имон дӯст дошт. Дониш ҳамеандӯхт, то бештару беҳтар гаравидаи Парвардгор бошад. Орзу дошт, ҳар он чиро битавонад, вақфи роҳи Худо бинмояд ва шавқи ӯ дар илм ба андозаи ишқи ӯ дар дин буд» [Буркуй  1379, с. 78]. Барои рушди минбаъдаи шахсияти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва интихоби сарнавиштиояндааш, маҳз муҳити хонаводааш нақши асосӣ дошт. Васфи шахсияти падару

модари Пири Ҳирот дар «Нафаҳот-ул-унс» аз модар камтар, вале аз падар ба таври муфассал омадааст. Волидайни Хоҷа ҳар ду порсову парҳезгор буданд ва аз хурдӣ ба тарбияи фарзанди худ дар роҳи ростию растагорӣ ҷиддияти тамом доштанд. Чи гунае ки дар фавқ ишора шуд, падараш – Абумансур шахси донишманд ва суфимашраб буд ва ин ҳол ба Абдуллоҳ ба ҳеч ваҷҳ бетаъсир намемонд. Абумансур аз хурдӣ фарқияти Абдуллоҳро нисбат ба дигар кӯдакон эҳсос карда, мутаваҷҷеҳи парвариши илмӣ ва динии ӯ мешавад. Ин нуктаро низ метавон зикр кард, ки шинохти Пири Ҳирот ва даврони рушду таҳсили ӯ, бе он ки падару саҳми ӯ дар тарбияти фарзанд шинохта шавад, ноқису нотамом хоҳад буд. Ҳатто дар «Маноқиб»-и Ҷомӣ омада, ки: «Шайх Аҳмади Кӯфонӣ, ки худ пиру устоди ӯ буд, ба ӯ гуфта буд, ки: «Ин ҳама бикардӣ ва гирди олам бигаштӣ, чан падари худ надидӣ» [Ҷомӣ 1355, с. 58].

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар даврони пирӣ аз падари худ ёд оварда, чунин мегӯяд: «Ман ҳафтоду анд сол илм омӯхтаму навиштам ва ранҷ бурдам дар эътиқод. Аввали он ҳама аз падари худ омӯхтаам, лекин қуро буд, содиқу ба ҷуду муттақӣ ва бовараъ, ки касе он чунон натавонистӣ буд ва натавонистӣ варзид, ки вай» [Ҷомӣ 1355, с. 231]. Солҳо баъд Шайхулислом ҳангоме ки гузаштаи ҳафтоду андсолаи худро баррасӣ мекунад, ба ин натиҷа мерасад, ки бо вуҷуди ранҷу заҳмати ҳафтоду андсола дар роҳи касби илму фазлу таҳсил, оғозу ибтидои эътиқод ҳама аз падар будаст.

Таъйини дақиқи солҳое, ки Пири Ҳирот зери назари падар ба омӯзишу таълим мепардохт, ба сабаби набудани санаде душвор аст. Ин муддат чанд соле, ки буда, рӯзе ба поён омад ва падар, ки ҳамеша дар дилаш меҳри замони тадрису ҳалқаи иршоди Шариф Ҳамзаи Ақилӣ ҷӯш мезад, ӯро тангдил медошт ва билохира тарки зану фарзанд ва хонумону иёл гуфту ба сӯи Балх рафт. Ӯ дубора ҳаргиз ба Ҳирот барнагашт. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» аз забони Хоҷа менависад, ки: «Ман хурд будам ҳанӯз, ки падарам даст аз дунё бардошт ва дунё ҳама бипошиду моро дар ранҷ афканд ва ибтидои дарвешию меҳнати мо аз ҳамон вақт буд» [Ҷомӣ 1893, с. 912]. Албатта, ишораи Пири Ҳирот бар он ки «ман хурд будам» маънои ҳанӯз тавони такаллуфи хонаводаро

надоштан аст. Зеро агар ибораи мазкурро ба сифати хурдсол будан пазирем, пас иддиои бо ҳамроҳии падар дар маҷлиси суфиён ширкат кардан ва дар бораи машоих суҳбат кардан рад хоҳад шуд. Пири Ҳирот дар «Табақот» чанд бор аҳволу ақволи машоихеро аз гуфтаи падари хеш ё аз асноде падар ба ӯ додааст, нақл мекунад, ки бидуни тардид, натиҷаи гуфтугӯи ӯ бо падараш дар бораи машоих будааст. Пажуҳандаи зиндагию осору афкори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ – Серж де Буркуй ҷудоии Абдуллоҳро бо падараш дар синни даҳсолагӣ баён кардааст.

Падараш, ки аҳли шӯру шавқ буд, Абдуллоҳро борҳо ба маҷлисҳои машоих бурда, шарафманди дидори онҳо гардонидааст. Падари Ансорӣ аз иродатмандони домони каромот ва иродати суфии шӯрида Шариф Ҳамзаи Ақилӣ буд. Агарчи худи Шариф Ҳамзаи Ақилӣ ӯро барои издивоҷ водор намуда буд, хеле барвақт тарки иёлу фарзанд намуда, ба хидмати Шариф Ҳамзаи Ақилӣ пайваст. Ансорӣ аз ин дар «Табақот» ёдовар мешавад ва мегӯяд, ки хеле хурд будам, ки падар даст аз дунё шусту моро тарк кард [Ансорӣ 1386, с. 32].

Дар ин ҷо аз модари ӯ набояд фаромӯш кард, зеро модараш низ дар баробари падараш дар тарбияи маънавии ӯ саҳмгузор аст. Агар оид ба ҳаёту зиндагии падари Пири Ҳирот – Абумансур, ки дар «Табақот-ус-суфия» ва «Нафаҳот» маълумот дода шудааст, диққат кунем, ӯ марди донишманду суфимашраб буд ва аз ин ҷост, ки шояд модари ӯ низ парвардаи домони хонаводае бошад, ки ба рафтору кирдори шахсе чун Абумансур мувофиқат кунад. Аз донишу саводу иттилооти модари ӯ ишорате ба ҷуз дар «Нафаҳот»-у «Мақомот» чизе дар даст нест, аммо бо таваҷҷуҳ ба ишороте, ки дар ин манобеъ омада, чунин метавон гуфт, ки модари ӯ низ аз дунёи падару фарзанд бегона набудаст. Агар саҳму таъсири  модар дар шукуфоии истеъдоди фарзанд ҳеч чизи дигаре набуда, ҳамин бас аст, ки ба ҳангоми дарсу имлои фарзанд дар рози касби улум, ба дасти хеш луқма дар даҳони ӯ мениҳод [Ҷомӣ 1337, с. 324).

Заминаи муҳимме, ки маҳз ба ҳамин восита, ба назари мо, дар руҳияи шоир аз хурдӣ таҳти таъсири сухани суфиён ва ваҷду ҳолати махсуси онҳо

нақш гузоштааст, раҳнамоии падар ва иштироки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар маҷлиси суфиён аз синни хурдсолӣ мебошад.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳузури бисёре аз машоихи замони худро дарёфта ва шарафёб ба мулоқоти онҳо шудааст. Дар маҷлисҳои шайхону суфиёни машҳур аз кӯдакӣ то даврони пирӣ ширкат меварзидааст, ки яке аз ин гуна машоихи бузург Шайх Абусаъиди Абулхайр мебошад. Агарчи дар «Табақот-ус-суфия» аз Абусаъиди Абулхайр ишорате нарафта, дар «Мақомоти Пири Ҳирот», «Нафаҳот»-и Ҷомӣ ва «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридаддини Аттор аз дидори ин ду тан зиёд сухан рафтааст. Мувофиқи гуфтаи Ҷомӣ, аз забони Пири Ҳирот, дар «Нафаҳот», «Шайхулислом гуфт, ки ман ду бор ба Бусаиди Булхайр будаам. Вай дастори худ фурӯ гирифт ва гилеми мисрии худ фаро ман дода ва шалғами ҷӯшида дар даҳони ман ниҳода ва чун ба наздики вай шудам..., вай маро таъзим дошт, ки андак касеро доштӣ» [Ҷомӣ 1337, с. 219].

Чунин дидор яқин аст, ки ҳангоми сафари Абдуллоҳи Ансорӣ ба Нишопур сурат гирифта бошад. Ин гувоҳи бузургию азамати Ансорӣ дар илму ирфон аст, ки шайхе ба монанди Абусаъид ӯро гиромӣ дошта ва «луқма дар даҳон»-аш ниҳода.

Абдуллоҳи Ансорӣ ба рақсу самоъ чандон таваҷҷуҳ надошта, аммо аҳёнан гирифтори ин ҳолат ҳам будааст. Аз ҷумла, иштироки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар маҷлиси самоъ, ки дар қарияи Набоззон иттифоқ афтода буд, маълум аст. Худи Пири Ҳирот дар ин бора чунинмегӯяд: «Рӯзе дар он айём самоъе мекардам ва дар он шӯр мекардам ва ҷома пора мекардам, чун аз самоъ берун омадам, ба масҷиди ҷомеъ омадам. Дар хумори самоъ будам, ки яке аз эшон фароз омад. Гуфт: Он ҷавон кӣ буд, ки бо ту дар самоъ мегашт. Гуфтам: Чӣ гуна? Гуфт: Навҷавоне шохи наргиси дарозе дар даст бо ту мегашт дар самоъ ва ҳар гоҳ, ки он наргисро фаро ба бинии ту доштӣ, ту даршӯридӣ ва бетоқаттар шудӣ...» [Буркуй 1379, с. 98].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шӯру шавқи маъхуз аз маҷлиси самоъ ва ба ин восита таъсири воридоти ғайбӣ ба василаҳои гуногун дар руҳияи Хоҷа

Абдуллоҳи Ансорӣ таъсиргузор будааст. Аммо Пири Ҳирот дар тамоми умри вопаси худ ҳеч бор дигар самоъ накард ва онро як навъ хилофи дин донист. Яъне, самоъ, ки маҳди ваҷди онро «навҷавон»-е бо «шохи наргиси дароз» ташкил диҳад, барои шахсияти динии чун Абдуллоҳи Ансорӣ бегона буд. Хоҷа тарафдори рақс дар самоъ набуд, ӯ самои берақсу дар худ фурӯ рафтанро мепазируфт.

Бузургтарин мутаккалим ва назарияпардоз Муҳаммад Ғаззолӣ дар мавриди самоъ, ки онро се навъ медонад, маҳз дар навъи дувум чунин мегӯяд: «Қисми дувум он ки дар дил сифате мазмум бувад. Чунонки касеро дар дил дӯстии зане ё кӯдаке бувад, ки самоъ кунад дар ҳузури вай, то лаззат зиёдат шавад ё дар ғайбати вай бар умеди висол, то шавқ зиёдат шавад, ё суруде шунавад, ки дар вай ҳадиси зулфу холу ҷамол бошад ва дар андешаи хеш бар вай фурӯ оварад, ин ҳаром аст» [Ғаззолӣ 1380, с. 477].

Ҳамин тавр, аз ин баррасиҳо маълум мешавад, ки дар ташаккули шахсияти адабии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таъсири муҳити хонаводагии ӯ ва ҳамчунин, ширкат дар маҷолиси бузургони суфия нақши бориз дорад. Ин нуктаро Хоҷа дар муқаддимаи «Табақот-ус-суфия», ки шарҳи ҳоли худро овардааст, борҳо таъкид кардааст. Маҳз таъсири муҳити хонаводагӣ, ки падари ӯ – Абумансур аз зумраи соликин буд ва ҳамчунин, ширкати ӯ дар маҷолиси суфия маҷрои минбаъдаи шахсияти Ансориро ҳамчун шоир, назарияпардоз, муфассир ва муҳаддис маълум кардааст.

Ҳамин тариқ, аз баррасии ахбори мавҷуд перомуни масъалаҳои мавриди назар оид ба заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва таваҷҷуҳ ба мабоҳиси дигаре, ки ба асли матлаб иртибот доранд, натиҷаҳои зерин ба даст меоянд:

1. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи илму адаб ва тасаввуфу ирфони асрҳои миёнаи мардуми эронинажод аз ҷумлаи шахсиятҳои маъруф ва соҳиби равиши хос ба ҳисоб меояд. Вай илова бар он ки ҳамчун муҳаддис, муфассир, нависандаи соҳибсабк, назарияпардози тасаввуф ва орифи баном шинохта шуда, дар пешрафту такомули ҷанбаҳои назарии тасаввуфу ирфон нақши бориз

дорад, ба сифати шоири бузург низ дар пешрафти шеъри суфиёна саҳми шоиста гузоштааст.

2. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳамчунин, ба сифати шайхулислом, суфӣ ва муаллифи осори зиёде дар заминаи масъалаҳои алоқаманд ба тасаввуфу ирфон, маърифати нафсу тааллуқоти он ва ғайра шахсияти чандбуъдӣ буда, ки ба ин буъдҳо бояд чеҳраи шоириаш ҳам, бидуни ҳеч як шакку шубҳае зам гардад.

3. Саҳми Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро дар радифи дигар шоирони мутасаввиф дар ривоҷи адабиёти тасаввуфии форсу тоҷик ба таври ҷудогона ва махсус бояд қайд кард.Вай аз назари баёни андеша, ироаи паёмҳои орифона ва сабки баён адиби соҳибибтикор буда, барои ироаи омӯзаҳои тасаввуфӣ ва ақидаҳои ирфонии худ аз анвои гуногуни шеър, ба мисли ғазал, рубоӣ ва дигар пораҳои шеърӣ суд ҷустааст.

4. Дар масъалаи ҳақиқати чеҳраи шоирии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки амре мусаллам аст, набояд ҷойи шубҳа боқӣ бимонад. Аз ин адиби тавоно дар сарчашмаҳои гуногун ба забонҳои арабию форсӣ ашъори зиёде нақл шудаанд. Худи Ансорӣ ба шеър гуфтани худ ва беш аз шаст ҳазор байтро ташкил додани ашъори арабиаш ишора низ кардааст. Ҳамчунин, теъдоди муайяни ашъоре аз миёни асарҳои мансури шоир шинохта шудаанд, ки аксари онҳо таровидаи хомаи худи адиб ҳастанд.

5. Ансорӣ барои паҳн намудани ақидаҳои фалсафию ахлоқӣ дар байни оммаи мардум ва баёни шӯру шавқи суфиёна ба сифати беҳтарин восила шеърро баргузида, махсусан, дар миёни соири анвои шеърӣ ба жанри рубоӣ инояти бештар зоҳир карда ва аз ин ҷост, ки теъдоди бештари ашъори бозмондаи шоирро шакли шеърии мазкур дар бар мегирад.

6. Пири Ҳирот бо муқаддимоту заруриёти шоирӣ, меъёрҳо ва мизони шеъри арабию порсӣ ба хубӣ ошно будааст. Ӯ эҷоди шеърро аз синни хурдслоӣ оғоз карда ва ба забонҳои арабию порсӣ шеър сурудааст. Намунаи ашъораш ба ҳар ду забон то ба рӯзгори мо боқӣ мондаанд.

7. Нишонаҳо ва дараҷаи шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз рӯйи унсурҳои маълуми шинохти каломи шоирона дарёфтан мумкин аст.

Махсусан, инҳиҷор аз меъёр дар сатҳи забонӣ муҳимтарин нишонаест, ки беш аз дигар унсурҳо дараҷаи шоиронагии каломи адибро таъмин кардааст.

8. Каломи шоиронаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бар мабнои заминаҳои мушаххаси шоиронагӣ шакл гирифтааст, ки аз инҳо иборатанд: 1. истеъдоди фитрӣ, ки ин ҷиҳат ба қобилияти фитрӣ ва атои илоҳӣ пайванд мегирад; 2. мутолиаи зиёд, ки аз унфувони шубоб оғоз ва то вопасин лаҳзаҳои ҳаёти шоир идома пайдо кардааст; 3. таъсири муҳити хонаводагӣ ва ҷиддиятҳои падар; 4. роҳнамоии падар барои ширкат дар маҷлиси суфиён, ки маҳз ба ҳамин восита дар руҳияи шоир аз хурдӣ таъсири сухани суфиён ва ваҷду ҳолати махсуси онҳо нақш гузоштааст.

### 1.2.3. Насри мусаҷҷаъ дар осори адиб

Чунонки аз баррасиҳои суратгирифта дар фаслҳои пешин маълум шуд, Хоҷа Абуллоҳи Ансорӣ дар форсию арабӣ нависандаи забардаст буд ва ба арабӣ аз замони кӯдакӣ ба шеър сурудан оғоз кардааст. Аммо муҳимтарин ибтикороти адабии ӯ омезиши насру назм дар қолаби каломи мансур мебошад. Донишманди афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ дар хусуси сурати ибтикороти Ансорӣ чунин мегӯяд: «...ибтикори адабию бароати фан ва қарияи шабаҳ дар тақориру муноҷотҳо ва амолиҳои форсии ӯст ва дар ин забон насреро ба вуҷуд овард мусаҷҷаъи фаннӣ, ки ҳаловату латофати назмро дар айни мазоё ва рӯшаниҳои наср дошт» [Ҳабибӣ 1342, с. 73].

Ибтикороти Ансорӣ дар баёни ҳунарии андеша паҳлуҳои зиёд дорад, аммо дар он миён барои мо дар ин ҷойгоҳ масъалаи асосӣ дараҷаи шоиронагии каломи адиб аст. Аз осори мансури Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ пайдост, ки сабки нигориши ӯ дар наср низ шоирона буда, дар баробари он ки каломаш ҳунарибунёд ва мусаҷҷаъ аст, бисёр сода ва оммафаҳм низ мебошад. Ин вежагиро ҳангоми мутолиаи «Табақот-ус-суфия», «Сад майдон», муноҷотҳо ва дигар асарҳои адиб равшану возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, барои намуна ба порчаи зерин таваҷҷуҳ мекунем:

«Илоҳӣ, эй холиқи бемадад ва эй воҳиди беадад, эй аввали беҳидоят ва эй охири бениҳоят, эй зоҳири бесурат ва эй ботини бесират, эй ҳаййи бе зиллат, эй муътии бе фитрат ва эй бахшандаи бе миннат, эй донандаи розҳо, эй шунавандаи овозҳо, эй бинандаи намозҳо, эй шиносандаи номҳо, эй расонандаи гомҳо, эй мубарро аз авоик, эй мутталеъ бар ҳақоиқ, эй меҳрубон бар халоиқ, узрҳои мо бипазир, ки ту ғанӣ ва мо фақир ва бар айбҳои мо магир, ки ту қавӣ ва мо ҳақир, аз банда хато ояду зиллат ва аз ту ато ояду раҳмат» [Ансорӣ 1378, с. 10].

Муҳимтарин хусусиёти саҷъи Ансориро метавон чунин таъйин кард:

1. Эҷози бехалал, ки «Сад майдон» намунаи боризи он аст ва дар он як калимаи барзиёд ва ҳашв наметавон ёфт;

2. Риояти саҷъ дар наср, ки бо ин васила гуфтори мансурро оҳангу ширинии назм дод ва аксари муноҷотҳову малфузоти ӯ мусаҷҷаъ ҳастанду ранги фаннӣ доранд, вале ин тасҷеъ ва ҷумлабандии мавзун ва муқаффо малоҳату равонию содагии каломро аз байн намебарад.

3. Ҷуръати адабӣ, ки дар мухотиботи ӯ бо Худованд саршор ба ниёзу адаб ва бархурде риндона сурат гирифтааст;

4. Дар айни қазоват ва балоғати гуфтор ва маҳорати фаннӣ, бархе аз истилоҳот ва калимоти хосси лаҳҷаи ҳиравиро низ меоварад, ки ба имолии вай сибғаи хоссеро мебахшад ва ин хосиятро дар имолии «Табақот-ус-суфия» фаровн метавон мушоҳида кард [Ҳабибӣ 1374, с. 74].

Пиромуни он ки Абдуллоҳи Ансорӣ аз бунёдгузорони саҷъи адабиёти порсӣ бошад, шакке нест. Вале бо вуҷуди ин, баъзе донишмандон иддиои қабул надоштани ин назарияро доранд. Шафеии Кадканӣ аз зумраи он донишмандоне ҳаст, ки бо ин баҳогузориҳо то ҷое розӣ нест: «Ин ки устодоне аз навъи Маликушшуаро Баҳор ӯро дар ин водӣ пешоҳанг донистаанду пешгоҳӣ додаанд, аз чашмандозе пазируфтанист ва аз дидгоҳи дигар, ғайри қобили қабул. Асноде, ки имрӯз аз осори баъзе аз зоҳидону суфиёни қарни савум ва оғози қарни чаҳорум дар Мовароуннаҳр ба даст омадааст, нишон медиҳад, ки ним қарн пеш аз тавлиди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нависандагоне, аз навъи

Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар кори саҷъборагӣ бар ӯ (Абдуллоҳи Ансорӣ – И. О.) ним қарн тақаддум дорад» [Кадканӣ 1394, с. 38].

Ин гуфтаҳои Кадканӣ ҳаминро мемонад, ки пеш аз устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ шоирон буданд, пас чаро маҳз ӯ сардафтари адабиёти форсии тоҷикист? Раҳим Мусулмониён дар китоби «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» низ то ҷое аз муқаддами саҷъсароён будани Абдуллоҳи Ансорӣ шак дорад: «Тақрибан ҳамаи муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷику форс – ба монанди Баҳор, Бадеъуззамон, И. С. Брагинский, Шафақ, Ҳусайнқулии Котибӣ ва дигарон чунин ақида доранд, ки гӯё дар адабиёти тоҷику форс насри мусаҷҷаъро аввалин шуда Абдуллоҳи Ансорӣ офарида бошад. Ба ин фикр ҳамроҳ шудан душвор аст, зеро, чунонки дар боло дида будем, саҷъро на танҳо дар асри XI, балки дар асри X ва аз он ҳам пештар кор мефармудаанд» [Мусулмонқулов 1970, с. 88]. Посух ин аст, ки дар амри ба адабиёт ворид намудани насри мусаҷҷаъ ва асос гузоштан ба маноқибсароӣ дар адабиёти форсу тоҷик саҳми Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бениҳоят бузург аст. Албатта, пеш аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ин навъи наср дар эҷодиёти дигарон, махсусан, пири тариқати Ансорӣ – Шайх Абулҳасани Харақонӣ низ дида мешуд, вале намунаи комил ва хеле шевою пуртакаллуми саҷъ дар адабиёти форсу тоҷик маҳсули коргоҳи ҳунарофарии Ансорӣ мебошад. Намунаҳои насри мусаҷҷаъ, ки дар шакли муноҷот аз Харақонӣ боқӣ мондаанд, танҳо қофия доранду халос. Дар онҳо бадеиёт ва истифодаи саноеи бадеӣ кам дида мешаванд.

Дар хусуси саҳми Ансорӣ дар шаклгирии насри мусаҷҷаъ дар адабиёти форсу тоҷик ва шоиронагии насри ӯ дар муноҷотҳояш Маликушшуаро Баҳор ба таври зайл хулосаи дақиқе ироа кардааст: «Зоҳиран, бояд нахустин саҷъсози форсиро Шайхулислом Абдуллоҳи Ансорӣ шумурд... Таснифоте дорад, ки маъруфтар аз ҳама муноҷотҳои ӯст ва ин рисола сар то сар мусаҷҷаъ аст... Асҷоъе, ки Абдуллоҳи Ансорӣ овардааст, навъест аз шеър, зеро ибороти ӯ бештар қаринаҳоест муздаваҷу мурассаъ, ки гоҳе ба тақлиди таронаҳои ҳаштҳиҷоӣ ва қофиядори аҳди Сосонӣ селахтӣ аст, ки араб дар урҷузаҳои қадими худ аз онҳо тақлид мекарда ва намунаҳое аз он таронаи «Об асту набиз

аст»-и Язид ибни Муфарриғ ва таронаи кӯдакони Балх дар замми Асад ибни Муслим – сардори араб аст, ки Табарӣ нақл кардааст» [Баҳор 2012, с. 327].

Дуруст аст, ки араб пеш аз нузули Қуръон аз таронаҳои ҳаштҳиҷоии паҳлавӣ пайравӣ мекардаанд ва метавон гуфт, ки такаллуфот дар насри араб аз ошноӣ пайдо кардани нависандагони араб ба адабиёту шеъри милали дигар, аз қабили эрониён, юнониён, ҳиндҳо мебошад. Дар тамоми муддати асрҳои IX-X насри араб ба содагию равонӣ ва эҷозу адами мувозанаву саҷъу такрор идома доштааст. Ҳарчанд, ба гуфтаи Баҳор, асҷои Ансорӣ таронаҳои ҳаштҳиҷоии аҳди Сосониро мемонад, вале бояд зикр кард, ки саҷъи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ биттамом татаббуъ аз сабки нигориши Қуръон аст. Ин ҷо пурсише ба миён меояд, ки оё аз замони нузули Қуръон то замони Абдуллоҳи Ансорӣ саҷънависон буданд? Сабаб он аст, ки то дер боз ба иллати иҷоза набудан аз тақлид ба насри осмонӣ сурудани саҷъ мамнуъ буд. Дар аввали зуҳури ислом коҳинон ва шахсони алоҳидаи нуфуздошта мехостанд, ки дар сабки Қуръон ва монанд ба он чизе бигӯянд, то худро расул ва ҳамчунин, ба қудсӣ будани Қуръон шак ворид кунанд, зеро оёти Қуръон ба сурати вайҳ нозил мешуданд. Чунонки Мусайламаи Каззоб илҳомоту ваҳйҳои макзуби худро ба сурати асҷоъ берун оварда буд ва ин маънии тақлидӣ буд, ки араб аз коҳинони қадим менамуд. Дар қарни X аз ҳисоби касрати китоб ва таълифоти адибону нависандагон ва инчунин, қурбу манзалате, ки муаллифону котибон дар дарбори хулафо ва дигар мулуку умаро касб карда буданд, боиси ба вуҷуд омадани рақобатҳову мусобиқаҳо ва хусумоти илмию ихтилофоти адабӣ гардид. Ҳар нависанда илова бар кӯшиш дар ҳусни хат ва ҳусни адои маъонию алфоз, саъй мекард аз шуаро ва илҳомоти эшон истифода кунад ва чизе ба орият гирад [Баҳор 2012, с. 329].

Ба ҳар ҳол, заминаҳои саҷъсароии Абдуллоҳи Ансориро аз истеъдоди фитрӣ, омӯзиши Қуръон, ки ин китоби муқаддас аз навъе аз қаринаҳои муздаваҷ иборат аст ва таъсири ҳалқаи иршоди шайх Абдулҳасани Харақонӣ бояд донист. Чун Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то миёнаҳои умр куллан ба омӯзиши илм машғул буд, метавон гуфт, ки замони тадрису таълиму таълифи ӯ пас аз ин

давра буда ва аз шарҳи ҳоли Хоҷа пайдост, ки дар 27-солагӣ ба ҳалқаи иршоди Абулҳасани Хараќонӣ пайваст шуду баъд аз муддате ҷомаи иршод пӯшид. Иродатмандию дилбастагии Пири Ҳирот ба Абулҳасани Хараќонӣ хос будааст. Ҳамон гуна ки Шафеии Кадканӣ менависад: «Ансорӣ, ки ғолибан ба дигарон фурӯ менигарад, нисбат ба Хараќонӣ ҳолате дорад, ки бад-ӯ бар менигарад» [Кадканӣ 1394, с. 34]. Худи Хоҷа низ иродату эътиқоди худро нисбат ба ин шахсияти бузург чунин иброз доштааст: «Абдуллоҳ марде буд биёбонӣ, мерафт ба талаби оби зиндагонӣ. Ногоҳ форасид ба Хараќонӣ. Чандон бихӯрд оби зиндагонӣ, ки на Абдуллоҳ монд ва на Хараќонӣ. Агар дорӣ, худ донӣ» [Кадканӣ 1394, с. 35].

Абулҳасани Харраќонӣ, дар навбати худ, ба сурудани саҷъ иштиғол доштааст, ки дар китоби «Нур-ул-улум» аз саҷъ зиёд истифода бурдааст. Асҷои Шайх Абулҳасани Хараќонӣ нисбатан содаву бетакаллуфанд ва дар онҳо риояти миқдори калимот дида намешавад. Шайх Аттори Нишопурӣ дар «Тазкират-ул-авлиё» зимни зикри зиндагӣ ва воқеоти шигифтангези рӯзгори ӯ, ҳамчунин, намунаи чанд аз ин асҷоъро меорад: «Сар ба нестии худ фурӯ бурдам, чунонки ҳаргиз водид наоям, то сар ба ҳастии ту барорам, то аз ту як зарра бидонам» [Тазкират-ул-авлиё 1346, с. 580]. Ё ин ки: «Дар сарои дунё зери хорбуне бо Худованд зиндагонӣ кардан, аз он дӯсттар дорам, ки дар биҳишт зери дарахти Тубӣ, ки аз ӯ ман хабаре надорам» [Тазкират-ул-авлиё 1346, с. 576].

Ин асҷоъ бештар ба навъи савуми саҷъ, ки саҷъи мутавозин ном дорад, монанданд. Зеро, мувофиқи талаботи саҷъи мутавозин, калимоти қарина дар вазн муттафақ ва дар ҳарфи равӣ мухталиф бошанд, монади «ком», «кор», «ниҳол», «баҳор» ва ғайра. Дар саҷъи аввал вожаҳои «барорам» ва «бидонам» қаринаҳои мутавозин мебошанд. Дар умум, саҷъи Шайх Абулҳасани Хараќониро саҷъи сода ва тақрибан дур аз такаллуфоту синоот метавон арзёбӣ кард. Ин асҷоъ бевосита таъсири худро дар раванди ташаккулу инкишои саҷъсозии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ гузоштаанд, зеро дар фавқ зикр шуд, ки Абдуллоҳи Ансори аз шогирдону соликони ҳалқаи иршоди Шайх Абулҳасани

Хараќонӣ буд. Нуќтаи мазкурро Шафеии Кадканӣ низ тарафдор буда, чунин хулоса кардааст: «Агар бихоҳем улгуе барои муноҷотҳои Ансорӣ ҷустуҷӯ кунем, муноҷотҳои Хараќонӣ беҳтарин улгуст» [Кадканӣ 1394, с. 35].

Омили дигари ба саҷъ рӯ овардан ва пояи саҷъи дариро асос гузоштани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, сабки Ќуръон мебошад. Инро дар куллияи осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон эҳсос кард. Оёти Ќуръон аз ќаринаҳо иборат аст ва дар он ҳар се навъи саҷъ – мутавозӣ, матарраф ва мутавозинро мушоҳида метавон кард. Аммо, ба гуфтаи Ҷалолиддини Ҳумоӣ, «Ба ҷойи саҷъ дар Ќуръони маҷид, бахусус фосила ва ҷамъи он, фавосил бояд гуфт». Маҳз аввалин намунаҳои асҷои оятдор дар осори ӯ дида мешавад: Донои замоири ҳар ќавм, ло таъхузуҳу синату вало навм. Бахшандаи фараҳу сурур ва ҳува алайҳим бизоти-с-судур [Ансорӣ 1349, с. 39].

Насри мусаҷҷаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз гунаи шевотарину пуртакаллуфтарини насри мутакаллифонаи порсӣ метавон гуфт. Пири Ҳирот дар саросари осори худ аз саҷъ истифода бурдааст. Ба зумраи осоре, ки аз саҷъ зиёд истифода бурдааст, инҳоро метавон номбар кард: «Муноҷотнома», рисолаи «Дилу Ҷон», рисолаи «Воридот», «Канз-ус-соликин», «Ќаландарнома», «Ҳафт ҳисор» ва «Сад майдон».

Дар идома намунае чанд асҷои расоилу осори гуногуни Ансориро ба гунаи мисол меоварем:

Аз рисолаи «Дилу Ҷон»: «Дил аз ҷон пурсид, ки аввали ин кор чист ва охири ин кор чист ва самараи ин кор чист? Ҷон ҷавоб дод, ки аввали ин кор фаност ва охири ин кор баќост ва самараи ин кор вафост» ва «Илоҳӣ, агар бардор кунӣ, равост, маҳҷур макун ва агар ба дӯзах фиристӣ, сазост, аз худ дур макун» [Ансорӣ 1349, с. 21].

Аз рисолаи «Воридот»: «Илоҳӣ, нестӣ ҳамаро мусибат асту моро ғанимат, бало аз дӯст атост ва аз бало нолидан хатост» [Ансорӣ 1349, с. 19].

Аз рисолаи «Канз-ус-соликин»: «Ва гуфт: Ҳон, эй мушти зулумгуфтор ва ано адувукум ила-л-азизи-л-ғаффор, гуфтори моро машавед ҳосид ва лаҳано валҳакум воҳид» [Ансорӣ 1349, с. 27].

Аз «Қаландарнома»: «Дарҳои лутфу кароматн туро боз, ин ҳама ноз чаро, қадри худ надонӣ ва номаи аъмоли худ нахонӣ» [Ансорӣ 1349, с. 92].

Рисолаи «Ҳафт ҳисор»: «Эй муфаззали бефузул ва эй одили беудул ва эй қозии беазл ва эй ҳокими беҳазл, эй донои беназир ва эй тавонои безаҳир» [Ансорӣ 1349, с. 96].

Аз «Мақулот»: «Эй дӯст, биҳишту дӯзах баҳона аст, мақсуд Худованди хона аст. Эй биҳишт, сари ту надорам, маро дарди сар мадеҳ ва эй дӯзах, тани ту надорам, аз худ хабарам мадеҳ» [Ансорӣ 1349, с. 148].

Муҳимтарин асари комилан мусаҷҷаъи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ «Муноҷотнома» ё «Илоҳинома» аст, ки шевотарину дилнишинтарин саҷъҳои Пири Ҳирот дар он гирд омадаанд.

Таъсири саҷъ ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то ҳадде буда, ки ҳатто дар зиндагии рӯзмарраи худ низ аз он истифода мекардааст. Инро аз нақли «Мақомоти Шайхулислом»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ метавон равшан кард: «Рӯзе яке аз акобири уламо пеши вай буд, китобе талабида буд, фарзанди худ Ҷобирро хост, ки онро ба ҷой барад, гуфт: Ҷобир (جابر), инро ҷо бар (جابر). Он бузургро аз ин шигифт омаду таҳсин кард» [Ҷомӣ 1355, с. 22].

Дигар аз заминаи рӯ овардан ба саҷъро аз тарафи Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҷалбу ҷазби мардум ба суханони худи ӯ метавон гуфт. Ҳамон гуна ки Е. Э. Бертелс хусусияти асосии назми суфиёнаро дар равонии онҳо мебинад ва таъкид мекунад, ки шоирони мутасаввиф ба ҷиҳати равонию таъсирнокии ашъори худ аҳаммияти хосса медоданд [Бертелс 1965, с. 300]. Ҳамин ақидаро дар ростои насри мутасаввифа ва хоссатан насри мусаҷҷаъ метавон гуфт, зеро маҳз равонию мутакаллиф будани ин наср сабаби зуд паҳн шудану дар дилҳо ҷой гирифтани он мебошад. Асҷои Ансорӣ дар баъзе маворид чунон равону суфтаанд, ки на танҳо калимоти охири ҷумлаҳо баробару ҳамвазнанд, балки тамоми ҷумла дар ҳиҷо баробаранд. Чи гунае ки аз қавли Маликушшуаро Баҳор дар боло овардем, ин асҷоъ гоҳҳо таронаҳои ҳафтҳиҷоии паҳлавиро мемонанд:

Ин ишқ мардумхор аст, бе иқш мардум хор аст [Ҷомӣ 1355, с. 135].

Ҳамин ҷумларо метавон дар шакли тарона дар як байт ҷамъ овард:

Ин ишқ мардумхор аст,

Бе ишқ мардум хор аст.

Хусусияти дигар аз асҷои Ансорӣ дар шеърияти онҳост. Дар суханони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муноҷоти зиёде вомехуранд, ки онҳоро як навъ шеъри ҳиҷоӣ метавон гуфт. Сируси Шамисо онҳоро «...идомаи шеъри ҳиҷоии Эрони пеш аз ислом дар забони дарӣ..» дониста, эҳтимолан, онҳоро дар пайдоиши рубоӣ таъсиргузор медонад [Шамисо 1374, с. 32].

Намунае чанд аз ин асҷоъро метавон ба сурати рубоӣ навишт:

Рубоии тамомқофия:

Илоҳӣ, на золимӣ, ки гӯям зинҳор,

На маро бар Ту ҳаққе, ки гӯям биёр.

Кор Ту медорӣ, пас медор,

Ин андохтаи худро бардор [Ансорӣ 1382, с. 4].

Ё ин ки:

Намози нофила гузоридан кори пиразанон аст,

Рӯзаи мақтуъ сарфаи нон аст

Ҳаҷ гузоридан гашти ҷаҳон аст,

Диле ба даст ор, ки кор он аст.

Намуна дар қофиябандии рубоии хасӣ:

Агар бар ҳаво равӣ, магасе бошӣ

Агар дар об равӣ, хасе бошӣ.

Пас диле ба даст ор,

То худ касе бошӣ.

Нуқтаи дигаре, ки лозим ба зикр аст, суфия рубоиёти себайтӣ низ доштаанд ва дар асҷои Абдуллоҳи Ансорӣ намунаи рубоиёти себайтии саҷъгуна дида мешавад:

Илоҳӣ, чун сагро бор аст,

Сангро дидор аст,

Агар ман аз сагу санг кам оям,

Мар маро ор аст.

Абдуллоҳро ба навмедӣ.

Эй дӯст, чӣ кор аст!?

Ҳеч шакке нест, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ асҷои худро дар ҳукми шеър медонистааст [Шамисо 1374, с. 148]. Масалан, дар «Табақот-ус-суфия» шеъри арабӣ фарвон аст, аммо шеъри форсӣ ҳеч нест ва Хоҷа ба ҷойи он ҳамин асҷоъро, ки ночор дар он замон ҳукми шеърро дошт, овардааст ва иттифоқан, бархе аз асҷои ӯ бидуни тағйир ва бархе бо мухтасар тағйире вазни арӯзӣ ва хусусан, вазни рубоӣ ва ё наздик ба вазни рубоӣ меёбанд:

На қатъ асту на васлу на зиён асту на суд,

На наздику на дур асту на дер асту на зуд [Ансорӣ 1386, с. 22].

Тафовути зиёде миёни авзони ин шеър ва вазни рубоӣ дида намешавад. Танҳо як ҳиҷои кутоҳ дар ин шеър бештар аст ва вазни он мафоъӣлу, мафоъӣлу, мафоъӣлу фаъал аст.

Ё ин ки дар байти зер:

На аз дӯст малол асту на рад аст,

Айб аз ин суст, ки оҳан сард аст [Ансорӣ 1386, с. 151].

Вазни байти боло ба шакли мафоъилу, мафоъилу, фаъӯлу аст.

Сируси Шамисо чунин назар дорад: «Ба назари ман, маншаи рубоӣ (махсусан ба лиҳози вазн) дар ҳамин асҷои машоихи суфия аст ва аммо шакли чаҳормисроӣ илова бар асҷоъ дар фаҳлавиёт ҳам, ки шеъри асили эронист, маъмул будааст» [Шамисо 1374, с. 38].

Хулоса, асҷои Абдуллоҳи Ансориро дар ғолиби маворид метавон шеъргуна номид. Ин насрро бо андак тағйир метавон назм кард. Ҳамон гуна ки дар боло овардем, ин асҷоъ худ ҳукми шеърро доранд.

# БОБИ II

# МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

## 2.1. Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ

Аз баррасии андешаҳои матраҳ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ба монанди «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Кашф-уз-зунун ан асомия-л-кутуб ва-л-фунун»-и Ҳоҷӣ Халифа, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Маноқиби Шайх-ул-ислом»-и Ҷомӣ ва ғайра маълум мешавад, ки муаллифони манобеи мазкур ҳама аз алоқаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба шеъру шоирӣ сухан ба миён оварда ва намунаҳое аз рубоиёт ва ғазалҳои форсии шоирро дар китобҳояшон нақл кардаанд.

Аз ҷумла, дар миёни сарчашмаҳои мазкур дар китоби «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат дошатни се девони форсӣ ишора рафтааст [Ҳоҷӣ 1310, с. 458], вале, мутаассифона, то ба мо ҳеҷ кадоме аз онҳо боқӣ намондаанд. Аммо дар хилоли осори мансури худи Хоҷа намунаҳои фаровони ашъорашро пайдо кардан мумкин аст, ки дар қолабҳои гуногуни шеърӣ суруда шудаанд. Зимнан, нависандаи ин рисола кори ҷамъоварии ашъори шоир мундариҷ дар сарчашмаҳои гуногун ва асарҳои худи ӯро ба сомон расонида дар шакли маҷмуа ба чоп омода бишавад.

Забеҳуллоҳи Сафо низ шеър сурудани Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро тасдиқ карда, дар ин хусус ва оид ба пайванди ӯ бо илму дониш ва шеъру шоирӣ дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» чунин овардааст: «Аз хурдӣ забони гӯё ва табъи тавоно дошт, чунонки шеъри арабӣ ва порсӣ нек месуруд ва қудрати зеҳни ӯ чунон буд, ки ҳам дар ҷавонӣ дар улуми адабию динӣ ва ҳифзи ашъори араб шуҳрат дошт... Вай шеър месуруд ва бисёре аз ашъори худро дар рисолоти хеш овардааст...» [Сафо 1349, с. 912].

Соҳиби қавли мазкур дар идома ба шуҳрати Ансорӣ ишора карда, маъруфияти вайро баста ба рисолоту китобҳояш донистааст: «Лекин шуҳрати Ансорӣ аз бобати ашъори қалиле нест, ки аз ӯ монда, балки аз бобати рисолоту кутуби машҳуре ҳаст, ки падид оварда ва аз ӯ дар даст дорем» [Сафо 1349, с. 912].

Чунин нуқта амрест табиӣ, чунки дар қиёс ба осори мансури Ансорӣ миқдори андаки ашъораш дастраси Сафо ва дигар пажӯҳандагон будааст.

Аз намунаҳои ашъоре, ки Сафо аз Ансорӣ нақл кардааст, бо мақсади шиносоӣ бо равиши сухан ду рубоиро меоварем:

Дар ишқи ту гаҳ масту гаҳе паст шавем
В-аз ёди ту гаҳ нест, гаҳе ҳаст шавем.
Дар пастию мастӣ, ар нагирӣ дастам,
Якборагӣ, эй нигор, аз даст шавем.

Ва:

Дӣ омадаму наёмад аз ман коре,
Имрӯз зи ман гарм нашуд бозоре.
Фардо биравам бехабар аз асроре,
Ноомада беҳ будӣ аз ин бисёре» [Сафо 1349, с. 913].

Ҳамин муҳаққиқ ҷойи дигар дар бораи шахсияти адабии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва равиши тасаввуфиаш чунин меорад: «Алалхусус, дар ҳадис тавоно ва соҳиби иттилоот ва имлои касир буд ва дар фиқҳ равиши Аҳмад ибни Ҳанбал дошт. Вай дар тасаввуф аз шайх Абулҳасани Харақонӣ таълим гирифтаву ҷонишини ӯ буд ва илова бар ӯ, аз машоҳири мутасаввифаи аҳди худ, монанди Шайх Абусаъиди Абулхайр низ фоидаҳо баргирифт» [Сафо 1349, с. 913].

Андешаҳои Забеҳуллоҳи Сафо низ ба шеъру шоирӣ вобастагии ногусатанӣ доштани Пири Ҳиротро тасдиқ мекунанд. Дар манобеи дигари мавҷуд дар Эрон ҳам аксар ақидаи Сафо ҷонибдорӣ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон низ муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши ҳаёту осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ даст задаанд, ғолибан ӯро дар баробари нависанда ва

назарияпардозони тасаввуф ҳамчун шоир низ эътироф кардаанд. Расул Ҳодизода бо таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур перомуни ғазал сурудани Ансорӣ чунин мегӯяд: «Ансорӣ ғазалҳои ошиқона ҳам доштааст, ки дар мазоқу шавқи суфиёна сурудааст. Ғазали зерини ӯ дар чанде аз кутуби ирфонӣ сабт шудааст, ки ҳамоно аз яке аз рисолаҳои форсии ӯ гирифта шудааст. Ин ғазал мазмуни андарзи суфиёна дорад:

Эй ки ту мағрури бахту давлати фархундаӣ,
Хоҷаи соҳибсариру мафраши огандаӣ.
Ё ки хуршедӣ ба сурат, ё ки Ҷамшедӣ ба ҳусн,
Ё чу Зуҳра чеҳра дорӣ, ё чу Маҳ тобандаӣ.
Ё чу Қайсар ҳаст бар сар тоҷу афсар мар туро,
Ё ки чун Исои Марям то қиёмат зиндаӣ.
Ё камолоне, ки гуфтӣ ҷумларо дарёфтӣ,
Ё муродоте, ки ҷустӣ, ҷумларо ёбандаӣ.
Ё гирифтӣ чун Сикандар мулкати рӯйи Замин,
Ё чу Қорун сад ҳазорон молу ганҷ огандаӣ.
Гарчи Шаддодӣ, валекин нестӣ эмин зи марг,
Ҳеҷ кас гуфтаст бо ту, то абадояндаӣ?
Осмон чун абри найсон бар ту гирён аст зор,
Он замон, к-аз азмати худ ҳамчу гул дар хандаӣ.
Оташи савдои дил то чанд аз ин боди бурут,
Хоки беобию в-он гаҳ бо димоғи гандаӣ.
Гар амирӣ, ҳам бимирӣ, Пир Ансорӣ, бидон,
Хоҷагӣ аз ту назебад, сар бинеҳ чун бандаӣ» [Ҳодизода 1999, с.103].

Донишманди дигари тоҷик Кароматулло Олимов дар китоби «Ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» аз шахсияти Ансорӣ низ ба ҳайси шоир ёд карда, барои исботи андешаҳои худ ба таври хеле зиёд намунаҳое аз рубоиёт ва ғазалҳои ӯро иқтибос овардааст [Олимов 1988, с. 106-107].

Адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор дар китоби «Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик» дар мавриди рубоиёти Ансорӣ

чунин овардааст: «...дар ин аҳд аз тарафи урафое, чун Ансорӣ, Саноӣ ва Аттор бунёди рубоиёти ирфонӣ ва ваҳдати вуҷудии форсӣ гузошта шуд ва системаи забони рамзӣ ва мафҳумоти суфиёна пурра ташаккул ёфт» [Абдусаттор 2017, с. 161].

Адабиётшиноси дигари тоҷик Мирзо Солеҳов ба шеъру шоирӣ алоқаманд будани Абдуллоҳи Ансориро таъйид ва ӯро дар ташаккули назми тасаввуфӣ аз чеҳраҳои муассир медонад: «Гузашта аз ин, Абдуллоҳи Ансорӣ дар ташаккули назми тасаввуфӣ-ирфонӣ саҳми сазовор дорад. Ин ҳам мусаллам аст, ки Абдуллоҳи Ансорӣ аз овони хурдсолӣ бо ду забон: бо забони модариаш ва бо забони арабӣ шеър мегуфт» [Солеҳов 2020, с. 106]. Дар идома муҳаққиқи мазкур аз маҳорати шоирии Ансорӣ сухан ба миён оварда, барои намуна 2 ғазал ва чаҳор рубоии шоирро мисол меорад [Солеҳов 2020, с. 107-110].

Андешаи муҳаққиқи дигари тоҷик Ибни Қурбон ҳам дар хусуси адиби соҳибибтикор будани Ансорӣ ҷолиб аст. Бино ба дарёфти ӯ, Ансорӣ «дар насру назми порсӣ ба пояҳои баланд расида ва дар баъзе маворид навигариҳои адабӣ ворид сохт, чунонки аввалин мутафаккире буд, ки ба адабиёти форсӣ дар асарҳои насрӣ назмро ба кор бурд, ки Саъдии бузург онро идома дод ва ба камол расонид. Аз аввалин нафароне ҳаст, ки дар забони форсӣ насри мусаҷҷаъ (қофиядор)-ро ворид кард. Ҳамчунон, дигар аз ҷумлаи нахустин иншокунандагони рубоиёти динию ирфонӣ шинохта шудааст. Муноҷотҳои содаву равони пурмазмунро бо санъати волои адабӣ аввалин шуда ӯ дар адабиёти форс-тоҷик ҷорӣ кард» [Қурбон 2007, с. 336].

Ҳамин тавр, аз ҳамаи қавлҳои мазбур ва баррасии андешаҳои муҳаққиқони мазкур бармеояд, ки далоили кифояи исботи шеъри форсӣ сурудани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар гуфтори онҳо мавҷуд буда, масъалаи ҳамчун шоир эътироф кардани Ансориро дар ҷаҳони таҳқиқи адабӣ метавон ҳалшуда ҳисобид.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, чунонки аз ахбори сарчашмаҳо, маълумоти муҳаққиқони муосир ва хилоли осори худаш бармеояд,ба шеъру адаб аз хурдӣ шавқи зиёд доштааст. Ба тасдиқи ин маънӣ Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот»

ва «Маноқиб» аз забони худи Ансорӣ чунин қавлеро меоварад: «Писари яке аз хешони Хоҷа Яҳёи Аммор бо ман дар дабиристон буд. Ман ба бадеҳа шеърҳои тозӣ бигуфтаме ва ҳар чизе, ки кӯдакон аз ман хостӣ, ки дар фалон маънӣ шеъре бигӯй, бигуфтаме, зиёдат аз он ки он кас хоста будӣ. Ва вақте ки он писар падари худро гуфта, ки вай дар ҳар маънӣ, ки хоҳӣ шеър гӯяд, падари вай фозил буд, гуфт: Чун ба дабиристон шавӣ, аз вай хоҳ, ки ин байтро тозӣ кунад:

Рӯзе, ки ба шодӣ гузарад, рӯз он аст
В-он рӯзи дигар рӯзи бадандешон аст.

Ман дар вақт гуфтам:

Ва явм-ул-фатӣ мо ошаҳу фӣ масарратӣ
Ва соируҳу явм-уш-шақои асибу.
Рум-ил-васла мо думт-ас-саъодат фа-д-дуҷӣ
Битанғиси айш-ил-акрамайна рақибу.

Ва ҳам вай гуфта, ки «маро шаш ҳазор шеъри тозӣ беш аст бар вазни рост дар дасти муридон ва бар пушти аҷзои ман» [Ҷомӣ 1337, с. 229].

Ва ҳам гуфтааст, ки: «Вақте қиёс кардам, ки чанд байт ёд дорам аз ашъори араб, аз мутақаддимон ва мутаахирон, ҳафтод ҳазор беш ёд доштам» [Ҷомӣ 1337, с. 230].

Дар хусуси ба хубӣ аз уҳдаи ин ашъори булағои араб баромадан ва дар маънии бадоҳатан шеър сурудани Ансорӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» ба сурати возеҳ иттилои муҳимме мавҷуд аст. Вола аз қавли худи Ансорӣ чунин овардааст: «Татаббуи ашъори булағои арабро ба ақсию-л-ғоят расонида буд, чунонки худ мефармудааст, ки ман сад ҳазор шеъри тозӣ аз мутақаддимону мутааххирон дар зикр дорам ва зиёда аз шаш ҳазор шеър дар забони тозӣгуфтаам. Ва ҳам худ мефармояд, ки ман дар дабиристон будам, кӯдаке зеборӯй Абуаҳмад ном дар он ҷо меомад. Яке гуфт: «Барои вай шеъре бигӯ». Ман ин байт гуфтам:

Ли Абиаҳмад ваҷҳун қамару-л-лайли ғуломиҳи
Ва лаҳу хатту ғизолин рашақа-л-қалби саҳомиҳи».

[Доғистонӣ 2018, с. 77]

Аз нақли қавлҳои мазкур чанд нуктаи муҳим ба даст меояд: нахуст ин, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳанӯз аз хурдӣ завқи баланди шеъргӯӣ, фаросати дарки мазмуни баланд ва қобилияти махсуси шеърфаҳмӣ дошта, «ба бадеҳа» шеър мегуфтааст; ду дигар ин, ки вай дар ҳамон сиғари син метавонистааст, дар ҳар маъние, ки аз ӯ хоҳӣ, шеър бигӯяд; сеюм, аз уҳдаи тарҷумаи шеъри порсӣ ба арабӣ ба хубӣ мебаромадааст; чаҳорум, соҳиби миқдори қобили таваҷҷуҳи ашъор буда, ки дар ин ҷо, тибқи меъёрҳои суннатии арҷгузорӣ ба шахсияти адиб ва тавоноии вай бо мақсади намоёнидани дараҷаи фазлу адаб ва табаҳҳур, танҳо аз ашъори арабии Хоҷа ёд шудааст; панҷум, дорои захираи бузурги зеҳнӣ будан ва ҳифзи теъдоди зиёди ашъор аз мутақаддимон ва муосирон.

Нуқтаи дигари бисёр муҳим дар робитаи Ансорӣ ба шеъру шоирӣ дар он аст, ки ӯро ба ҳайси яке аз аввалин сароянДагони ғазалҳои ирфонӣ метавон эътироф кард, зеро то Абдуллоҳи Ансорӣ дар адабиёти мо ғазалҳои ирфонӣ дар сурати комил дида намешуданд. Аммо мушкилтарин баҳс дар мабоҳиси мансубияти ашъор ба Хоҷа маҳз ғазалиёти ӯ мебошад. Зеро дар диссертатсия низ мукаррар ин нукта ёдовар шуд, ки ғазалиёти мансуб ба Хоҷа хеле дур аз салиқа ва дониши фарогири Пири Ҳирот мебошанд. Гумон меравад, ки дар асрҳои баъд иродатмандон ва ё душманони эшон ин ашъорро ба номи ӯ сурудаанд ва ё ашъори худи ӯст, вале ба гунаи шадид тағйир ёфтаанд. Ба гурӯҳи шоироне, ки пеш аз Хоҷа Абдуллоҳ ғазал сурудаанд (агар бипазирем, ки Хоҷа ғазал сурудааст), метавон Абулқосим Бушри Ёсин, Абузари Бузҷонӣ ва Абуалии Даққоқро ном бурд. Бо намунаи ғазалҳои Пири Ҳирот дар хилоли осори насриаш, аз ҷумла дар китоби «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ва чанд асари дигар, шинос шудан мумкин аст. Ба мисли намунаи зерин:

Эй толибе, ки даъвии ишқи Худо кунӣ,
Дар ғайби ӯ назар ба муҳаббат чаро кунӣ?
Дар ҷустуҷӯи халқ ту бегона шав, агар
Хоҳӣ, ки дил ба ҳазрати Ҳақ(қ) ошно кунӣ.
Ҳаққо зи сӯз ғулғула дар осмон фитад,
Он дам, ки аз надамту яке раббано кунӣ,

Мулки биҳишт они ту шуд, гар даме зи халқ
Худро фидои як қадами бенаво кунӣ.
Як саҷда бас, қабули дари кибриё шавӣ,
Гар кибрро бимонию тарки риё кунӣ.
Ҳар нимате, ки ҳаст, бар ӯ шукр кун, вале
Шукр он бувад, ки аҳди Худоро вафо кунӣ.
Ансориё, чу рӯз шавӣ равшан, ар шабе
Худро зи аҷз бар дари Субҳон гадо кунӣ [Ансорӣ 1319, с. 29].

То замони зиндагию эҷоди Пири Ҳирот орифони машҳуре, ба монанди Абусаъиди Абулхайр, Бобо Кӯҳии Шерозӣ ва Бобо Тоҳири Урён ғазал ва дубайтию рубоиёти зиёди ирфонӣ сурудаанд. Дар сарчашмаҳои адабию ирфонӣ, аз ҷумла дар «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар, «Тамҳидот» ва «Номаҳо»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ порчаҳои алоҳидаи шеърӣ дар қолаби рубоӣ ва ғазал аз Абулқосими Бушри Ёсин, Юсуфи Омирӣ, Абуалии Даққоқ, Воизи Сарахсӣ оварда шудаанд. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ низ яке аз бузургтарин сарояндагони рубоиёти ирфонӣ буда, хизмати бузурги ӯ дар пешрафти адабиёти тасаввуфӣ, ба иловаи ворид намудани насри мусаҷҷаъ, дар ворид намудани эҳсосоти нозуки руҳӣ дар қолаби ғазалҳои ирфонӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар бисёре аз сарчашмаҳои адабию ирфонӣ Ҳаким Саноиро ба сифати бунёдгузори адабиёти тасаввуфӣ мешиносанд ва яке аз сабабҳояшро дар он медонанд, ки ӯ бисёре аз истилоҳоти суфиёнаро ба адабиёт дохил кардааст. Калимаву ибораҳо ва таъбироте, ба мисли «чашм»-у «абру», «хол»-у «хат», «зулф» ва ғайра, ки дар ашъори Саноӣ ба маънии ирфонӣ дида мешаванд, пеш аз Саноӣ ин гуна истилоҳотро дар ашъори Ансорӣ низ метавон дид, ба мисли намунаҳои зерин:

Дар ишқи Ту ман бе дилу бе ҷон шудаам
В-аз баҳри ту чун <u>зулфи</u> Ту <u>печон</u> шудаам.
Не, не, ғалатам, кунун ман аз <u>қуввати ишқ</u>
Бигзаштаам аз ду кавн, <u>ҷонон</u> шудаам [Мудаббирӣ 1341, с. 41].

Ва:

Рӯзе, ки сар аз парда бурун хоҳӣ кард,

Донам, ки замонаро забун хоҳӣ кард.

Гар ҳусну ҷамол аз ин фузун хоҳӣ кард,

Ё Раб, чӣ ҷигарҳост, ки хун хоҳӣ кард?! [Мудаббирӣ 1341, с. 21].

Дар миёни муҳаққиқони ба масъалаи мавриди назар пардохта аз камтарин пажӯҳишгароне, ки дар шоир будани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ шак кардааст, Шафеии Кадканӣ мебошад. Бино ба андешаи ин донишманд, шеърҳое, ки дар баъзе сарчашмаҳо ба Ансорӣ нисбат дода шудаанд, «сурудаи гӯяндагони нотавону камтаҷрибаест, ки дар қарни ёздаҳум ва даҳум мезистаанд» [Кадканӣ 1394, с. 119]. Сируси Шамисо низ дар китоби «Сайри рубоӣ» то ҷое гумон дар шоир набудани Абусаъиди Абулхайру Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дорад, аммо боз ҳам ғолибан ба шоир будани онҳо зиёдтар тамаркуз мекунад [Шамисо 1374, с. 51].

Дар идомаи ҳамин иқтибос Кадканӣ сабаби шеърҳои, ба назари вай, сусту беарҷро дар он рӯзгор ба номи Ансорӣ вориди китобҳо кардани баъзе афродро ҷустуҷӯ карда, агарчи масъаларо душвор меҳисобад, чанд роҳи ҳалли онро пешниҳод менамояд: якум, афроде аз хонадони Ансорӣ, ба монанди Шайхзодаи Ансорӣ, ки баъд аз Пири Ҳирот зиндагӣ кардаанд, бо мақсади таъмини шуҳрати Ансорӣ рисолаҳои ӯро «бо омезаҳое аз калимоти Хоҷа Абдуллоҳ, аммо ба услуби наздик ба услуби замони худашон фароҳам овардаанд ва дар матовии он рисолаҳо «шеър»-ҳое аз сурудаҳои худро бо тахаллуси «Ансорӣ» ва «Пир Ансорӣ» ворид кардаанд»; дувум, касоне дар асрҳои XV-XVI будаанд, ки худро дар «олами таваҳҳум» Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мепиндоштаанд. Аз ин ҷост, ки аз асрҳои мазкур ба баъд «ривоёти муноҷотҳои Ансорӣ рӯй дар афзунӣ ва гуногунӣ мениҳад ва ҳам номи Ансорӣ дар тазкираҳо ва ҷунгҳову сафинаҳо ба унвони яке аз сарояндагони рубоӣ рӯз ба рӯз шуҳрат ва қабули оми бештаре ба худ мегирад, то он ҷо, ки дар қарни дувоздаҳум ва сездаҳум дигар тазкираҳое наметавон ёфт, ки вежаи тамоми шоирони форсизабон, аз қадимтарин айём то рӯзгори муаллиф фароҳам омада бошад ва дар он чанд шеъри порсӣ аз Хоҷа

Ансорӣ дида шавад»; сеюм, ховаршиносоне, ки масъалаи ташаккулу таҳаввули шеъри ирфониро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, дар радифи Абусаъиди Абулхайру Бобо Кӯҳӣ Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро низ афзудаанд»; чаҳорум, Кадканӣ шеърҳои бо тахаллусҳои мансуб ба Ансорӣ дар китобҳо омадаро, ки дар қолаби ғазал, қасида ва маснавӣ омадаанд, бинобар «фарти сустӣ», ки «гоҳ мояи хандаи хонанда мешаванд», маҳсули қалами «шоирони андакмоя ва камсаводи» асрҳои XV-XVI меҳисобад [Кадканӣ 1394, с. 119].

Бинобар он ки андешаҳои мазкур аз роҳи масъалагузорӣ ва пешниҳоди тариқи ҳалли масъала эрод шудаанд, онҳоро наметавон тасдиқ ва ё рад кард. Чунонки аз андешаҳои мазкури Кадканӣ ҳам мушоҳида мешавад, дар он ҷо аз рубоӣ зикре нарафтааст. Аммо дар идома Кадканӣ бар он аст, ки рубоиҳои мавҷуд, ки ба номи Ансорӣ ёд мешаванд, аз шеърияти комил орианд.

Он чи перомуни ғазалиёт ё анвои дигари шеърӣ, ба ҷуз рубоиёт, Кадканӣ гуфтааст, то ҷое ба андешаҳои ӯ метавон розӣ шуд. Зеро ғазалҳо, қатаот, муфрадот ва мисраъҳои мансуб ба Хоҷа дорои камбуди сабкӣ, вазнӣ ва интисобӣ мебошанд, ки ба гунаи зер метавон баррасӣ кард:

1. Ғазалиёт, дар воқеъ, дур аз сатҳи тафаккури халлоқонаи Хоҷа мебошанд, аммо аз назари муҳтаво бо ҷаҳони маънавии Ансорӣ созгор ҳастанд;

2. Дар миёни қитъаҳо, муфрадот ва мисраъҳои парокандаи мансуб ба Хоҷа абёти зиёдеро метавон пайдо кард, ки дар ашъори шоирони баъд аз ӯ дида мешавад. Ин баҳс дар боби севум матраҳ хоҳад шуд.

3. Мушкилӣ ҷиддии дигаре, ки дар ашъори болозикр зиёд дида мешавад авзон ва уюби қавофӣ мебошад, ки ин масъала низ дар боби севум баррасӣ мешавад.

Аммо дар мавриди рубоисаро будани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳеч ҷои шакку тардид нест ва ин масъаларо дар фаслҳои пешин бо далелҳои кифоя баррасӣ кардаем.

Ҳамин тавр, аз ҷустуҷӯ ва баррасии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар шакли пароканда, дар хилоли осори насрии ӯ ва дигар сарчашмаҳои адабӣ

омадаанд, чунин хулоса метавон кард, ки ашъори мансуб ба Хоҷа аз рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа, фард ва байтҳои пароканда иборат аст.

Дар умум, таркиби ашъори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз рубоӣ, ғазал, қитъа, маснавӣ, қасида, муфрадот ва мисроъ иборат аст, ки шумораи умуми абёти ашъори Ансориро ба таври тахмин 989 байт метавон муқаррар кард, ки аз дусаду ҳабдаҳ рубоӣ (чаҳорсаду сию чор байт), чилу панҷ ғазал (сесаду наваду нуҳ байт), ёздаҳ маснавӣ (121 байт), ҳаждаҳ фард (ҳаждаҳ байт), ҳашт қитъа (шонздаҳ байт) ва ду мисроъ (як байт) иборатанд.

Бинобар он ки рубоӣ дар эҷодиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз назари интисоби ҳақиқии он ба шоир дар мақоми аввал қарор мегирад, баҳсро дар табақабандии ашъори шоир ба анвои адабӣ аз жанри рубоӣ оғоз мекунем.

### 2.1.1. Рубоӣ

Баррасии рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ дар таҳқиқи мо мабҳаси муҳим мебошад, зеро қисмати асосии ашъори ӯро маҳз жанри рубоӣ ташкил медиҳад. Он чи перомуни зикри рубоиёти Хоҷа дар сарчашмаҳо ва хилоли осори худи ӯст, дар зербоби аввал ва дувуми боби якум ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин боб, асосан, бо такя ба матолиби «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» [Мавлоӣ 1377], маҷмуаи «Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» [Мудаббирӣ 1341] ва ҳамчунин, ашъори гирдовардаи  муаллифи сатрҳо сурат мегирад. Сабаби интихоби ин маҷмуаҳо ба унвони марҷаъ дар он аст, ки муаллифон ашъори мундариҷ дар маҷмуаҳоро бо такя ба нусхаҳои гуногуни осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки ашъори Хоҷа дар онҳо оварда шудааст, гирдоварӣ кардаанд. Чизи дигаре, ки метавон қайд кард, он аст, ки тамоми рубоиёти ҷамъоваришудаи Хоҷа аз сарчашмаҳои гуногун бо кӯшиши мо дар маҷмуаҳои болозикр дида мешаванд. Дар умум, дусаду ҳабдаҳ рубоии Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз манобеи гуногун ҷамъоварӣ ва тартиб додем, ки дар дохили онҳо

рубоиёти сайёр низ мавҷуданд, ки қаблан баҳси алоҳидае сари ин масъала сурат гирифта буд.

Аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то имрӯз девони ашъор барҷо намондааст. Дар ҳеч як аз сарчашмаҳои наздик ба рӯзгори адиб низ зикре перомуни мавҷудияти девони ӯ нарафатааст. Гӯё Эътимодӣ дар мақолаи «Манзумоти Хоҷа», ки дар маҷмуаи «Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» дар Кобул ба табъ расида (1988), чунин менависад: «Манзумоти Хоҷа бештар муштамил бар рубоию қитъа ва чанд ғазал аст» [Эътимодӣ 1342, с. 21]. Муаллифи мазкур, ҳамчунин, дар яке аз китобхонаҳои шахсии Кобул дафтаре аз рубоиёти мансуб ба Хоҷаро дида, ки чунин иброз доштааст: «Як маҷмуа аз рубоиёти Хоҷа дар яке аз китобхонаҳои шахсии Кобул мавҷуд дошт, ки дар он тақрибан ду ҳазор рубоӣ ба Хоҷа нисбат дода шуда. Ба ақидаи мо ва чунончи аз услуби рубоиёт бармеояд, тамоман аз Хоҷа нахоҳад буд ва баъзе аз ин рубоиёт ба девонҳо ва сафоини дигар шоирон  ва орифон низ дида шуда, аммо баъзе изҳори ақида намудаанд, ки  ин манзумот ва баъзе аз расоили дигар аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нест ва аз Абдуллоҳи Ансории Султонпурист, ки муосири Ҷалолиддин Акбар аст» [Эътимодӣ 1342, с. 21]. Халилуллоҳи Хайлилӣ дар як мақолае перомуни маҷмуаи мазкур ақидаи худро баён дошта ва эшон чунин пепиндоштанд, ки «чунин нест, ки тамоми он манзумот аз Абдуллоҳи Султонпурӣ бошад, зеро баъзе аз ин манзумот дар мутуни қадима дида шуда, ки ҳама қабл аз Абдуллоҳи Султонпурист. Фурсате мебояд, то яке аз донишмандон ин манзумоти Хоҷаро он чи мусаламман аз они ӯст, дар дафтари ҷудогона гирд оварад» [Халилӣ 1342, с. 22].

Шарқшиноси рус В. А. Жуковский соли 1895 маҷмуае ба унвони «Песни гератского страца» (Сурудҳои Пири Ҳирот), шомили ғазалиёти Абдуллоҳи Ансорӣ нашр кардааст, ки дар баҳси ғазалиёти перомуни масъалаҳои алоқаманд ба ғазал баҳс хоҳем кард. Аммо дар ҳамон ҷо оид ба рубоӣ низ андешае ҷой дорад, ки зикри онро дар ин ҷо лозим медонем. Ғараз мавҷуд будани рубоӣ дар таркиби маҷмуаи мазкур мебошад. Масъала ин аст, ки дар он маҷмуа рубоиёте мавҷуд аст, ки онҳоро дар ашъори мансуб ба Абусаъиди

Абулхайр ва рубоиёти Умари Хайёму Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳам мебинем ва ба мушкил метавон гуфт, ки ин рубоии муштарак ва овора аз кист? Масалан, ин рубоиро бо истиноди «Расоили маҷъула» марҳум Маликушшуаро Баҳор ва Сафо ҳар ду дар намунаи ашъораш нақл кардаанд:

Ҳар дил, ки тавоф кард гирди дари ишқ,

Ҳам хаста шавад дар охир аз ханҷари ишқ.

Ин нукта навиштаанд бар дафтари ишқ,

Сар дӯст надордон ки дорадсари ишқ [Баҳор 1375, с. 243].

Айни ҳамин рубоӣ дар китоби рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ(табъи Исфаҳон) мавҷуд аст [Балхӣ 1347, с. 123]. Дар чунин ҳол то вақте, ки нусахи қадим ва мувассақи ин рубоиёт ба номи Шайх ба даст наёянд, интисоб ин рубоиёт ба Шайхулислом мавриди тааммул хоҳад буд» [Ҳабибӣ 1342, с. 88].

Гӯё Эътимодӣ дар мақолаи худ, ки зикраш дар боло рафт, аз ҳамин маҷмуа зикр ба миён меоварад: «Аз қароре, ки иттилоъ дорам, ховаршиноси машҳури Русия Жуковский ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро дар 1890 масеҳӣ, дар шаҳри Питербург Ленингроди ҳолия, табъ карда, чун ин девонро надидаам, намедонам, ки асоси кори ӯ бар чӣ мабноест ва маъхазу мадорики ӯ марбут ба чӣ қарнест ва асолати ин ашъор то чӣ андоза аст» [Эътимодӣ 1342, с. 22]. Ҳамчунин, муҳаққиқи пуркор ва яке аз барҷастатарин пажӯҳишгарони аҳволу осори Пири Ҳирот Муҳаммад Сарвари Мулоӣ китобе дар ду ҷилд ба унвони «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» [Мавлоӣ 1389] чоп кардааст, ки дар ин маҷмуа бахше «Феҳристи ашъори форсӣ» унвон дорад. Дар маҷмуаи мазкур 42 ғазал (дар ҳаҷми 376 байт), 59 рубоӣ (дар ҳаҷми 118 байт), байтҳои маснавӣ (122 байт), 12 қитъа (дар ҳаҷми 30 байт), 16 фардбайт ва байтҳои пароканда (дар ҳаҷми 32 байт) ва ду мисроъ ҷамъоварӣ шудааст. Дар баррасии ашъори Ансорӣ мо ҳамин маҷмуаро яке аз се меъёри асосӣ дар баробари ашъори дохили «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», бо кӯшиши Ваҳиди Дастгирдӣ ва Султон Ҳусайн Тобандаи Гунободӣ ва «Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ», бо кӯшиши Маҳмуди

Мудаббирӣ қарор медиҳем, ки маҷмуан маҷмуаи мазкур шашсаду ҳафтоду ҳашт байтро ташкил медиҳад. Илова бар маҷмуаи мазкур, аз тазкираҳо ва осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба миқдори 120 рубоӣ пайдо кардем, ки инро ҳадди ниҳоӣ наметавон гуфт. Бахше аз онҳо ба рубоиёти мундариҷ дар «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» мувофиқат мекунанд.

Маҳмуди Мудаббирӣ дар соли 1982 маҷмуи рубоиёте бо номи «Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абуллоҳи Ансорӣ» тадвин ва нашр намуда, ки шомили 217 рубоии мансуба аст. Чунонки қаблан ҳам ёд шуда буд, масъалаи хеле нозук ва то ҳадде мушкил, ки дар тамоми мабоҳиси ҷустори илмиямон ҳамроҳ аст, интисоби ашъор аст, ки жанри рубоӣ низ истисно нест. Зеро баъзе аз рубоиҳои Ансорӣ дар осори дигар шоирон низ дида мешаванд. Нуктаи дигаре, ки тадриҷан ба он хоҳем пардохт, баррасии жани ғазал дар коргоҳи эҷодии Ансорӣ аст. Зеро ғазалгунаҳои мансуб ба ӯ хеле ноқису дур аз сабки нигориш ва ҷоҳонбинии Пири Ҳиротанд. Чунин ба назар мерасад, ки Хоҷа ё тамоман ғазал насуруда ё ғазалҳои ӯ то замони мо нарасидаанд ва ё дар ин имтидод ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз зумраи аввалин сароянадагони рубоиёти суфиёна дар адабиёти форсӣ мебошад. Марҳамати бештар доштан ба сурудани рубоӣ низ дар он аст, ки Хоҷа худ аз нухбагони суфияи замони худ буд ва бешак, рубоӣ воситаи асосии иртиботи суфиён бо мардум дар нашри андешаҳои орифона буд. Сируси Шамисо дар мавриди таваҷҷуҳи суфия ба ғазалу рубоӣ чунин менависад: «Суфия аз мардум ва бо мардум буданд ва ба қавле як ҷараёни мубориза бо ҳукумат ба уҳдаи онҳо буд. Ва аз ин рӯ, ҳеч гоҳ бо адабиёти расмии дарборӣ, яъне қасидапардозии сирф ва маддоҳӣ коре надоштанд ва бештар ба ғазалу рубоӣ мутамоил буданд. Мухотибони онон мардуми кӯчаву бозор буданд, ки махсусан ба маҷолиси суфиён дар хонақоҳҳо омаду шуде доштанд» [Шамисо 1374, с. 47].

Рубоӣ ҳам дар ҳаҷм ва ҳам дар вазн ба шунаванда писанд аст, зеро он дар ҳаҷми чор мисраъ ва ба зеботарин вазни арӯз сароида мешавад. Ҳамон гуна ки донишманди асри XIII тоҷик Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» менависад:

«Хоссу ом мафтуни ин навъ шудаанд, олиму омӣ машъуфи ин шеър гашта, зоҳиду фосиқро дар он насиб, солеҳу толеҳро бад-он рағбат» [Розӣ 1991, с. 134].

Ҳамон гуна ки рубоӣ дар ҳаҷм ва вазн мухтассоти худро дорад, аз ҷиҳати сохтор низ мутамойиз аст. Нисбат ба дигар шаклҳои шеърӣ миёни мисраъҳои рубоӣ ҳамоҳангии устувор ҳоким аст ва рубоӣ ташаккулу ваҳдате дорад, ба тавре ки ғолибан наметавон байти дувуми онро ба унвони шоҳид ё байти алоҳида зикр кард, чунки бо байти аввал иртиботи маъноӣ ва лафзии мустаҳкам дорад [Шамисо 1370, с. 217]. Барои таъйиди гуфтаҳои боло як рубоӣ аз Абдуллоҳи Ансорӣ ба таври мисол меорем, ки ваҳдат ва ҳамоҳангии миёни мисраъҳо ба ҳадде устувор аст, ки агар байти аввалро аз дувум ба гунаи шоҳид ҷудо созем, дар алоҳидагӣ онҳо дар мазмун нокомил мешаванд:

Эй шаб, сухане шунав ту аз ман ба хушӣ,
Бо он ки туро сутуда шоҳи Қарашӣ.
Хоҳӣ ки ба ҷойи ман нишинӣ, насазад
Бар ҷойи Абубакру Билоли Ҳабашӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 59]

Сируси Шамисо ба нақл аз муқаддимаи Наҷиб Моили Ҳиравӣ бар рубоиёти Ҷомӣ чунин менависад: «...Се мисроъи аввал ба ҳайси суғро ва кубро тарҳ шуда, мисроъи чаҳорум натиҷаи он мешавад ва маонӣ, дар воқеъ, дар мисроъи чаҳорум набаон мекунад ва мисроъи охир аз пухтагии мисроъи қаблӣ парвариш меёбад» [Шамисо 1370, с. 217]. Яъне, як тамомияти ҷудонопазир ҳам дар шакл ва ҳам дар маънӣ дорад, ки дар мисраи охир ҷамъбаст мешавад ва наметавон абёти онро алоҳида овард. Ҳамин ҳолатро дар ҳойкуҳои туркӣ низ метавон мушоҳида кард. Зеро дар онҳо низ матлаб ба мисраи охир хатм мешавад. Перомуни иртиботи рубоӣ бо ҳойку аз ҷиҳати баромад ва маншаъ низ ақидаҳое байни муҳаққиқон вудуд дорад [Шамисо, с. 221]. Яке аз онҳо андешаи ғалати маншаъи рубоӣ аз ҳойкуҳои туркӣ мебошад, ки берун аз доираи баҳси мост.

Ҳарчанд рубоӣ дар шакл иборат аз ду байт ё чаҳор мисраъ аст, аммо рубоиёте низ вуҷуд доранд, ки дар се байт суруда шудаанд. Сируси Шамисо

андеша дорад, ки ин навъи ашъорро метавон садосӣ хонд, аммо баъдан далоилеро пешниҳод мекунад, ки ин ашъорро «рубоиёти себайтӣ» гуфтан дурусттар аст: «Аввалан, шоирони ин гуна ашъор суфиёне будаанд, ки фақат ба рубоӣ дилбастагӣ доштаанд ва сониян, намунаҳои мутааддиде аз ин гуна ашъор дар даст аст, ки шоиста аст бо таваҷҷуҳ ба вазни рубоӣ барои онҳо номе интихоб шавад» [Шамисо 1370, с. 223]. Перомуни себайтӣ муҳақиқони тоҷик низ андешаҳои худро ироа кардаанд. Раҷаб Амонов иллати пайдо шудани себайтиҳоро дар гунанокии мисраъҳои онҳо ба ҳукми аз ёд рафтан ё тасмими тағйири онҳо медонад ва дар ин бора чунин менависад: «Бисёр мешавад, ки иҷрокунандагон ё бо мақсади муайян рубоиро тағйир додан хоста ва ё бо сабаби ба хотир оварда натавонистани тамоми рубоӣ ва қисмҳои рубоӣ як нусхаи дигар ба вуҷуд меоранд» [Амонов 1968, с. 191-192].

Раҳматов Ҳ. дар мақолаи худ таҳти унвони «Себайтиҳо дар назми халқии тоҷик» сабаби пайдоиши себайтиҳоро чунин шарҳ медиҳад: «...гоҳе гӯяндагони дубайтӣ ва себайтӣ ин навъ матнҳоро як мисраъ зиёд менамоянд ё кам, ки дар ин ҳолат...» [Раҳматов 1973, с. 103-104].

Фолклоршинос Равшан Раҳмонӣ иллати пайдоиши ин навъи шеъриро мисли Амонов ва Раҳматов дар иловаи ду мисраи дигар медонад ва вежагии аслии онҳоро чунин шарҳ медиҳад: «Вежагии аслии себайтӣ дар он аст, ки воқеаи дар чор мисраи аввал омада, такмил меёбад. Гӯянда масъалаи дар матн мавҷудро инкишоф медиҳад...» [Раҳмонӣ 2021, с. 320].

Шакли қофиябандии ин навъи шеърро Тоиров аа бб вв, аа ба ва, аа аа аа, аа ба аа муайян кардааст [Тоиров 2007, с. 73-74].

Он чи перомуни чигунагӣ ва сабаби пайдоиши себайтӣ аз ҷониби муҳаққиқони фавқуззикр ироа шуд, то ҷое қобили қабул аст. Зеро себайтӣ дар таҳқиқоти онҳо ҳамчун жанри фолклор нишон дода шудааст. Дар ҳоле ки дар миёни саҷъҳои адабиёти мо ин гуна рубоиёт мавҷуданд ва намунаи боризи онҳоро дар эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ метавон дид.

Дар миёни саҷъҳое, ки Хоҷа Абуллоҳи Ансорӣ сурудааст, ҳамин гуна муздаваҷотеро метавон пайдо кард, ки ба рубоиёти себайтӣ шабоҳат доранд, ҳарчанд аз назари вазн шеърҳои ҳиҷоии пешазисломиро мемонанд:

Илоҳӣ, чун сагро бор аст,
Сангро дидор аст.
Агар ман аз сагу санг кам оям,
Мар маро ор аст.
Абдуллоҳро бо навмедӣ,
Эй дӯст, чӣ кор аст? [Ансорӣ 1382, с. 6]

Ҳамин гуна асҷоъро зиёд дар мусаҷҷаоти Хоҷа метавон дид.

Барои ҳамин, аз ҷиҳати шакл ё микдори абёт дар рубоиёти Хоҷа ғайр аз рубоиёти дубайтӣ, ки шакли маъмул ва ягона аст, ҳамчунин, себайтӣ низ метавон ёфт, ки намунаашро дар боло овардем.

### 2.1.2. Ғазал

Баҳс перомуни тағазулоти Абдуллоҳи Ансорӣ низ хеле мураккабу норавшан аст. Зеро, ба гумони ғолиб ва баррасии ғазалиёте, ки ба ӯ мансуб медоданд, метавон хулоса баровард, ки шояд аз ӯ то имрӯз ғазале намондааст ё ғазалҳо ба гунаи шадид тағйир кардаанд. Зикр аз ғазалиёти Пири Ҳиротро танҳо метавон аз сарчашмаҳои баъд аз асри XVI, мисли «Кашф-уз-зунун»-и Ҳоҷӣ Халифа, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Риёз-уш-шуарро»-и Волаи Доғистонӣ дид. Дар китобҳои мутааддиди пажӯҳишие, ки дар 200 соли охир чи перомуни осори суфия, ки дар он зикре аз Хоҷа рафтааст ва чи китобҳои мустақиме, ки аз ҳаёту осори ӯ навиштаанд, намунаи чандин ғазал аз Пири Ҳирот оварда шудааст.

То имрӯз ягона маҷмуаи ғазалиёти ӯ бо унвони «Сурудҳои Пири Ҳирот» (номи аслиаш: «Песня Гератского Старца», Санкт-Петербург, 1895) аз ҷониби пажӯҳишгари рус Жуковский В. А. дар маҷмуаи «Қайдҳои шарқӣ» (номи русӣ:

«Восточные заметки») тадвин шудааст, ки дар ҳаҷми 34 саҳифа мебошад [Жуковский 1895]. Муаллиф дар саҳифаҳои аввал муқаддимагунае перомуни зиндагӣ ва осори Пири Ҳирот меорад. Ҳамчунин, аз сарчашмаҳои таърихию адабӣ қайдҳое перомуни ҳаёт афкору ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ ироа медорад. Дар маҷмуаи мазкур ҳудуди 20 ғазал бо хатти форсӣ ва тарҷумаи русии онҳо оварда шудааст. Баррасии маҷмуа дар муқоиса ба сабки сурудани шеър ва низ ҷаҳонбинию дониши фарогири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ хулосаеро рӯ меорад, ки ашъори мазкур хеле харобу дур аз сатҳи тафаккуру андешаи Пири Ҳиротанд ва шояд бо гузашти вақт тағйир кардаанд. Аммо куллан наметавон гуфт, ки ин ғазалиёт харобу беарзишанд. Барои ҳамин, зимни баррасии ғазалиёти Пири Ҳирот истилоҳи «ғазалиёти мансуб ба Хоҷа»-ро метавон истифода кард. Шояд ба одати маъмул, аз ҷониби ҳаводорон ва низ нотавонбинони Абдуллоҳи Ансорӣ онҳоро суруда ва ба номи Хоҷа нисбат додаанд, ки ин равиш дар таърихи адабиёти мо собиқаи дерина дорад.

Дар мавриди маҷмуаи мазкур чанде аз донишмандони қарни бисти ҳавзаи порсигӯён низ изҳори ақида кардаанд. Абдулҳай Ҳабибӣ дар мақолаи худ ба муносибати нуҳсадумин солгарди вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ таҳти унвони «Сирату ибтикор ва осори Шайхулислом» аз чигунагӣ ва арзиши ин маҷмуа сухан ба миён оварда, чунин қайд мекунанд: «Ин гуна ашъори маҷъул, мутаассифона, бархе аз мусташриқони навкор ва ғайри дақиқро низ ба иштибоҳ андохт. Чунончи, як маҷмуаи бистғазаларо аз Жукувский дар санаи 1895 м. дар як маҷаллаи Питурсбург аз рӯи се нусхаи китоби хаттӣ, ки ба номи «Манозил-ус-соирин» шинохта шуда буд, нашр дод ва ҳамон ғазалиётро Багданов бо тарҷумаи англисӣ дар санаи 1939 дар маҷаллаи Ҷамъияти осиёии Бангол ба номи «Таронаҳои Пири Ҳирот» чоп кард, ки аксари он дар китобҳои маҷъули «Канз-ус-соликин» ва «Зод-ул-мусофирин» мавҷуданд. Чи қадар музҳик аст. «Манозил-ус-соирин»-и Жуковский ва вуҷуди ашъори форсӣ дар ин китоби асили арабӣ дар расоили матбуъи бархе аз рубоиётро ҳам ба Шайхулислом мансуб доштаанд, ки сиҳат ё сақами он ба таҳқиқ ниёз дорад» [Ҳабибӣ 1342, с. 88].

Баҳс перомуни ғазалиёти Хоҷа масъалаи хеле мушкил аст. То имрӯз ягон пажӯҳиши густарда ва жарф чи дар ростои ашъори Пири Ҳирот ва чи тағаззулоти ӯ сурат нагирифтааст. Аз миёни донишмандоне, ки дар таҳқиқи зиндагӣ ва осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ пажӯҳишҳое анҷом додаанд, Муҳаммад Сарвари Мавлоиро метавон ном бурд, ки дар як бахши алоҳида аз китоби «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абудуллоҳи Ансорӣ», бо такя ба нусхаҳои гуногуни осори Пири Ҳирот аъшори Хоҷаро ҷаъмоварӣ кардааст, ки тағаззулоти ӯ низ дар ин бахш ҷойгиранд. Аз хусусиятҳои мунҳасир ба фарди ин маҷмуа дар он аст, ки Мавлоӣ зимни ироаи ашъор аз кадом манбаъ ва кадом саҳифа гирифтани шеърҳоро низ овардааст. Маҷмуаи мазкур тақрибан ҳамаи ғазалҳои мансуб ба Хоҷаро, ки дар сарчашмаҳои гуногун зикр шудаанд, дар бар мегирад.

Шумораи умумии ғазалҳое, ки ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат додаанд, 45 ададро ташкил медиҳад [Мавлоӣ 1377, с. 719]. Ин миқдорро ҳадди ниҳоӣ низ наметавон гуфт, зеро имкони пайдо шудани нусхаҳои гуногуни осори Пири Ҳирот вуҷуд дорад, ки ин боиси пайдо шудани ашъори нав низ мегардад. Шумораи абёти ғазалҳо низ гуногун аст. Дарозтарин ғазал дар ҳадди 28 байт ва кӯтоҳтарин дар ҳадди 3 байт аст. Аксари ғазалҳо 7-8-байтӣ мебошанд. Перомуни миқдори абёт дар ғазал низ андешаҳо гуногунанд. Аксари пажӯҳишгарон бар онанд, ки ҳадди маъмули абёти ғазал аз панҷ то 12 байт мешавад. Ҷалолиддини Ҳумоӣ оид ба ҳаҷми абёти ғазал чунин менависад: «...ҳадди маъмули мутавассити мобайн панҷ байт то дувоздаҳ байт бошад ва гоҳе бештар аз он то ҳудуди понздаҳ ва шонздаҳ байт ва ба нудурат нуздаҳ байт гуфтаанд» [Ҳумоӣ 1394, с. 138]. Ҳамин муаллиф ғазалҳое, ки ҳадди камтарини чаҳор ё се байтро дороянд, «ғазали нотамом» гуфта, камтар аз ин миқдорро «ғазал нашояд» зикр кардааст [Ҳумоӣ 1394, с. 138]. Сируси Шамисо низ чун Ҷалолиддини Ҳумоӣ ҳадди маъмули абёти ғазалро байни панҷ то дувоздаҳ байт тарафдорӣ мекунад [Шамисо, 1370, с. 221]. Аммо пажӯҳишгароне низ ҳастанд, ки аз дувоздаҳ байт зиёда будани миқдори абёти ғазалро қабул надошта, онро ба қасида тарҷеҳ додаанд. Дорюши Сабур

перомуни ҳудуди абёти ғазал чунин мегӯяд: «...машрут он аст, ки мутаҷовиз аз дувоздаҳ набошад, агарчи баъзе аз шуарои салаф бештар аз дувоздаҳ ҳам гуфтаанд, фаммалҳол он тариқа ғайримаслук аст ва аксар абёти ғазалро ёздаҳ муқаррар кардаанд ва шеъре, ки зиёда бар он бувад, қасида гӯянд...» [Сабур 1370, с. 81].

Ҳарчанд пажӯҳишгарони фавқуззикр ҳадди ниҳоию маъмули миқдори абёти ғазалро дувоздаҳ гуфтаанд, аммо зиёда аз ин миқдор будани онро низ рад накардаанд. Чун бузургтарин ғазалсароёни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Камол ва дигарон аксари ғазалиёти худро дар ҳудуди 5-6 то 11 байт сароидаанд, миқдори маъмули байт дар ғазал низ аз панҷ то ёздаҳ ё дувоздаҳ байт суннат шудаст. Дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ се ғазали аз бист байт зиёда (22, 27, 27) ва чаҳор ғазали аз панҷ байт камтар (4, 3, 3, 3) дида мешавад. Намунаи байти матлаи ғазале, ки аз бисту ҳашт байт иборат аст, ин аст:

Ин чӣ сел аст, ин чӣ вел аст, ин чӣ тӯфон асту дуд,
Ин чӣ меҳр аст, ин чӣ қаҳр аст, аҳли гетиро чӣ буд?

[Мавлоӣ 1377, с. 728].

Ва намуна аз ғазалиёте, ки ҳудуди се байт аст:

Гар касеро роҳ бояд, шаръу динаш роҳи бас
В-арҳаме ҳамроҳ бояд, лутфи Ҳаққ ҳамроҳ бас.

[Мавлоӣ 1377, с. 731].

Бо ин ваҷҳ, миқдори ғазалиёти мансуб ба Пири Ҳиротро метавон чунин таъйин кард:

1. Шумораи умумии ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ 399 байт мебошад;

2. Аз 45 ғазал 33-то он дар ҳудуди аз панҷ то дувоздаҳ байт, 5-тои он аз панҷ байт камтар ва 7-тои он аз дувоздаҳ байт зиёдтар аст.

Абдуллоҳи Ансорӣ дар тағаззулоти мансуба тахаллусҳои «Ансорӣ», «Пири Ансор», «Пири Ҳарӣ» ва «Пири Ҳирот» дорад. Ҳоло чанд намуна аз байти мақтаъ, ки тахаллуси шоир зикр шудааст, меорем.

Бо тахаллуси Ансорӣ:

Нури имон гар ҳаме хоҳӣ, бирав, Ансориё,

Рӯзу шаб бар даргаҳаш менолу мегӯй, Раббано! [Мавлоӣ 1377, с. 719].

Бо тахаллуси Пири Ансорӣ:

Роҳи ҳақ ҷӯшад аён, эй Пири Ансорӣ, ту рӯй

Дар амал овар, бимон ин санъати таҷнисро [Мавлоӣ 1377, с. 719].

Бо тахаллуси Пири Ансор:

Чу дар пеш аст марг, эй Пири Ансор,

Тамошои ҷаҳон кун дар сафарҳо [Мавлоӣ 1377, с. 721].

Дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа бештар тахаллусҳои «Ансорӣ», «Пири Ансор» ва «Пири Ансорӣ» дида мешаванд.

### 2.1.3. Қитъа, муфрадот, маснавӣ ва мисроъ

Илова бар ғазалиёт ва рубоиёт ашъори парокандае ба номи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои гуногун мундариҷ аст, ки шомили қасида, қитъа, фард ва мисраъ мебошанд. Он чи перомуни қасида аст, зимни шарҳу баррасии ғазалиёт оварда шуд. Сабаб дар он аст, ки қасидаҳои мазкур (се қасида) аз ҳар ҷиҳат ба ғазал наздикӣ доранд ва шояд баргирифта аз қисмати тағаззули қасидае бошанд. Ягона чизе, ки онҳоро аз ғазал будан мутамойиз мегардонад, ҳамоно миқдори байтҳои онҳо мебошад. Ин се қасида ё ғазал аз 22, 27 ва 28-байтӣ иборатанд. Чун дар адабиёти мо ҳадди маъмулии миқдори байтҳои ғазал байни 7 то 12 байт сайр мекунад, вале адабиётшиносон то 19 байт вуҷуд доштани ғазалҳоро муайян ва ҳатто аз ин зиёда байт доштани онро низ имконпазир зикр кардаанд [Ҳумоӣ 1394, с. 138; Шамисо 1374, с. 81]. Маҳз ҳамин таъбир, аз як тараф, «аз 19 байт зиёд имконпазир будани абёти ғазал» ва дар қисмати ғазалиёт овардани онҳо аз ҷониби Мавлоӣ моро водошт, то онҳоро ба гурӯҳи ғазалиёти мансуба ворид намоем.

Қитъа. Аз анвои адабиест, ки бар як вазну қофият ва бидуни матлаъи муздавaҷ буда, аз аввал то охир марбут ба якдигар, роҷеъ ба як мавзуи ахлоқӣ ва ҳикояти ширин ва ё мавзуоте чун мадҳу ҳаҷву таҳнияту таъзият ва амсоли он бошад [Ҳумоӣ 1394, с. 166]. Ҳадди байтҳои қитъа ҳадди ақал ду ва ҳадди аксар то 15 ё 16 байт аст. Ҷалолиддин Ҳумоӣ «бар ҳасби зарурат то ҳудуди чиҳилу панҷоҳ байт ва бештар аз он»-ро низ гуфтааст ва як байт аз қасидаи тоияи Қоониро барои мисол ба матлаъи зерин овардааст, ки ҳудуди 50 байт аст:

Эй вазире, ки садри қадр туро

Ҳаст нуҳ хиргаҳи басит бисот [Ҳумоӣ 1394, с. 166].

Ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳудуди 8 қитъа дар ҳаҷми 16 байт мансуб аст. Ба ин шумора таъйин намудани микдори қитъаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бар асоси расоили ҷомеи ӯст, ки Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ дар китоби «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ва «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» бо тасҳеҳу муқобалаи Ваҳиди Дастгирдӣ ва муқаддимаву шарҳи ҳоли комил аз ҷониби Султонҳусайн Тобандаи Гунободӣ ҷамъоварӣ ва чоп кардаанд. Қатаоти ҳарду китоб ба ҳам мувофиқат мекунанд. Масалан:

Маро бе ман чунин ишқи ту кардаст,

На ман худ гаштаам з-ин сон биамдо.

Чу бе ман буд пайдо рози пинҳон,

Ниҳон гаштам кунуну розпайдо.

Ин қитъа зимни тавсифи рисолаи «Муҳаббатнома»-и Хоҷа ҳам дар китоби Мавлоӣ ва ҳам дар китоби Гунободию Дастгирдӣ якзайл оварда шудааст [Мавлоӣ 1377, с. 348; Ансорӣ 1349, с. 119].

Ин абёт чи аз ҷиҳати мансубияташон ба Хоҷа ва чи аз ҷиҳати мансубият ба қитъа ба таҳқиқу баррасӣ ниёз доранд. Масалан, иддае аз ин қитъаҳо дар девони шуарои дигар низ дида мешаванд ва ҳатто баъзе аз онҳо дақиқан аз шоири дигаранд:

Эй омада барои висоли нигори хеш,

Нашнидаӣ, ки ишқ саросар бало бувад.

Парвонаи заиф кунад ҷону дил нисор,

То пеши шамъ як нафас ӯро бақо бувад [Мавлоӣ 1377, с. 358].

Ин ду мисроъ аз яке аз ғазалҳои Саноӣ аст, ки матлаъаш чунин аст:

Гар соли умри ман ба сар ояд, раво бувад,

Анде ки соли айш ҳамеша ба ҷо бувад [Саноӣ 1336, с. 392].

Ва ё қитъаи зерин дар яке аз сомонаҳои интенетӣ ба номи Мавлоно Шарафуддини Кирмонӣ, шоири асри XII нисбат дода шудааст, аммо аз сабаби пайдо накардани девони ашъори шоири мазкур, наметавон бигӯем, ки қитъа моли ӯст:

Агарчи мушки азфар хушнасим аст,

Дами ҷонибахш чун бӯят надорад.

Мақоме сахт дилхоҳ аст Фирдавс,

Валекин равнақи кӯят надорад [Мавлоӣ 1377, с. 478-512].

Ба ҳамин монанд, қитъаи машҳури зерин, ки дар рисолаи «Беном» аз расоили Хоҷа оварда шудааст, дар «Кашкул»-и Шайх Баҳоӣ низ оварда шудааст:

Ғофил машав, ки маркаби мардони мардро,

Дар санглохи бодия пайҳо буридаанд.

Навмед ҳам мабош, ки риндони боданӯш

Ногаҳ ба як хурӯш ба манзил расидаанд [Мавлоӣ 1377, с. 479].

Шайх Баҳоӣ дар «Кашкӯл» пеш аз зикри пораҳои шеърӣ ҳатман номи шоирро зикр мекунад, ба мисли «аз Саъдӣ», аммо ҳангоми маълум набудани гӯяндаи шеър таъбироти «шоири эронӣ гуфтааст» ва ё «аз шоири ношинос» ва ба инҳо монандро меорад. Ҳангоми зикри қитъаи мазкур ибораи «аз шоири ношинос»-ро овардааст [Баҳоӣ 1388, с. 711].

Ҳарчанд мансубияти қитъаҳои мазкур ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамоно баҳсбарангез боқӣ мемонад, мазмуну муҳтавои ин қитъаҳо ба ҷаҳонбинию орои шоир хеле наздиканд. Дар ин қисмати ашъор, чун рубоиёти Хоҷа, метавон мазомини ишқию ирфонӣ ва ҳикмату мавъизаро пайдо кард. Масалан, дар боби «Мусомара»-и рисолаи «Муҳаббатнома» мегӯяд: «Хабар аз мусомара хор нест ва самарро дар мукошафа нигор нест, аммо бо Дӯст самар гуфтан фарти вафост

ва ваҳшат аз роҳ баргирифтан шарти сафост» [Мавлоӣ 1377, с. 348]. Баъдан барои тақвияти фикри худ қитъаи зеринро меорад:

Маро бе ман чунин ишқи Ту кардаст,
На ман худ гаштаам з-ин сон биамдо.
Чу бе ман буд пайдо рози пинҳон,
Ниҳон гаштам кунуну роз пайдо [Мавлоӣ 1377, с. 348].

Мусомара, ки зикраш дар боло рафт, ба маънии шабзиндадорӣ ва шабнишинӣ аст, аммо дар истилоҳ «гуфтугӯи Ҳақ бо банда дар ниҳон аст» [Саъидӣ 1387, с. 912]. Дар ин қитъа низ шоир аз шабзиндадорӣ ва дар хилват ниҳон шудан дар худу бо Ҳақ пайвастанро овардааст.

Мазомини ирфонӣ дар ин  қитъаҳо бештар аз ҳар мавзуи дигар аст. Бо вуҷуди он ки баъзе аз ин қатаот аз Ансорӣ нестанд ва баъзеи дигар дар осори насрии адиб омадаанд ва ё дар сарчашмаи дигаре бидуни зикри сарояндаи он зикр шудаанд, боз ҳам ба ҳамин қарор меоем, ки ашъори мазкур аз ҷиҳати мазмун ба ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ наздиканд. Шояд гӯяндагони баъдӣ, чи аз рӯи ихлос ва чи бо мақосиди дигар, ин шеърҳоро ба номи Хоҷа нисбат дода бошанд.

Муфрадот ва мисраъҳо. Хурдтарин ва ё ҳадди ақали шеър як байт аст, ки онро фард гӯянд. Ҷалолиддин Ҳумоӣ зимни тавсифи фард чунин менависад: «Гоҳ мумкин аст, ки шоир тамоми мақсуди худро дар як байти танҳо гуфта бошад, онро дар истилоҳи шеър «байти фард» ё «байти муфрад», ба маънии такбайт ва ҷамъи онро муфрадот мегӯянд. Назири муфрадоти ашъори Шайх Саъдӣ, ки дар хотимаи девонаш забт кардаанд...» [Ҳумоӣ 1394, с. 114].

Муфрадоти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар хилоли осори насрии ӯ оварда шудаанд, ки баъдан дар маҷмуаҳои гуногун, ба мисли «Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ»,  дар баробари дигар анвои шеърии мансуб ба Хоҷа гирдоварӣ шудаанд. Дар маҷмуъ, ҳаждаҳ фард дар китоби болозикр ба Хоҷа мансуб дода шудааст. Мушкили асосӣ ин ҷо низ интисоби ин ашъор аст, зеро зимни тафаҳҳус маълум гардид, ки баъзеи ин муфрадот аз шоири дигаранд ва ё байти кандашуда аз рубоӣ ҳастанд. Масалан:

Ҳубби дарвешон калиди раҳмат аст,

Душмани эшон сазои лаънат аст [Мавлоӣ 1377, с. 575].

Байти мазкур дар «Пандномa»-и Фаридаддини Аттор, дар фасли «Дар тавозуъ ва суҳбати дарвешон» омадааст [Аттор, бидуни сол ва ҷойи нашр, с. 17]

Масалан, дар ҷойи дигар ин байт омадааст:

Шакли амруд чӣ гӯям, ки ба ширинию лутф,

Кӯзае чанд набот аст муаллақ бар бор [Мавлоӣ 1377, с. 729].

Байти мазкур аз хилоли қасидае аз Саъдист, ки бо матлаи зер шуруъ мешавад:

Бомдоде, ки тафовут накунад лайлу наҳор,

Хуш бувад домани саҳрову тамошои баҳор [Шерозӣ 1398, с. 958].

Ҳолатҳое низ вуҷуд доранд, ки фард аз дохили ғазал ё рубоие бошад:

Ё Раб, чу гуноҳи ман зи ҳад берун аст,

Афват зи гуноҳи ман басе афзун аст [Мавлоӣ 1377, с. 487].

Байти мазкур, ба гумони ғолиб, метавонад байти аввали рубоие бошад, зеро аз ҷиҳати вазн дар яке аз авзони серкорбурди рубоӣ – ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (мафъӯлу/мафоъилун/мафоъилун/фаъ) суруда шудааст.

Дар миёни анвои дигари шеърӣ ду мисраъ ба таври алоҳида низ дар расоили Абдуллоҳи Ансорӣ омадааст:

Сад ҷон накунад, он чи кунад бӯйи висолат [Мавлоӣ 1377, с. 387].

Ва дигар:

Дар дасти касе нест аз ин ришта саре [Мавлоӣ 1377, с. 736].

Мисраи дувум дар «Муҳаббатнома» зимни тавсифи боби «Талаб» оварда шуда ва ба ин гуна аст: «Ҳама заҳраи мутоибон об гашт аз табъи бехабарӣ ва ҳама қавоиди толибон хароб гашт аз талаби беасарӣ. Назм: Дар дасти касе нест аз ин ришта саре..» [Мавлоӣ 1377, с. 344].

Мисраи аввал аз рисолаи «Суоли дил аз ҷон» аст ва дар «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ, ки ба номи «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» низ маъруф аст, дар шакли комили чаҳормисраӣ оварда шудааст:

Дил боғи ту шуд, пок бибар, з-он ки дар ин дил,

Ё заҳмати мо гунҷад, ё нақши хаёлат.

Ҷон низ ба назди ту фиристем бад-ин шукр,

Сад ҷон накунад, он чи кунад бӯйи висолат [Майбудӣ 1337, с.45]

Маснавиҳо. Маснавӣ қолабе аз шеър аст, ки дорои абёти зиёде буда, барои сурудани достонҳо ва матолиби тӯлонӣ корбурд дорад. Дар ин қолаб ҳар байт дорои қофияи ҷудогона аст ва ба ҳамин далел ба он маснавӣ (дуто-дуто) гуфта мешавад. Ҷалолиддини Ҳумоӣ менависад: «Маснавӣ, ки онро муздавач низ хонанд, навъи ашъорест, ки дар вазн яке, аммо ҳар байти он дорои қофияи мустақил аст» [Ҳумоӣ 1362, с. 174]. Дар дохили расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ 11 маснавӣ (121 байт) вуҷуд дорад, ки дар шакли мураттаб аз ҷониби Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ дар китоби «Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» гирдоварӣ шудаанд [Мавлоӣ 1377, с. 738]. Ҳарчанд рисолати асосии ин навъи шеър «барои сохтани тавориху қасасу афсонаҳои тӯлонӣ» [Ҳумоӣ 1362, с. 174] аст, аммо дар расоили Ансорӣ, чи дар теъдоди абёт ва чи дар мазмун, корбурди гуногун дорад. Ҳадди камтарини абёти ин маснавиҳо се байт ва ҳадди ниҳоии онҳо 26 байтро дар бар мегирад. Аксари ин маснавиҳо дар шакли панд оварда шудаанд ва ҳатто дар ду маврид байти тахаллус низ дида мешавад.

Чизи дигаре, ки бояд гуфт, ин аст, ки Муҳаммад Савари Мавлоӣ дар бахши «Феҳристи ашъори форсӣ» чанд шеърро низ ба гурӯҳи маснавиҳо дохил кардааст, аммо дар матни расоил ба номи фард зикр шудаанд. Масалан:

Ҳар ки ӯ тухми коҳилӣ корад,

Коҳилӣ кофирияш бор орад [Мавлоӣ 1377, с. 485].

Ҳамчунин, се байти алоҳидаи дигаре низ дар қатори маснавиҳо оварда шудааст, ки фард мебошанд.

Доир ба мазмуни муфрадот, мисраъҳо ва маснавиҳо ҳамон андешаҳоеро метавон овард, ки перомуни ғазалиёти мансуба ва рубоиёти Ансорӣ ироа шуд. Танҳо ҷиҳати фарқкунандаи мазмуну муҳтавои ин ашъор дар он аст, ки аксар ба мавзуоти муноҷотӣ ва мавъизавӣ бахшида шудаанд.

## 2.2. Мундаричаи ғоявии ғазалиёт

Ғазалро маъмулан аз нигоҳи мазомин ва муҳтаво ба ошиқона, орифона ва қаландарона ҷудо мекунанд [Шамисо 1370, с. 93]. Замони зиндагии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ давраи таҳаввули ғазал ба шумор меравад. Зеро дар ин давра андак-андак ҷойи ғазалҳои ошиқонаи замони Сомониёну Ғазнавиёнро ғазалҳои орифона мегирифт. Ҳарчанд дар ин баҳс аз баррасии ғазалҳои мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад, аммо бисёр баҳсбарангез аст, ки ӯро аз аввалин гӯяндагони ғазалҳои ирфонӣ донем. Сабаб дар заъфи мазмун, муҳтаво ва баъзан авзони ин ғазалиёт мебошад. Аммо вобаста ба тақозои мавзуъ ва ба номи Ансорӣ чоп шудани ғазал зарур донистем, ки ба шарҳи муҳтаво ва мазомини ин ғазалиёт пардозем. Зеро дар ҳар сурат, хоҳ тасдиқ кунем, ки ин ғазалҳо ба қалами Абдуллоҳи Ансорӣ тақрир ва ё аз қавли ӯ таҳрир шудаву дигарон рӯйи коғаз овардаанд ва хоҳ мансуб ба ӯ бидонем, таъйини мазмуну муҳтавои онҳо аз аҳаммият холӣ нест.

Тамоми ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мазомини орифонаву қаландаронаро доро мебошанд. Дар ин ғазалиёт як навъ тарки тааллуқоти дунё ва безорӣ аз он, панаҳ бурдан ба лутфу мағфирати Ҳақ, тазйини имон ва дигар мазмунҳои монанд ба мақулаи такомулоти руҳонӣ дида мешаванд. Масъалаи имон, нури имон ва маърифати Илоҳӣ аз ҷумлаи мазомини маъруфе маҳсуб мешаванд, ки дар ғазалиёти Ансорӣ ҷойгоҳи рафеъ доранд:

Молу ҷоҳу ҷону тан дар роҳи имон кун фидо,
Нури имон чун шавад ҳосил, ҳаме бас мар туро.
Нури имон чун дарояд дар дили соҳибдиле,
Зулмати дунёву молу ҷоҳи ӯ, гӯ, дар маё... [Мавлоӣ 1377, с. 719].

Ё ҷойи дигар мегӯяд:

Эй гирифта такягоҳӣ суффаи тадрисро,
Гар ҳамехоҳӣ ту ҷоҳу зиннати Идрисро,
Ҳамчу Одам гӯ «заламно», то қабули Ҳақ шавӣ,

Ҳар ки гӯяд ғайри ин, ӯ ҳамбар аст Иблисро.

Гар туро қувват надодӣ Ҳақ, зи ту кай хостӣ,

Хашяту савму салоту тоати тақдисро.

Дар раҳи Ҳақ ранҷ бояд дид баҳри Ҳақ басе,

З-он ки куштанд андар ин раҳ борҳо Ҷирҷисро.

Роҳи Ҳақ ҷӯшад аён, эй Пир Ансорӣ, ту рӯй

Дар амал овар, бимон ин санъати таҷнисро [Мавлоӣ 1377, с. 721].

Шоир дар ду ғазали боло ба гунаи муршид ва раҳнамо одамонро дар роҳи талаби Ҳақ аз мавонеаву заҳаммот хабардор мекунад. Яъне, ҳар равандаи роҳи Ҳақро хатарҳову ранҷ ва уқубати зиёд дар пеш аст, то ба манзили мурод расад. Дар мақтаи ғазали дувум шоир бо ишора ба худ аз ошкору аён будани роҳи Ҳақ таъкид мекунад ва сулуки онро на ба роҳи гуфтору суханбозӣ, балки дар амал имконпазир медонад.

Дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа талқини зикри Ҳақ дар шаб ва васфи обидон зиёд дида мешавад. Дар чандин ғазал шоир онҳоро ба унвони шабравон тавсифу таъриф кардааст:

Шабравон мастанд шому субҳдам махмури шаб,

Шабравонро дил харобу ҷон бувад маъмури шаб.

Шабравони зиндадилро ҷон ба ғорат мебарад

Ҳусни шибҳу ғамзаҳои шоҳиди мастури шаб.

Шабравон бар тахти бахти субҳ шоҳӣ мекунанд,

З-он ки ҳосил кардаанд аз шавқи дил маншури шаб...

[Мавлоӣ 1377, с. 721].

Ё ҷойи дигар:

Моро дилест зинда дили ҷони нимашаб,

Меҳмони субҳу зилабар аз хони нимашаб.

Моро дилест волаву ҳолоти ӯ аҷаб,

Сармасти рӯзи қурбату ҳайрони нимашаб.

Моро дилест дар қадами ёри дилфиреб,

Таслим ҳамчу гӯй ба майдони нимашаб... [Мавлоӣ 1377, с. 722].

Монанд ба ду ғазали боло, ки ду ва себайтӣ аз онҳо овардем, боз чанд ғазали дигар низ мавҷуд аст, ки дар ҳамди шабпарастон ва ситоиши дуову талаби истиғфори нимашаб ва фазилатҳои шабу шабзиндадорӣ оварда шудаанд. Байтҳои матлаи баъзе аз онҳо ба ин шакл аст:

Дӯш дидам дар ҷаҳон сирри сипоҳи нимашаб,

З-оҳи дилҳо шӯрише дар боргоҳи нимашаб...

[Мавлоӣ 1377, с. 723].

Ва:

Моро дилест гавҳари дарёи нимашаб,

Гавҳарфишони меҳнати ғамҳои нимашаб... [Мавлоӣ 1377, с. 723].

Ва ё:

Шабравон аз кӯи дилбар хуш хабарҳо додаанд,

Шабравон аз дӯзах эман в-аз биҳишт озодаанд...

[Мавлоӣ 1377, с. 727].

Ё:

Шаб чист? Чароғи ҷовидонӣ,

Ё шуълаи шамъи онҷаҳонӣ [Мавлоӣ 1377, с. 730].

Дар ғазалиёти мазкур, ки ҳамагӣ орифонаву қаландаронаанд, кӯшиш шудааст, ки мазомину маонии ирфонӣ аз чаҳорчӯби шариат берун набарояд. Яъне, мазмунҳое, ки аз нигоҳи ислом куфру бидъат доранд, дар ин ғазалиёт дида намешаванд. Баръакс, шоир кӯшидааст, ки аз оёт ва аҳодиси набавӣ дар тақвияти фикри худ истифода барад ва ин ҳолат зиёд дида мешавад:

Агар дар зулматӣ, инак сироҷат,

Ҳисоб имрӯз кун, фардо чӣ ҳоҷат!?

Ҳамакнун ҳукми «куллу ман алайҳо»

Ситонад аз ту ин тоҷу давоҷат [Мавлоӣ 1377, с. 724].

Ин таъбир аз ояи 26-и сураи ар-Раҳмон аст: «Куллу ман алайҳо фон» (Ҳар кӣ ба рӯйи замин аст, фонӣ шавад). Шоир дар ҳар қасде таъхирро намеписандад ва ҳамеша таъкид мекунад, ки инсон барои покии қалби худ ё расидан ба аҳдоф таъхирпазир набошад.

Илова бар оёту аҳодис, ҳамчунин, дар ғазалиёти шоир вожаву ибораҳои зиёди қуръонӣ истифода шудааст. Шоир онҳоро барои тақвияти фикр ва истинод истифода кардааст. Дар ин ғазалиёт, асосан, мазмунҳои динӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ оварда шудаанд.

Аз баррасиҳои баҳс перомуни ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон хулосаеро таъйид кард, ки ғазалиёти мазкур то ҷое дур аз завқ, салиқа ва ҷаҳонбинию табаҳҳури илмии Хоҷа мебошанд. Муҳимтарин далел дар ин ки ғазалҳои мазкур метавонанд аз Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ набошанд, ҳамоно тафаккури эҷодии Пири Ҳирот мебошад. Зеро наметавон дар наср (чи асарҳои назарӣ ва чи насри мусаҷҷаъ) ва рубоиёт андешаҳои зебову тасвироти олӣ дошт, аммо дар ғазалиёт не. Муқоисаи наср ва рубоиёти Хоҷа бо ғазалиёти мансуб ба ӯ чунин андешаро рӯ меорад, ки ғазалҳои мазкур маҳсули коргоҳи эҷодии Хоҷа нестанд ва ё ба гунаи шадид тағйир кардаанд, ки аз асли худ дур рафтаанд.

Аз истифодаи калимот дар ғазалҳо низ метавон хулоса кард, ки ин ғазалҳо ба асри Абдуллоҳи Ансорӣ низ наздик нестанд. Шафеии Кадканӣ дар ин бора чунин менависад: «Агар касе андак маърифате нисбат ба ҳандасаи забони шеър дар асри Ансорӣ дошта бошад, дар ҳамон нигоҳи нахустин дармеёбад, ки ба ду-се қарн баъд аз рӯзгори ӯ низ ҳеч гуна нисбате наметавон дошта бошад. Бегумон, сурудаи гӯяндагони нотавон ва камтаҷрибаест, ки дар қарни ёздаҳум ва даҳум мезистаанд» [Кадканӣ 1394, с. 120].

Падидаи ба номи дигарон шеър гуфтан дар адабиёти мо собиқаи дерина дорад. Инро дар мисоли шоирони бузурге, ба монанди Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон мушоҳида кардаем. Гумон меравад, ки дар асрҳои баъд мухлисон ва ё нотавонбинони Абдуллоҳи Ансорӣ, баъзе аз рӯйи эътиқод ва муҳаббат ва баъзеи дигар аз рӯйи ҳасад, ба номи ӯ шеърҳое сурудаанд. Ба ҳар ҳол, ғазалҳои мазкур бо ҳама камбуд ва дур будан аз салиқаи эҷодии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз аҳаммият холӣ нестанд, зеро онҳо низ дар радифи ҳамон гуна эҷоди бадеӣ дорои аҳаммиятанд, ки моҳияти маърифатию таблиғотӣ доранд.

## 2.3. Мазмун ва муҳтавои рубоиёт

Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули рубоӣ маълум аст, ки ин жанр аз миёни мардум бархоста ва чунин ақида ҳам ҳаст, ки адабиёти суфия дар ибтидо адабиёти мардуми кӯчаву бозор буд. Сируси Шамисо ба ин маънӣ чунин мегӯяд: «Мухотибони онон (суфиёни рубоисаро – И.О.) мардуми кӯчаву бозор буданд, ки махсусан ба маҷолиси суфиён дар хонақоҳҳо омадушуде доштанд. Дар оғоз суфиён бо забони ҳамин мардум, яъне забони муколамаи рӯзмарра мегуфтанду менавиштанд...» [Шамисо 1374, с. 47 ]. Қаробати ин суханон ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз ин ҷиҳат аст, ки вай аз ҷумлаи рубоисароёни давраи аввали адабиёти суфия мебошад. Яъне, маҳз дар асри XI тасаввуф ба тозагӣ ба адабиёт ворид шуда буд. Аз зиндагию фаъолияти Ансорӣ маълум аст, ки ӯ аз хурдӣ ба сурудани шеър шуруъ кардаст [Ҷомӣ 1893, с. 1019]. Аввалҳо дар ҳалқаи тадриси худ аз рубоиёти шоирони дигар истифода мебурдаст.

Рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз рӯйи мазмун ва муҳтаво метавон ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ ҷудо кард. Баррасии мазмун ва муҳтавои рубоиёти Пири Ҳирот ба шахсияти чандбуъдии ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва то ҷое душвор ҳам ҳаст. Зеро ӯ ориф, адиб, муҳаддис, муфассир ва назарияпардози тасаввуф буд ва тамоми ин абъод таъсири худро дар равиши эҷоди ӯ гузоштаанд. Серж де Буркуй, аз муҳаққиқони зиндагӣ ва осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, доир ба шахсияти чандбуъдии ӯ чунин менависад: «Аз мутанаввеъ будани осори вай ва низ аз мавқифи баъзе суфиёни мобаъд чунон тасаввур мешавад, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ гоҳе олими дин ва мунозараи динӣ, гоҳе муршиди тариқат ва гоҳе шоири мутасаввиф буда ва гӯё чандин шахсият дошта» [Буркуй 1342, с. 14].

Аз муҳтавои ин навъи шеърӣ хулоса метавон кард, ки рубоиёти Ансорӣ дорои мазомини фалсафӣ, ирфонӣ ва динӣ мебошанд. Хоҷа маҷлиси ваъз дошт ва мусаллам аст, ки барои тарвиҷи андешаҳои ахлоқию мазҳабӣ беҳтарин васила сухани манзум аст. Аксари суфиён рубоиро, ки ҳам дар ҳаҷм ва ҳам дар баёни андеша дархури табъу завқи мардум буд, интихоб намудаанд. Масалан,

Носири Хусрав аз аввалин шоиронест, ки шеърро василаи тарвиҷи мазҳаб ва дифоъ аз ақидаи динӣ қарор додааст. Аммо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ин равишро ба шеваи дигар роҳандозӣ кард. Ӯ тавонист, ки андешаҳои ахлоқию ирфонии худро тариқи насри мусаҷҷаъ ва рубоиёт мунташир созад. Бадеуззамони Фурӯзонфар оид ба фазилати ин равиш чунин менависад: «Аммо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ назму насри худро дар роҳи хидмат ба инсоният ва ҳидояти мардум ба кор бурд ва ин фазилате аст хеле бузург» [Фурузонфар 1342, с. 14].

Рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз назари дарбаргирии муҳтаво ва мазмун ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: рубоиёте, ки ҳовии мазомини орифона, ошиқона ва ҳикамиянд ва рубоиёте, ки дар онҳо муноҷоту мавъиза дарҷ гардидаанд. Ҳарду гурӯҳро ҷудогона баррасӣ мекунем:

**Рубоиёти ошиқона, орифона-ҳикамӣ**. Ишқ дар адабиёт аз мавзуоти қадимӣ ва аслӣ мебошад. Ирфон ва тасаввуф бидуни ишқ мафҳуме надорад, чаро ки ҷавҳари ҳақиқии ирфон ҳамон ишқи нобест, ки Худованд бар дили ориф ба амонат мегузорад, то бо тамассук ба он роҳи расидан ба сарманзили мақсудро бар худ ҳамвор кунад. Насруллоҳи Пурҷаводӣ дар ин бора чунин менависад: «Шуарои форсизабон аз бадви таърихи шеъри дарӣ ишқро ба унвони як мавзуи аслӣ дар назар гирифта ва бахши азиме аз қасоиду рубоиёту дубайтиҳову ғазалиёт ва маснавиҳои худро дар васфи ишқ ва авсофи маъшуқ ва ҳолоти ошиқ сурудаанд» [Пурҷаводӣ 1372, с. 138]. Яъне, таърихи ишқ «дар адабиёти форсӣ ба қидмати шеъри форсӣ аст» [Пурҷаводӣ 1372, с. 144].

Ин иддаоро метавон ба тавсифи ҷамоли маъшуқ дар ашъори аввалин шоирони порсигӯ, ба мисли Ҳанзалаи Бодғисӣ, Фирӯзи Машриқӣ ва дигарон исбот кард. Ин навъи рубоӣ дар адабиёти тасаввуфӣ ҷилваҳои хосси худро пайдо кард. Тасаввуф як мактаби фикрии хос аст ва шуарои суфия низ тақрибан аз ҳар рубоии ошиқона метавонанд матолиби наздик ба ҷаҳонбинии худро пайдо кунанд. Ба ҳамин маънӣ Сируси Шамисо иддио дорад, ки «дар кутуби суфия аз ҳар матлабе дар ҷиҳати тавзеҳи усули ирфонӣ истифода мешавад, чунонки бисёре аз рубоиётро, ки зоҳири ошиқона доранд, таъвили орифона

кардаанд ва иттифоқан, зеботарин рубоиёти ошиқонаро низ бояд дар рубоиёти суфия ҷуст» [Шамисо 1374, с. 50]. Барои ҳамин, дар маҷлиси самоъи суфиёни асри X аз рубоиёти ошиқонаи шоирони пештар истифода мешуд, то ин ки рубоисароёне, чун Абусаъиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигарон ба сурудани ашъори ошиқонаву орифонаи худ шуруъ карданд.

Абдушукури Абдусаттор перомуни рубоиёти орифона ва пайдоиши онҳо дар адабиёти форсӣ чунин менависад: «Мавзуи ирфон дар нимаи аввали асри XI бори нахуст аз тарафи Абусаъиди Абулхайр барои ифодаи он аз рубоиёти назми китобии форсӣ истифода гардида буд. Дар нимаи дувуми ҳамин қарн ва ба баъд ба таронаҳои шуарои ин аҳд ворид гардида, ба тавассути рубоиёти дилангези орифонаи Саноӣ, Ансорӣ, Аттор ва дигарон бунёди рубоиёти ирфонии форсӣ гузошта шуд» [Абдусаттор 2017, с. 380].

Дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ рубоиёти ошиқона аз ҷиҳати ҳаҷм ё шумора дар мақоми аввал аст. Аз шумораи 217 рубоӣ, ки мо ҳадди асосии меъёри таҳқиқ қарор додаем, 122 рубоии он ишқии тасаввуфӣ мебошад. Дар рубоиёти пештар аз ин аҳд, рубоиёти Рӯдакию ҳамасрони ӯ ва баъдан дар рубоиёти шоирони аҳди Ғазнавӣ мурод аз ошиқ ва ишқ варзидан, ҳамоно лаззати ҷисмонӣ буд ва дар адабиёти суфия ин мафоҳим ва мозимин маонии дигар ва тафсироти қудсиро касб карданд. Мухотаби ин рубоиёт Ҳақ аст, ки дар мазомини суфия ба маънии маъшуқи асл истифода мешавад:

Эй карда ғамат ғорати ҳуши дили мо,
Дарди ту шуда хонафурӯши дили мо.
Сирре, ки муқаррабон аз он маҳруманд,
Ишқи Ту фурӯ гуфт ба гӯши дили мо [Мудаббирӣ 1341, с. 12].

Метавон гуфт, ки маҳду асоси тасаввуфро маҳз ишқ ташкил медиҳад ва солик барои расидан ба Ҳақ ва ишқи он пайваста дар талош аст. Ин масъала дар рубоиёти тасаввуфӣ вобаста ба ҷаҳонбинию сулуки сарояндагони он ҷилваҳо ва роҳу равиши гуногун дорад, аммо мақсуд ҳамон аст, яъне расидан ба ишқи маҷозӣ.

Дар аксари рубоиёти ошиқонаи Ансорӣ нишонаҳое аз ваҳдати вуҷуд дида мешавад. Дуруст аст, ки назарияи мазкур дар асри XIII аз ҷониби орифи вораста Муҳйиддин ибни Арабӣ пешниҳод шудааст, аммо амалияи он дар тасаввуф собиқаи пештаре дошт:

Эй дар ту ниҳонҳову аёнҳо ҳама ҳеч,
Пиндору яқинҳову гумонҳо ҳама ҳеч.
Аз зоти Ту мутлақан нишон натвон дод,
К-он ҷо, ки Туӣ, бувад нишонҳо ҳама ҳеч.

[Мудаббирӣ 1341, с. 18].

Дар рубоии мазкур метавон мушоҳида кард, ки маҳз ишқ пила ё василае барои расидан ба ваҳдати Ҳақ аст. Ҳамин аст ки дар назарияи тасаввуф таъбири машҳури «пойи ақл чӯбин аст» истифода мешавад. Яъне, барои расидан ба асли мақсуд ва ҳақиқати маҳз ишқ васила ягона аст, на ақлу истидлол. Масъалаи мазкур дар фалсафаву адаб аз пурпечидатарин масоили фикрист. Перомуни пирӯзии ишқ бар ақл дар роҳи расидан ба Ҳақ тамоми мутасаввифа иттифоқи назар доранд. Ибни Арабӣ ишқро ифрот варзидан дар муҳаббат медонад ва ба ин маънӣ менависад: «Ишқ ифроти муҳаббат аст, ки дар Қуръон ба шиддат ҳуб таъбир мешавад. Худои бузург фармояд: «Ва-л-лазина оману ашадду ҳубба-ли-л-Лоҳи» (Бақара, 165). Яъне, онҳое, ки имон оварданд, ишқи шадидтаре ба Худой доранд» [Саъидӣ 1387, с. 647]. Дар мавриди ақл назари Ибни Арабӣ чунин аст: «...ақл ҳам чун қувои ҳиссӣ, ки васоили дарку хираданд, маҳдуд аст ва аз ҳадду мартабати худ таҷовуз намекунад» [Саъидӣ 1387, с. 657]. Аз андешаҳои Ибни Арабӣ дар баррасии ақл ва ишқ метавон хулоса баровард, ки ишқ нисбат ба ақл дар шинохти Ҳақ ва расидан ба ҳақиқати асл бартарӣ ва тарҷеҳ дорад.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ чи дар осори насрӣ ва чи дар ашъораш низ нисбат ба ин масъала бетаваҷҷуҳ набудааст. Дар боби аввали «Канз-ус-соликин», ки «Дар мақолоти ақл ва ишқ» унвон дорад, як мунозараи муфассал дар кайфияти аҳволи ақлу ишқ меорад ва ба ин гуна хулоса мекунад: «Даромадам дар ин булд, ки шабеҳ аст ба хулд. Дидам, ки халқ дар иморот ва

ду шахс дар талаби аморот, яке ақли инкорпеша ва дигаре ишқи иёрпеша. Нигоҳ кардам, то киро расад тахт ва кадомро ёрӣ диҳад бахт» [Ансорӣ 1349, с. 48]. Ҷойи дигар гӯяд: «Эй ақл, ту кистӣ? Ту муаддаби роҳию ман муқарраби даргоҳам» [Ансорӣ 1349, с. 52]. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса метавон кард, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ василае барои расидан ба Ҳақ медонад ва онро «муаддаби роҳ» медонад, вале дар ниҳояти роҳ тавони ақл коста мешавад ва ишқ, ки «муқарраби даргоҳ» аст, соликро ба сарманзил мерасонад.

Ашъори шуарои мутасаввиф, махсусан, Абдуллоҳи Ансориро бе ишқу муҳаббат ба Худо тасаввур кардан ғайри имкон аст. Ризозода Шафақ дар боби Ансорӣ сухан гуфтану аз муҳаббат чизе наоварданро «шарти инсоф набудан» медонад: «Сухан аз Хоҷа Абдуллоҳ ба миён овардан ва аз таълими ӯ дар боби муҳаббат зикре накардан шарти инсоф набошад. Дар ағлаби калимоти ӯ, ки таъбир аз замири мунири ӯст, муҳаббати бериё нисбат ба Худо ва халқ намудор аст...» [Шафақ 1342, с. 46]. Изҳори муҳаббат ба Худованд ҳамчун толиби роҳи ҳақиқат дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ба таври хос ҷилва ёфтааст. Инро, пеш аз ҳама, дар он метавон мушоҳида кард, ки Хоҷа дар баёни муҳаббат ба маъшуқи асл аз мақоми бандагию тоат менигарад. Маъшуқ дар ин рубоиёт тавонову бениёз аст. Агар ба таърихи таҳаввули рубоӣ ва дигар анвои шеърӣ, махсусан, дар мазомин ва тасвироти ошиқонаи он бинигарем, мебинем, ки дар рубоиёти давраи Сомонӣ маъшуқа барои ошиқ ба осонӣ дастрас аст. Аммо тадриҷан ва махсусан, дар адабиёти суфия ин шева ранги дигар мегирад. Махсусан, дар рубоиёти суфия маъшуқа, ки ба маънии Ҳақ аст, бениёз, ишвагар ва расидан ба васли ӯ хеле душвору пурмашаққат аст:

Дар бодияи visoли он шуҳранигор,
Ҷонбозонанд ошиқони рухи ёр.
Монандаи Мансур «Ана-л-Ҳақ»-гӯён,
Дар ҳар кунҷе ҳазор сар ба сари дор [Мудаббирӣ 1341, с. 33].

Дар рубоиёти орифона нисбат ба рубоиёти ошиқона бархурд каме дигар аст. Шоир акнун ба шинохту ҳақиқати маъшуқ мепардозад. Ин навъи рубоиёт

низ дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ зиёданд. Ҳудуди 41 рубоии шоир орифонаанд.

Чизи муҳимме, ки ирфони Хоҷаро аз дигар шоирони мутасаввиф мутамойиз медорад, убур накардани марзи шариат дар ирфон аст. Дар қиёс ба Абусаъиди Абулхайр, ки ба ваҷду самоъ руъят дошт, Ансорӣ ҳеч гоҳ самоъу рақсро намепазируфт ва қабул надошт. Ҳатто дар майдони ҳаштоду ҳафтуми «Сад майдон» самоъро бе рақс ва касеро мазҳари ин ваҷд қарор додан сухан гуфта, онро танҳо «бедор кардан аст аз хоб ва ҷунбонидан аст аз ором ва об додан аст кушатро..» шарҳ медиҳад [Ансорӣ 1348, с. 67].

Зарринкӯб дар тақвияти ин андеша менависад: «Бар хилофи ӯ (Абусаъиди Абулхайр – И.О.) як шайхи дигари Хуросон – Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар риояти шариат диққату эҳтиёти тамом дошт. Вай фақеҳу муҳаддис буд ва ба тафсир алоқа меварзид. Аммо дар тасаввуф, бо вуҷуди завқу муҳаббате, ки дошт, ба ҳифзи шариат мекӯшид...» [Зарринкӯб 1344, с. 84]

Фарқи шеъри ошиқонаи ғайрисуфия аз шеъри ошиқонаву орифонаи суфия дар он аст, ки дар шеъри суфия мафоҳиму вожаҳо ба сурати рамз медароянд. Масалан, як идда вожаҳое, ба мисли чашм, абрӯ, зулф, гесӯ, хатту хол, лабу дандон ва амсоли инҳо, ки пештар ба маънии ҳақиқию зоҳирӣ корбурд доштанд, акнун ҳамчун истилоҳоти суфия маънию тафосири нав касб карданд. Ин маониро дар рубоиёти Ансорӣ ба хубӣ метавон мушоҳида кард:

Рӯзе, ки сар аз парда бурун хоҳӣ кард,
Донам, ки замонаро забун хоҳӣ кард.
Гар зебу ҷамол аз ин фузун хоҳӣ кард,
Ё Раб, чӣ ҷигарҳост, ки хун хоҳӣ кард [Мудаббирӣ 1341, с. 21].

Нигориши ҳақиқати зоти пок дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мисли дигар аз мутасаввифа хосси дидгоҳи ӯст. Ансорӣ дар ин навъи рубоиёт аз мақоми сулуки худ ва чигунагии эҳсоси зоти Худованд сухан гуфтааст. Фурӯзонфар дар ин бора чунин менависад: «Аз ин ҷиҳат аст, ки ибороти суфия ғолибан вофӣ ба мақсуд нест ва ба сурати ишораву имо баён шудааст, то касе, ки худаш дорои он мартабаву он дараҷа аст, агар бо он мақом расид, худ ба худ

идрок бикунад, аз ин ҷиҳат аст, ки суфия мегӯянд: Ман лам язақ лам ядрӣ, яъне касе, ки начашид, идрок намекунад (ишқ омад, набуд, наомӯхтӣ). Ҳоло чизе ки омаданӣ аст ва омӯхтанӣ нест таҳти таълим даровардан ҳунари бузург аст. Абдуллоҳи Ансорӣ ин маротибу дараҷотро, ки суфия аз баёни қабл аз давраи ӯ ба таври комил оҷиз будаанд ё нахостаанд баён бикунанд, дар «Манозил-ус-соирин» ҷамъ овардааст» [Фурузонфар 1342, с. 49].

Шинохти Худо ва расидан ба ҳақиқати мутлақ, аз нигоҳи Пири Ҳирот, корест басо мушкил ва барои ҳар солики бо азми сабук дастрас нест. Барои расидан ба ин ҳақиқат бояд аз ҳама тааллуқоти дунё ва мо фиҳо даст кашид, ки ба муроди аслӣ бирасӣ:

Шарт аст, ки чун мард раҳи дард шавӣ,
Хокитару ночизтар аз гард шавӣ.
Ҳар к-ӯ зи мурод кам кунад, мард шавад,
Бигзар з-алифи мурод, то мард шавӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 61].

Хоҷа одамиро ҳамеша ба такмили худ даъват мекунад. Аз нигоҳи ӯ, одам аз ҳақиқату фалсафаи омадани худ бояд бохабар шавад, то бехабар аз ин асрор наравад. Дарёфтани ҳақиқати асл ва камоли одамият ба дурӣ ҷустан аз тааллуқоти нафсонӣ вобаста аст:

Гоҳе, ки ба тинати худ афтод назарам,
Гӯям, ки ман аз ҳар чӣ ба олам, батарам.
Чун аз сифати хештан андар гузарам.
Аз Арш ҳаме ба хештан менигарам [Мудаббирӣ 1341, с. 43].

Рубоиёти ошиқонаву орифонаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар камоли зебоию тавсиф аз маъшуқ суруда шуда, ҳамчунин, дарёфтани ҳақиқати мутлақ дар доираи шариат ба таври олӣ ва аз мақоми бандагӣ суруда шудаанд. Абдуллоҳи Ансорӣ ҳангоми тавсифи маъшуқи асл, яъне Худо кӯшидааст, то Ӯро ҳамчун маъшуқи забардасту беэътино ва золим нисбат ба дилбохтагони кӯяш нишон надиҳад. Маъшуқи ин рубоиёт бо вуҷуди бениёз будан аз муштариёни худ, меҳрубон ва дар ниҳояти адолат қарор дорад. Ин тасвироти

худро Ансорӣ бо оёти қуръонӣ, ки Худованд низ бандагони худро дӯст медорад, музайян мекунад:

Бе буди шумо «юҳиббуҳум» ман гуфтам,
Ҳам дурри «юҳиббун» ба шумо ман суфтам.
Ҷуз ман дигаре набуд, шунидӣ, гуфтам,
Ман будаму ман шунидаму ман гуфтам [Мудаббирӣ 1341, с. 43].

Яъне, маъшуқ бо он ки хеле тавонову бениёз аст, муштоқони даргоҳи худро дӯст медорад.

Аз баррасии рубоиёти мазкур мувофиқати ҷаҳонбинию афкори Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро бо мазомини мундариҷ дар ашъори мазкур ба хубӣ метавон эҳсос кард. Шоир дар ин рубоиёт то ҳадде аз даричаи ислом ва хосатан, шариат нигаристааст ва ба масъалаҳое, ки инсонро ба шакку тардид мебаранд, тамоман кордор нест. Ин равишро тақрибан дар тамоми рубоиёти асри ёздаҳ метавон дид ва тадриҷан дар охири асри ёздаҳ ба баъд нуктаҳои нозук ва масоили баҳсбарангез дар офаринишу ҳақиқати мутлақ дар мазомини ашъори шоирон пайдо шуданд.

Муноҷоту мавъиза. Муноҷот ва ниёиш дар адабиёти форсӣ собиқаи баробар бо пайдоиши шеъри форсиро дорад. Талаби ҳоҷот ва истихфор дар куҳнатарин намунаҳои шеъри форсӣ дида мешавад. Асоситарин бахши эҷоди адабии Абдуллоҳи Ансорӣ ва як бахши муҳимме аз маъруфияти ӯ низ дар муноҷотҳои ӯст. Пири Ҳирот, чунонки қаблан ҳам таъкид шуда буд, аз аввалин адибонест, ки дар хилоли наср шеърро ҷой дода ва дар таърихи адабиёт ин ибтикор ба номи ӯ сабт шудааст. Аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ҳам наср ва ҳам рубоиёт ягонагӣ дошта, рубоиёт такмилдиҳанда ва хулосаи наср ҳаст. Ба мисли намунаи зерин:

«Илоҳӣ! Агар тан муҷрим аст, тан мутеъ аст ва агар банда бадкор аст, карами Ту шафеъ аст:

Бодо карами Ту бар ҳама поянда,
Эҳсони Ту сӯйи бандагон оянда.
Бар бандаи худ гуноҳро сахт магир,

Эй довари бахшандаи бахшоянда» [Ансорӣ 1382, с. 11].

Рӯ овардани Абдуллоҳи Ансорӣ ба ин мавзуот равшан аст ва ҷойи тардиду тафаҳҳус надорад. Ӯ ба унвони як мударрис, фақеҳ ва ориф, ки ҳалқаи тадрису иршоди худро дошт, тарбияти ахлоқию динии мардумонро аз вазоифи аввалиндараҷаи худ медонист. Аз таърихи зиндагияш пайдост, ки дар роҳи тарбияти мардумон ва ҳифзи арзишҳои исломи воқеӣ чи ранҷҳое накашида ва ҳатто се маротиба аз ҷониби бадхоҳони худ аз Ҳирот табъид ҳам шудааст.

Дар рубоиёти муноҷотии Хоҷа ду қаҳрамон аст. Яке «ман», ки ин ман фақри маҳз аст, ҳеҷ аст ва дар сӯйи дигар Ӯст, ки ғанист. Худованд дар ояи 15 сураи Фотир ба он ишора мекунад, ки «Ё айюҳанносу антуму-л-фуқароу ила-л-Лоҳи ва-л-Лоҳу ҳува-л-ғанию-л-ҳамид» (Эй бандагон, шумо ба Худо муҳтоҷед ва ҳамоно Худованд бениёзи сутудакор аст). Ҳол ин ман, ки бояд бо тазарруъ ва бо табаттул (яъне, бо дил буридан аз дунё) бо Дӯст сухан бигӯяд. Хоҷа дар ин навъи рубоиёт худро ва ё бандаро ғарқшудае тасвир мекунад, ки дар об фурӯ рафтааст ва фақат дасте аз об берун овардаем ва аз ҳазрати маҳбуб кумак металабад, ки дасти моро бигирад. Пас дуо бояд бо табаттул, тазарруъ ва нола ҳамроҳ бошад. Бо тамоми вуҷуд талаб кунад ва чашму дил аз ҳама бигирад:

Ё Раб, ман агар гуноҳи беҳад кардам,
Донам ба яқин, ки бар тани худ кардам.
Аз ҳар чи мухолифи ризои Ту бувад,
Баргаштаму тавба кардаму бад кардам [Мудаббирӣ 1341, с. 42].

Нуктаи дигаре, ки дар ин рубоиёт бояд ба он таваҷҷуҳ кунем ин аст, ки вақти хоссе барои мулоқоту муноҷот нест. Муноҷот ба Худо дар ҳама вақт муносиб аст. Дар рубоиёти Ансорӣ вақтҳои субҳидам ва ё шабонгаҳ оварда шудаанд ва онро Хоҷа вақти талаби дуову муноҷот медонад. Ҳамчунин, Худо ҳамагонист ва ҳама метавонанд ба даргоҳи Ӯ рӯйи ниёз пеш оваранд:

Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,
Гар кофару габру бутпарастӣ, боз о.
Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ, боз о [Мудаббирӣ 1341, с. 11].

Дигар аз мухтассоти рубоиёти муноҷотии Абдуллоҳи Ансорӣ дар латофат, нармӣ, зарофат ва оҳанги тазарруъи онҳо қобили ташхис аст. Вақте ӯ каломро бо «Илоҳӣ!» дар наср ва «Ё Раб!» дар рубоиёт шуруъ мекунад, оҳанг нарм, латиф ва комилан рабояндааст. Ҳамчунин, ин нукта боиси зикр аст,ки аксари рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ таҳти таъсири фазои Қуръон ва аҳодис эҷод шудаанд. Дар ин рубоиёт номҳои сифоти Худо, оёт ва савонеҳи гуногун аз таърихи ислом ёд шудаанд, ки дар қисмати синооти адабӣ ва зикри «ирсоли масал» дар рубоиёти мазкур мо ба ин масъала таваққуф хоҳем кард. Ин ҷо бо зикри як намуна қаноат меварзем:

Ё Раб, ё Раб, Каримию Ғаффорӣ,
Раҳмону Раҳиму Роҳиму Сатторӣ.
Хоҳам, ки ба раҳмати худовандии хеш
Ин бандаи шарманда фурӯ нагзорӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 57].

Қисмати дигар аз ин рубоиёт, ки зикрашон дар боло рафт, мавъизавӣ мебошанд. Осори мавъизавӣ ба суханоне гуфта мешавад, ки пешвоёни динию мазоҳиб ва суфиёни соҳибмактабу хонақоҳ барои пайравону алоқамандони худ ва ҷалби дигарон андешаҳои худро ба сурати мактуб ва шифоҳӣ баён мекарданд. Бахши умда ва чашмгире аз адабиёти моро ашъори таълимию андарзӣ, ё худ мавъизавӣ  дар бар гирифтааст. Он чи дар ин баррасӣ аз рубоиёти Хоҷа сурат мегирад, тақрибан побанди мавъизоти динӣ аст. Мавъиза дар дин ҷойгоҳи вежае дорад ва ба унвони як равиши омӯзишӣ дар ҷомеаҳои динӣ корбурд дорад, ки агар ба сурати дурусту муносиб ба кор равад, метавонад ба унвони василаи муассире  истифода шавад.

Муруре бар сайри адабиёти форсӣ нишон медиҳад, ки панду андарз аз ҳамон қарнҳои оғозин, бо таваҷҷуҳ ба суратҳои лозим, мавриди инояти шоирону нависандагон будааст. Вазъу ҳикмат аз охирҳои асри X ва ба тарври равшан дар мисоли Кисоии Марвазӣ оғоз ёфт, аммо камоли воқеии он дар асрҳои XI, XII ва XIII дида мешавад. Махсусан, бо ворид гардидани тасаввуф ба адабиёт панду андарзу ҳикмат дар адабиёт, махсусан шеъри суфия, бештар ҷойгоҳ пайдо кард. Абдуллоҳи Ансорӣ низ аз кибори мутасаввифа ва соҳиби

ҳалқаи тадрис буд ва бешак, як қисми умдаи фаъолияти ӯ таълиму иршод буд. Ҳудуди 38 рубоӣ аз рубоиёти Хоҷа мавъизавӣ мебошад.

Аз баррасии маҷмуи рубоиёти мавъизавии Абдуллоҳи Ансорӣ метавон барои онҳо ҳайат, қолаб ва шаклҳои хоссеро муайян кард. Бархе аз ин рубоиёт ба шакли саволу ҷавоб ва бархе ба шеваи хитоб ироа шудаанд. Аз миёни баъзе аз рубоиёт ба шакли амру наҳй аст ва теъдоде низ ба сурати ҳикмат суруда шудаанд.

Рубоиёти мавъизавии Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз ҷиҳати фарогирии мавзуот ва муҳтаво метавон ба чанд даста ҷудо кард:

1. Ахлоқӣ. Ин мавзуъ яке аз асоситарин мавзуъҳои адабиёти ҳикамӣ аст. Маҳз адабиёт ном гирифтани ин соҳаи фаъолияти инсон низ ба ҳамин боис аст. Тақрибан пайкари адабиёти моро мавзуи ахлоқу адаб ва тарбияти инсонӣ фаро гирифтааст ва шояд шоире натавон пайдо кард, ки ба ин мавзуъ рӯ наоварда бошад. Дар ин навъи рубоиёт шоир хӯи неку рафтори шоистаи инсониро васф кардааст. Ансорӣ адабу рафтори шоистаро аз камёфтарин ва гаронбаҳотарин арзишҳои инсонӣ тавсиф кардаст:

Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасид,
Дуррест адаб, ба ҳар гадое нарасид.
Сарриштаи мулки подшоҳӣ адаб аст,
Тоҷест, ки ҷуз ба подшоҳе нарасид [Мудаббирӣ 1341, с. 32].

2. Парастиши Худо. Ниёиш ё парастиши Худо яке аз руҳонитарин лаҳазоти зиндагии ҳар муъмин аст. Дар ҳама адёни осмонӣ мутаносиб бо талаққию дарки муъминон аз дин шеваҳо ва шаклҳое барои розу ниёз бо Маъбуд фароҳам шудааст. Шоирон ҳам ба унвони дорандагони руҳҳои латифу ҳассос дар лобалои ашъори худ муноҷотҳои нағзу дилнишин гунҷондаанд, ки аз латифтарин фарозҳои осорашон аст. Ин шеваро чи дар муноҷотҳо ва чи дар рубоиёти Хоҷа ба таври равшан метавон дид:

Қавле ба сари забони худ барбастӣ,
Сад хона пур аз бутон, яке нашкастӣ.
Гуфтӣ, ки ба як қавли шаҳодат растам,

Фардот кунад хумор, к-имшаб мастӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 56].

3. Сабру қаноат. Мавзуи сабру қаноат низ аз мавзуоти муҳим ва меҳварӣ дар адабиёти форсӣ мебошад. Дар омӯзаҳои динӣ ва осори адабиёти таълимӣ ба сабру қаноат бисёр пардохта шудааст. Эҳсоси риёзат ба моли андаки худ ва хушнуд будан ба додаи Худо бо тавонгарию ғано баробар аст. Розӣ будан ба вазъияти сахт ва нохушоянду маишати танги худ, беҳтар аст аз изҳори дархост ва хоҳиш пеши нокасону дунону сифлагон. Тавсия ба шукр дар баробари неъматҳои Худо ва бурдборию таҳаммул дар баробари фақру нодорӣ низ дар рубоиёти Хоҷа зиёд дида мешавад. Хоҷа онҳоеро, ки дар талаби молу ҷоҳ ва сарвати дунё ҳастанд, маризу ранҷур мешморад:

Дунёталабо, ту дар ҷаҳон ранҷурӣ,
Уқботалабо, ту аз ҳақиқат дурӣ.
Мавлоталабо, ки доғи мавло дорӣ,
Андар ду ҷаҳон музаффару мансурӣ. [Мудаббирӣ 1341, с. 58].

4. Ростию камозорӣ. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дасти кушод доштани мардумонро аз ҷавонмардии онҳо медонад. Бо вуҷуди он ки аз шариати расмӣ ва қавонини исломӣ ҷиҳати риояи онҳо хеле сахтгир буд, вале одамият ва дили одамон ба даст оварданро бузургтарин неъмат ва айни худопарастию имондорӣ медонад:

Дар роҳи Худо ду Каъба омад ҳосил:
Як Каъбаи сурат аст, як каъбаи дил.
То битвонӣ, зиёрати дилҳо кун,
К-афзун зи ҳазор каъба бошад як дил [Мудаббирӣ 1341, с. 23].

Маҳз ҷанбаи инсондӯстиву беозории рубоиёти Ансорӣ буд, ки то имрӯз ин рубоиёт аҳаммияти худро аз даст надода, ба ҳар диёр машҳуру ба ҳар забон мазкур аст. Далели рӯшани ин гуфтаҳо, маҳз аз забони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон садо додани рубоиёти Ансорӣ дар вохуриҳои ӯ мебошад [Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон, 12.05.2018].

5. Ғанимат донистани фурсат. Истифодаи дуруст аз фурсатҳо матлабест, ки дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ва дар ашъори гӯяндагони форсизабони ҷаҳон ба он зиёд пардохта шудааст. Ин ки мегӯянд, фурсатҳо чун абри даргузаранд, ҳақиқате инкорнопазир аст:

Умрам ба ғами дунии дун мегузарад,

Ҳар лаҳза зи дида сели хун мегузарад.

Шаб хуфтаву рӯз масту ҳар субҳ хумор,

Авқоти аз бин, ки чун мегузарад?! [Мудаббирӣ 1341, с. 20].

6. Омодаи марг будан ва андешаи онро доштан. Дар шеъри суфиёна ин мавзуъ ба таври густарда роиҷ аст. Ҳатто қисмати бузурге аз ашъори мавъизавии адабиёти моро ҳамин мавзуъ ташкил медиҳад. Дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ низ ин мавзуъ хеле зиёд ифода шудааст:

Дигар аз хусусиёти рубоиёти мавъизавии Ансорӣ дар он аст, ки мухотибони онҳо умумиянд. Яъне, ин мавъизаҳо ба касоне, ки ба бандагии Худо ҳиммат бастаанд, нигаронида шудаанд. Ҳамчунин, дар баъзе аз ин рубоиёт Ансорӣ нафси худро хитоб қарор медиҳад. Монанди ин рубоӣ:

Бар чеҳра надорам зи мусулмонӣ ранг,

Бар ман дорад шараф саги аҳли Фаранг.

Он рӯсияҳам, ки бошад аз будани ман

Дӯзахро нангу аҳли дӯзахро нанг [Мудаббирӣ 1341, с. 40].

Ҳатто маворидеро низ метавон дарёфт, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ зоҳидони риёкорро низ насиҳат карда, онҳоро барои талаби ризқи  ҳалол ва риё надоштан даъват кардааст:

Эй зоҳиди худбин, ки наӣ марҳами роз,

Чандин ба намозу рӯзаи хеш маноз.

Корат зи ниёз мегушояд, на намоз,

Бозича бувад намози бесидқу ниёз [Мудаббирӣ 1341, с. 36].

Илова бар мавзуоти болозикр, ҳамчунин, васфи ҷавонмардию ухувват, шикастанафсӣ, фурӯтанӣ ва дигар хасоили ҳамидаи инсонӣ дар ин рубоиёт ба таври басрҷаста васф шудаанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили рубоиёти мавъизавию андарзӣ дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ чунин натиҷаҳо ҳосил гардид:

1. Бештари мавъизаҳои шоир ба мухотаби хоссе тааллуқ надорад ва ба тамоми инсонҳо нигаронида шудаанд. Бо ин ҳама, баъзан ҳолатҳое ҳаст, ки шоир мухотаби хоссе, мисли муъмин ва зоҳид дорад.

2. Шоир бештари мавъизаҳои худро бо шеваи амру наҳй баён кардааст. Баъзе аз мавъизаҳои ӯ дар шакли ҳикмат ва баъзе дар шакли савол матраҳ шудаанд. Ашъори мавъизавии ӯ фарогири талқин аз зиндагии озода, некӣ, ҷавонмардӣ ва дигар аз хасоили некӯи инсонӣ буда, тақрибан дар онҳо ҷанбаҳои дунёбезорӣ дида намешавад.

# БОБИ III

# ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

## 3.1. Хусусиятҳои забон ва сабки баён

Таъсири наҳваи каломи Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ бар адабиёти таълимии суфия назди муҳаққиқон амре маълум аст. Аз ҷиҳати дигар, мавҷудияти мафоҳими амиқи ирфонӣ каломи Ансориро ҷовидонагӣ бахшидааст. Аз ин рӯй, таҳқиқ аз зовияи сабкшинохтӣ метавонад нукоти муҳиммеро дар зебоишиносии адабии осори ӯ намоён созад.

Ҳамонгуна ки аз таърихи адабиёт маълум аст, баъд аз қабули ислом ва аз байн рафтани забони порсии миёна мардум ба лаҳҷаҳои маҳаллии худ ҳарф мезаданд ва порсии дарӣ яке аз ин лаҳҷаҳо буд. Сабаби густариши лаҳҷаи мазкур низ пайдо шудани ҳукуматҳои маҳаллӣ дар манотиқи гуфтугӯи лаҳҷаи мазкур буд ва ин боис гардид, ки порсии дарӣ ба лаҳҷаҳои дигар пешӣ гирад ва соири вилоёти дигар низ ба омӯзиши лаҳҷаи мазкур камар банданд [Шамисо 1388, с. 56]. То ҳудуди асри XII ҳатто шоироне буданд, ки ба лаҳҷаҳои маҳалли худ эҷод мекарданд. Нақли овардаи Носири Хусрав дар «Сафарнома», ки дар Табрез бо Қатрон вохурда ва Қатрон аз ӯ луғоти номафҳум аз ашъори Мунҷику Дақиқӣ пурсида, далели равшани ин аст, ки то дер вақт порсии дарӣ дар ҳама гӯшаву канории сарзаминҳои Эрони таърихӣ мунташир нашудааст: «Ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони порсӣ некӯ намедонист. Пеши ман омад, девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард, пеши ману бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман бипурсид. Бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ ба ман хонд» [Хусрав 1922, с. 98].

Шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ аз назари забон ҳамон мухтассоти сабки хуросониро доро мебошад, аммо аз назари фикрӣ ошиқонаву орифона аст. Вай дар қатори Абусаъиди Абулхайр ва иддаи дигар аз аввалин гӯяндагони шеърӣ ирфонӣ мебошад.

Дар шинохти хусусиятҳои забонии ашъори Ансорӣ муҳимтарин меъёр шеваи басомадгирӣ аз аносири мухталифи созандаи сабк аст. Аз назари сабк миёни шеър ва насри Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ то ҷое тафовут вуҷуд дорад. Агар ба ҳамон равише, ки вежагиҳои насри порсиро Маликушшуаро Баҳор ба чаҳор давра ҷудо кардааст, такя кунем: «Давраи аввал аз нимаи аввали қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ оғоз мешавад, ки то авохири қарн панҷум идома дорад ва давраи дувумро метавон аз авосити қарни шашум ба баъд донист» [Баҳор 1375, с. 319-323], пас аз назари замонӣ ва ҳам аз назари забонию адабӣ сабки шеъри Ансориро бояд ҷузъи давраи аввал, вале насри ӯро аз назари замонӣ ба давраи аввал, вале аз лиҳози забонию адабӣ, ҳамон тавр ки хоҳем дид, бояд ҷузъи давраи дувум маҳсуб донист. Мақсуд аз насри Ансорӣ насри мусаҷҷаи ӯст, ки дар миёни осори манзуму мансури ӯ аз назари равиши эҷод ва истифодаи луғоти мутааддиди арабӣ мутафовит аст. Насри Ансорӣ насрест сода ва мурсал ҳамроҳ бо саҷъпардозӣ ва мувозина ва ҳеҷ нишонае аз хусусиёти куҳани овоии марбут ба осори мутақаддим дар он ёфт намешавад. Аммо шеъри ӯ, ҳамон гуна ки қаблан зикр кардем, ҷузъи ногусастании сабки хуросонӣ мебошад. Сабаби асосии танаввуъ дар назму насри мусаҷҷаи Ансорӣ, пеш аз ҳама, пайравӣ аз Қуръон дар эҷоди насри мусаҷҷаъ мебошад.

Ҳарчанд дар шеъри Ансорӣ таъсири луғоти арабӣ дида мешавад, аммо бояд инро ба назар гирифт, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар даврае мезиста, ки кам-кам истифода аз луғот арабӣ рӯ ба афзоиш меоварад ва ӯ низ таҳти таъсири ин ҷараён қарор мегирад. Вале луғоти арабӣ, ки ба кор мегирад, аз луғоти сода ва пуркорбурд аст, на луғоти душвор ва номаънус. Барои мисол:

Дар ишқи ту хушдилӣ зи ман безор аст,
Рав шод нишин, ки ғам маро даркор аст.
Ту куштани ман металабӣ, ин саҳл аст,
Ман васли ту меҷӯяму ин душвор аст [Мавлоӣ, 1379, с. 733].

Дар рубоии боло чаҳор вожаи арабӣ – ишқ, талабидан, саҳл ва васл истифода шудааст, ки аз дар забони порсӣ корбурди зиёд доранд ва барои тамоми порсигӯён ошно ҳастанд.

Истифодаи луғоти арабӣ аз ҷониби Абдуллоҳи Ансорӣ сабабҳои худро доштанд. Аз ҷумлаи далоиле, ки метавон барои истифодаи Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ аз вожагони арабӣ баршумурд, иборатанд аз: 1. Таъсирпазирӣ аз муҳите, ки дар он нашву намо ёфтааст; 2. Дилбастагӣ ба забони арабӣ, ки аз хурдӣ ба арабӣ шеър суруданаш низ далели равшани ин иддио аст; 3. Хатиб будан, ки бевосита барои расонидани мазомин ва шарҳи мафоҳими динӣ ногузир аз луғоти арабӣ истифода мебоист кард.

Дигар аз мухтассоте, ки дар сабки эҷодии Абдуллоҳи Ансорӣ метавон мушоҳида кард, такрори вожа ва ибора аст, ки дар мутуни суфия фаровон аст ва яке аз вежагиҳои сабкии онҳо маҳсуб мешавад. Такроре, ки ҷанбаи ҳунарӣ дорад ва ба мавзун шудани матн кумак мекунад ё дар расондани мафҳуму ғарази гӯянда ба кор меояд. Ин мухтассотро чи дар шеър ва чи дар насри Абдуллоҳи Ансорӣ ба таври равшан метавон дид. Такроршавиҳоро дар ҳуруф ва дар калимот низ метавон мушоҳида кард. Мисол дар такрори калимот:

Дар ишқи ту гаҳ паст гаҳе маст шудам,
В-аз ёди гаҳ нест гаҳе ҳаст шудам.
Дар пастиву мастӣ ар нагири дастам,
Якборагӣ, ай нигор аз даст шудам [Мавлоӣ, 1379, с. 736].

Дар байти боло вожаҳои «паст», «маст» ва «даст» такрор шудаанд, ки ба мавзунию равонии шеър як навъ афзудаанд. Ин равонӣ бештар дар мисраи сеюм дида мешавад, ки бо пайи ҳам овардани вожаҳои наздикталаффуз (парроним) мисраъро хеле равону мавзун гардонидааст.

Дар рубоии зерин такрори ҳарфи «син» ва калимаи «гарон» дар сохтори наҳвии калом як навъ зебоӣ илова кардааст:

Он кас, ки гарон асту бидонад, ки гарон аст,
В-аллоҳ, ки гарон нест, сабукруҳи ҷаҳон аст.
Он кас, ки гарон асту надонад, ки гарон аст,
В-аллоҳ гарон асту гарон асту гарон аст [Мавлоӣ, 1379, с. 733].

Ҳамин хусусиёт дар насри Хоҷа низ зиёд ба чашм мехурад. Барои мисол, порчаеро аз «Канз-ус-соликин» меорем: «Куҷост ошиқӣ, содиқӣ, ашкрезӣ,

ширинnафасӣ, мушкбезӣ, ки қолабаш фаршӣ буваду мурғи ҷонаш аршӣ» [Ансорӣ 1349, с. 62].

Аз мухтассоти сарфии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ истифодаи бештари феъл ва нидоро метавон ном бурд. Хоҷа Абдуллоҳ як воиз ва маҷлисӣ буда ва ҳамчунин осораш низ бо ҳадафи таълим ва панду андарз навишта шудааст. Ба ҳамин далел, бештари феълҳо ва нидоҳое, ки дар ашъораш истифода мекунад, сиғаи амр, наҳй ва хитобро дорад. Ҳамин мақуларо метавон яке аз хусусиёти сабкии ӯ донист. Барои мисол ба феълҳо:

Ҳақро ба далели файласуфон маталаб,
Динро ба ҷуз аз ҳадису Қуръон маталаб.
Киштии ту шаръу Нуҳи ту Қуръон аст,
Бе ин ду наҷоти худ зи тӯфон маталаб [Мудаббирӣ 1341, с. 13].

Мисоли дигар:

Ҳар кас, ки ҳамеша бар муроди дил рафт,
Аз хонаи умри хеш беҳосил рафт.
В-он кас, ки барои нафс баргашт зи Ҳақ(қ),
Саргаштаву ҳайрон шуду дар ботил рафт.

[Мудаббирӣ 1341, с. 17].

Нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ истифодаи нидо басомади зиёд дорад. Ҳатто метавон гуфт, ки панҷоҳ дарсади ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дорои хитоб мебошанд. Ин хусусиятро аксар дар рубоиёти ӯ метавон мушоҳида кард. Дар аксари маврид мухотаби Ансорӣ Худо ва ба гунаи камтар мардумон аст. Намунаи мисол аз рубоиёт:

Ё Раб, чӣ шавад, агар маро гирӣ даст,
К-аз бори гунаҳ шуд тани мискинам паст.
Гар дар амалам он чи Туро шояд, нест,
Андар карамат он чи маро бояд, ҳаст [Мудаббирӣ 1341, с. 17].

Мисол аз матлаи ғазали Ансорӣ:

Эй гирифта такягоҳӣ суффаи тадрисро,
Гар ҳамехоҳӣ ту ҷоҳу зинати Идрисро [Мавлоӣ 1379, саҳ.719].

Хусусияти дигар аз сабки эҷодии Хоҷа истифодаи оёту аҳодис мебошад, ки дар зимни баррасии санъатҳои бадеӣ (ирсоли масал) дар ин бора сухан хоҳад рафт. Танҳо ҳамин нуктаро бояд зикр кард, ки истифода аз оёту аҳодис дар шакли ҷузъӣ мебошад. Ансорӣ ҷузъе аз оятро тавре меорад, ки каломаш моҳияти таъкидиву тавзеҳӣ пайдо мекунад.

Дар сатҳи луғавӣ забони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ вежагии хоссе надорад. Танҳо хусусияти луғавии сабки ӯ такрор аст. Гоҳе ӯ вожаеро дар чанд мисраъ такрор мекунад. Теъдоди калимоти номафҳумашъори ӯ бисёр кам аст, ки ин содагии забон ҳам ба далели мухотибон, ки мардуми омианд ва ҳам ба иллати таълимӣ будани осори ӯст. Мизони бакоргирии калимоти арабӣ дар ҳадди таодул ва бештар дар мафҳуми имрӯзии онҳост. Дар сатҳинаҳвӣ, ӯ аз феълҳова нидо бештар истифода мекунад. Бештари басомадифеълҳо ва нидоҳо дар ашъор амрӣ, наҳй ва хитобӣ мебошанд.

## 3.2. Авзони ашъор

Муҳимтарин фарқ дар шинохти наср аз назм вазн мебошад ва шеър аз оғози худ то ин дам бевазн набуда, яъне шеъри бевазн дар урфи суннатии адабиёти тоҷик шеър нест. Парвиз Нотили Хонларӣ ба нақл аз китоби «Июн»-и Афлотун чунин менависад: «Шоирон вақте ашъори зебояшонро месароянд, дар ҳоли бехудӣ ҳастанд. Оҳангу вазн эшонро мафтуну маҳсур мекунад» [Хонларӣ 1345, с. 13]. Насируддини Тӯсӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» дар ин бора чунин менависад: «Ва муҳаққиқони мутааххирон шеърро ҳадде гуфтаанд ҷомеи ду маънӣ бар ваҷҳи атамм. Ва он ин аст, ки гӯянд: Шеър каломест мухайял, муаллаф аз ақволи мавзуни мутасовии муқаффо... ва назари мунтақ хос аст ба тахайюл ва вазнро аз он ҷиҳат эътибор кунад, ки ба ваҷҳе иқтизои тахайюл кунад. Пас шеър дар урфи мантиқӣ каломи мухайял аст ва дар урфи мутааххирон каломи мавзуни муқаффо..» [Тӯсӣ 1347, с. 576]. Бо таваҷҷуҳ ба дидгоҳи маълуме, ки вазнро аз ҷумлаи лавозимоти ҳатмии шеър меҳисобад, ба баррасии авзони ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мепардозем.

Ғазал дар шевотарин авзони арӯз суруда мешавад ва ҳамеша хушоянд аст. Ғазалҳои мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба гунае ки дар ниҳояти хубию салосат суруда нашуда бошанд ҳам, аммо дар авзони хуби арӯзӣ сароида шудаанд. Ҳамон гуна ки маълум аст, ғазал дар ҳама навъи баҳрҳо (чи баҳрҳои аслӣ ва чи фаръӣ) суруда мешавад. Аммо хушояндтарин буҳури арӯз, ки ғазалҳои мансуб ба Ансорӣ дар онҳо сароида шудаанд, баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал мебошанд. Аз шумораи чиҳилу панҷ ғазале, ки маълум кардем, сивуду ададӣ он дар баҳри рамал, панҷ адад дар баҳри ҳазаҷ, панҷ адад дар баҳри музореъ ва якададӣ дар баҳрҳои раҷаз, хафиф ва муҷтас суруда шудаанд.

**Баҳри рамал**. Аксари ғазалиёти мансуб ба Пири Ҳирот дар ҳамин баҳр суруда шудаанд. Урватулло Тоиров дар хусуси вежагиҳои баҳри мазкур чунин менависад: «Баҳри мазкур аз серистеъмолтарин баҳрҳои арӯзӣ буда, аз омезиши рукни солим ва зиҳофҳои он дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъу мусанно 62 навъи он сохта мешавад» [Тоиров 2005, с. 91].Ҳамин андешаро

муҳақиқони дигар, аз ҷумла, Мисбоҳиддини Нарзиқул тарафдорӣ карда, рамал ва авзони онро аз серистеъмолтарин авзони шеърмедонад [Нарзиқул 2021, с. 51]. Муҳимтарин хусусияти баҳри мазкур дар он аст, ки шеърҳои дар ин баҳр сурудашуда бошитобу босуръат хонда мешаванд. Ғазалиёти мансуб ба Хоҷа низ шеърҳое ҳастанд, ки оҳанги хитобу даъватро доранд. Аз ин рӯ, ин гуна ашъор ҳамеша бошитобу босуръат хонда мешаванд. Бештари ғазалҳои мансуб ба баҳри рамал дар вазни рамали мусаммани маҳзуф суруда шудаанд:

Молу ҷоҳу ҷону тан дар роҳи имон кун фидо,

Нури имон чун шавад ҳосил, ҳаме бас мар туро.

[Мавлоӣ 1377, с. 719]

–V – – / – V – – / –V– – / –V–

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

Ё ин ки:

Шабравон мастанд шому субҳидам махмури шаб,

Шабравонро дил харобу ҷон бувад маъмури шаб.

[Мавлоӣ 1377, с. 721].

–V – – / – V – – / –V– – / –V–

фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

Дар вазни рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

Арш бо лавҳу қалам манзили дарвешон аст,

Дар дили кавну макон кул(л) дили дарвешон аст.

[Мавлоӣ 1377, с. 724].

–V – – / V V – – / –V– – / – ~

фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълон

Дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф:

Эй қиёси умри ту бар сони бод,

Ҳар замоне қутти ту аз хони бод [Мавлоӣ 1377, с. 725].

–V – – / – V – – / –V–

фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

Рамали мусаммани солим:

Ин чӣ сел аст, ин чӣ вел аст, ин чӣ тӯфон асту дуд,

Ин чӣ меҳр аст, ин чӣ қаҳр аст, аҳли гетиро чӣ буд!? [Мавлоӣ 1377, с. 728-729].

**Баҳри ҳазаҷ**. Хаҷаз аз баҳрҳое мебошад, ки дар арӯзи тоҷикӣ корбурди зиёд дорад ва онро муҳаққиқон аз серистеъмолтарин буҳури арӯзи тоҷикӣ номидаанд. Шеърҳои дар ин баҳр сурудашуда хеле хушоянду фараҳбахшанд [Тоиров 2005, с. 83; Нарзиқул 2021, с. 45]. Авзони баҳри ҳазаҷ дар панҷ навбат дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа ба кор гирифта шудааст. Панҷ ғазал аз ғазалиёти Хоҷа дар ҳамин баҳр суруда шудаанд. Аз ин ки миқдори ғазалиёти ин баҳр камтар аст, зарур донистем, ки матлаъи ҳар як аз ин ғазалиётро бо тақтеъ дар зер оварем.

Дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ:

Эй дил ту худобин шав, то зинда шавӣ бо мо,

Чун шамъ шавӣ рӯшан, тобанда шавӣ бо мо [Мавлоӣ 1377, с. 720].

– – V / V – – – / – – V / V – – ~

мафъӯлу / мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъӣлон

Дарвазниҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Дило, дар кори ман мекун назарҳо,

Ки дар роҳи ту мебинам хатарҳо.

V – – – / V – – – / V – –

мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун

Дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим:

Хуш он соат, ки дар хилват бувад дидори дарвешон,

Зи ёди Ҳақ шавад хуррам хуҷаста кори дарвешон.

[Мавлоӣ 1377, с. 733].

Дар вазни ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Шаб чист? Чароғи ҷовидонӣ,

Ё шуълаи шамъи ҷовидонӣ [Мавлоӣ 1377, с. 737].

– – V / V – V – / V – –

мафъӯлу / мафоъилун / фаъӯлун

**Баҳри музореъ**. Музореъ аз баҳрҳои фаръии арӯзи тоҷикӣ буда, панҷ ғазал аз ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҳамин баҳр сароида шудаанд: «Музореъ дар луғат ба маънии монанд ва мушобеҳ аст. Барои он чунин номидаанд, ки ба баҳрҳои ҳазаҷ ва мунсареҳ аз ҷиҳати баробар омадани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ монандӣ дорад» [Нарзиқул 2021, с. 63]. Ваҷҳи тасмияи баҳри музореъро Урватулло Тоиров чунин шарҳ медиҳад: «Ин баҳрро барои он музореъ меноманд, ки ба баҳри мунсареҳ шабоҳат дорад, яъне рукнҳои дуюми ин ҳарду баҳр дорои ватади мақрун (– V) мебошанд» [Тоиров 2005, с. 111]. Намунаҳо аз аркони ин баҳр дар ғазалиёти Абдуллоҳи Ансорӣ.

Дар баҳри музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй баста ҳамчу завҷа ту бар сар асобҳо,
Аз илму ҳилму ҳикмату сирри давобҳо [Мавлоӣ 1377, с. 720].
– – V / – V – V / V – – V / – V –
мафъӯлу / фоъилотӯ / мафоъӣлу / фоъилун

Дар баҳри музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй толибе, ки даъвии ишқи Худо кунӣ,
Дар ғайри ӯ назар ба муҳаббат чаро кунӣ? [Мавлоӣ 1377, с. 737].
– – V / – V – V / V – – V / – V –
мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун

Аз панҷ ғазали дар ин баҳр сурудашуда ҳамааш дар баҳри музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф рост меоянд.

**Баҳри раҷаз**. Раҷаз дар луғат маънии изтироб, суръат ва шитобро дорад. Шеърҳое, ки дар авзони гуногуни он навишта мешаванд, оҳанги изтиробу шӯру ҳаяҷон ва шитобро доранд[Нарзиқул 2021, с. 54;Тоиров 2005, с. 95]. Аз ғазалиёти Хоҷа танҳо як ғазал дар ин баҳр суруда шудааст ва ҳамонгуна ки талаботи баҳр аст, оҳанги шитобу изтиробро доро мебошад. Ғазали зерин дар баҳри раҷази мусаммани солим аст:

Инак қиёмат мерасад, ман бо ту баргӯям хабар,
Ҳар рӯз умрат кам шавад, ҷурму гуноҳат бештар.
[Мавлоӣ 1377, с. 730].

– – V – / – – V – / – – V – / – – V –

мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун

**Баҳри муҷтас**. Маънии луғавии муҷтас аз бех баркандан аст. Ин баҳрро аз он сабаб маҷтас гӯянд, ки шакли мусаддаси онро аз рукнҳои солими баҳри хафиф баркандаанд. Як ғазал аз ғазалиёти Ансорӣ дар ҳамин баҳр (муҷтаси мусаммани махбуни аслам) суруда шудааст:

Дило, ба ишқу муҳаббат нахуст илоҳӣ шав,

Пас он гаҳон пайи асрори субҳгоҳӣ шав [Мавлоӣ 1377, с. 734].

V – V – / V V – – / V – V – / – –

мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълун

Авзони гуногуни баҳрҳои арӯзӣ барои тамоми анвои жанрҳои шеърӣ як навъ ба қолаб даромадаанд ва шоирон ихтиёр доранд, ки дар дилхоҳ аз авзони баҳрҳои мавҷуд шеър бигӯянд. Аммо ин амр дар ростои рубоӣ истисност, зеро рубоӣ метавонад дар шаҷараҳои дувоздаҳгонаи ахрабу ахрами баҳри ҳазаҷ сароида шавад. Ба ибораи дигар, рубоӣ истиқлоли вазнӣ дорад ва онро то имрӯз нигаҳ доштааст.

Рубоӣ ҳарчанд лафзи арабӣ аст, аммо ихтирои шуарои форсигӯст. Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» менависад: «Ва гӯянд сабаби истихроҷи ин вазн он буда, ки рӯзе аз айёми аъёд яке аз мутақаддимони шуарои аҷам ва пиндорам Рӯдакӣ, бар сабили тамошо дар баъзе аз мутаназзеҳоти Ғазнин мегашт. Тоифае аз аҳли табъро дид, гирди маълаба ҷамъе кӯдакон истода ва дида ба назораи гузбозии кӯдаке ниҳода, мардум дар ҷамолу камолаш ҳайрон монда ва ӯ ба лутфи табъ дар гузбозӣ асҷои мутавозину мутавозӣ мегуфт. Гирдаконе чанд аз каф ба гӯй меандохт, то якбора дар андохтан гирдаконе аз гӯ берун афтод ва ба қаҳқаре  ҳам ба ҷойгоҳи боз ғалтид. Кӯдак аз сардкории табъ ва сафои қареҳат гуфт: «Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то буни гӯ». Шоирро ин калимот вазне мақбул ва назме матбуъ омад. Ба қавонини арӯз муроҷиат кард ва онро аз муфтареоти баҳри ҳазаҷ берун овард ва ба воситаи он кӯдак ба ин шеър шуъур ёфт ва дар назм ҳар қитъа ба ду байт иқтисор кард, байте мусарраъ ва байте муқаффо» [Розӣ 1314, с. 83].

То имрӯз ягон жанри дигари шеърӣ натавонистааст, ки вазни рубоиро комилан тасарруф кунад. Шеърҳое низ дар вазни рубоӣ суруда шудаанд, вале дар ҳудуди хеле кам мебошанд. Адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор перомуни дар вазни рубоиӣ суруда шудани анвои дигари шеърӣ чунин менависад: «Кӯшиши ба жанрҳои дигари назм татбиқ намудани вазни рубоӣ, асосан, дар асрҳои XI-XII ба назар мерасад ва дар асрҳои минбаъда ашъоре, ки бо вазни рубоӣ гуфта шудааст, боз ҳам камтар мушоҳида мешавад...» [Абдусаттор 2017, с. 16].

Перомуни мухтасоти вазни рубоӣ Мисбоҳиддин Нарзиқул чунин менависад: «Суратҳои 24-гонаи вазни рубоӣ, ки онро Хоҷа Имом Ҳасани Қаттони Марвазӣ ном донишманди хуросонӣ дар шаҷараҳои мазбур ҷамъ овардааст, дар китобҳои арӯзии қадим зикр гардидаанд. Вале дар он миён фақат як вазн**:** мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъал (– – V/ V – – V/ V – – V/ V –) вазни аслӣ буда, авзони тақтеъии дигар бо истифода аз ду ихтиёри шоирӣ: таскин ва қалб ба вазни аслӣ табдил мешаванд» [Нарзиқул 2021, с. 77].

Ихтиёроти шоирии таскин ва қалб, мувофиқи таъйиди муҳаққиқи мазкур, чунин аст: «Овардани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ, ки онро «қоидаи табдил» ҳам мегӯянд... Ба қоидаи табдил дар истилоҳ «таскин» ҳам мегӯянд ва он ҷуз дар рукни аввал боқӣ дар ҳама рукнҳо истифода шуданаш мумкин аст... Овардани фаъал (V –) ба ҷойи фаълу (– V) ва баръакс. Ин амалро дар истилоҳ «қалб» мегӯянд, ки мурод аз он тағйири ҷойи ҳиҷоҳо мебошад» [Нарзиқул 2021, с. 32-33]. Он чи перомуни чигунагии авзони рубоӣ аз ҷониби донишмандони мазкур ироа шудааст, бе ягон тардид, қобили қабул аст.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз гӯяндагони давраи аввали рубоисарой аст ва аз ҷиҳати вазн рубоиёташ хеле равону беайб мебошанд. Дар миёни авзони 24-гонаи рубоӣ бисёре аз рубоиёти Хоҷа (ҳудуди 63 рубоӣ) дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлун / фаъ; – – V / V –V– / V – – – / –) суруда шудаанд. Дар радабандии авзони серкорбурдтарини рубоӣ дар адабиёт вазни мазкур яке аз авзони асоситарин буда, рубоиёти дар ин вазн сурудашуда хеле равону сабук мебошанд. Яъне зиёд

будани ҳиҷоҳои дароз дар рубоӣ, ки вазни сақил мегӯянд, боиси равонию хушояндии бештари он мегардад. Бисёре аз шоирони машҳури рубоисаро дар вазни мазкур рубоиёти мутааддад сурудаанд. Мисол аз рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар мисроъи сеюми он вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар аст:

Эй карда ғамат ғорати ҳуши дили мо,
Дарди ту шуда хонафурӯши дили мо.
Сирре, ки муқаррабон аз он маҳруманд,
Ишқи ту фурӯ гуфт ба гӯши дили мо [Мудаббирӣ 1341, с. 12].

Сурати тақтеии ин рубоӣ чунин аст:

– – V / V – – V / V – – V / V –
– – V / V – – V / V – – V / V –
– – V / V – V –/ V – – – / –
– – V / V – – V / V – – V / V –

Зимнан, дар мисраи мавриди назар, дар мисоли рукни дуюму сеюм ихтиёроти шоирии қалб ва таскин истифода шудаанд.

Ё ҷойи дигар:

Ё Раб, чӣ шавад, агар маро гирӣ даст,
К-аз бори гунаҳ шуд тани мискинам паст.
Гар дар амалам он чи туро шояд, нест,
Андар карамат он чи маро бояд, ҳаст [Мудаббирӣ 1341, с. 15].

Дар зер аз ашъори интисобӣ намунаи рубоиётро аз шоирони дигар меорем, ки дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар суруда шудаанд.

Аз Абусаъиди Абулхайр:

Аз зуҳд агар мадад диҳӣ имонро,
Муртоз кунӣ ба тарки дунё ҷонро.
Тарки дунё, на зуҳди дунё, зеро-к
Наздики хирад зуҳд нахонанд онро [Наққош 2023, с. 37].

Аз Аттори Нишопурӣ:

Эй бандагии Ту, подшоҳӣ кардан,

Корат ҳама инъоми илоҳӣ кардан.

Ман дар ғафлат умр ба поён бурдам,

Ман ин кардам, то Ту чӣ хоҳӣ кардан [Наққош 2023, с. 195].

Аз Бобо Афзали Кошонӣ:

Эй зоти ту маҳмуду Муҳаммад номат

В-эй аҳли ду кавн бандаи инъомат,

Ҳаргиз начашад зи ҷуръаи ҷоми фано,

Ҳар ҷом, ки чашида қатрае аз ҷомат [Наққош 2023, с. 485].

Дувумин вазни серкорбурд дар рубоиёти Ансорӣ ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб (мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъал; – –V / V —V / V – – V / V –) аст, ки ҳудуди 41 рубоӣ дар ҳамин вазн суруда шудааст:

Дар Каъба агар дил сӯйи ғайр аст туро,

Тоат гунаҳ асту Каъба дайр аст туро.

Гар дил ба Ҳақ асту сокини буткадаӣ,

Хуш бош, ки оқибат ба хайр аст туро [Мудаббирӣ 1341, с.11].

Дар мавриди дигар:

Гарбоди сабо бар сар зулфат гузарад,

Аз боди сабо ошиқи ту рашк барад.

В-ар ҳеҷ касе зи халқ дар тунигарад,

Бар худ дили ман ҷомаи ҳастӣ бидарад [Мавлоӣ 1377, с. 733].

Дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ин вазн аз авзони ғолиб аст. Дар вазни мазкур на танҳо Хоҷа, балки бузургтарин рубоисароёни адабиёти асримиёнагӣ, ба монанди Абусаъиди Абулхайр, Бобо Афзали Кошонӣ, Авҳадии Кирмонӣ, Умари Хайём ва дигарон рубоӣ сароидаанд.

Вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб аз ҷиҳати миқдори корбурд дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ҳудуди 32 рубоии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҳамин вазн суруда шудааст. Ин вазн низ аз ҷумлаи авзонест, ки ба таври зиёд дар рубоисароӣ корбурд дорад:

Хоҳӣ, ки сухан зи ҷони огаҳ шунавӣ,

В-асрори дарунии шаҳаншаҳ шунавӣ,

Гум гард зи хеш, то ту аз ҳастии хеш,

Бе худ ҳамагӣ «Иннӣ ана-л-Лоҳ» шунавӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 62].

Мисоли дигар:

Эй он ки ба мулки хеш поянда Туӣ,

Дар домани шаб субҳи намоянда Туӣ?

Кори мани бечора қавӣ баста шудаст,

Бигшой, Худоё, ки гушоянда Туӣ! [Мудаббирӣ 1341, с. 63]

Дар маҷмуъ, тамоми авзони рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро вобаста ба миқдори корбурди онҳо чунин метавон тасниф кард:

Ҷадвали 1

| № | Вазн | Басомад |
|---|---|---|
| 1 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар | 63 рубоӣ |
| 2 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб | 42 рубоӣ |
| 3 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб | 32 рубоӣ |
| 4 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар | 23 рубоӣ |
| 5 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам | 13 рубоӣ |
| 6 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам | 8 рубоӣ |
| 7 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби абтар | 8 рубоӣ |
| 8 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал(л) | 7 рубоӣ |
| 9 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби азал(л) | 4 рубоӣ |
| 10 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи абтар | 4 рубоӣ |
| 11 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи азал | 3 рубоӣ |
| 12 | Ҳазаҷи мусаммани ахрами макфуфи маҷбуб | 3 рубоӣ |
| 13 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи аҳтам | 2 рубоӣ |
| 14 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи маҷбуб | 2 рубоӣ |
| 15 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақбузи азал(л) | 1 рубоӣ |
| 16 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақбузи абтар | 1 рубоӣ |
| 17 | Ҳазаҷи мусаммани ахрами абтар | 1 рубоӣ |
| 18 | Ҳазаҷи мусаммани ахрами мақбузи макфуфи маҷбуб | 1 рубоӣ |
| 19 | Ҳазаҷи мусаммани ахраби маҷбуб | 1 рубоӣ |

Аз нишондоди ин ҷадвал бармеояд, ки рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз назари вазн дар хушоҳангтарин авзони арӯзи форсӣ суруда шудаанд. Дар миёни авзони бистучоргонаи рубоӣ вазнҳои ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар ва ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб бештар истифода шудаанд.

Дар маҷмуъ, ғазалиёт ва рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар машҳуртарин авзони баҳрҳои арӯзи форсӣ суруда шудаанд. Ҳамонгуна ки дар бахшбандии буҳури арӯз дар ғазалиёт дидем, аксари онҳо дар баҳри рамал, ҳазаҷ ва музореъ суруда шудаанд. Аммо аз ҷиҳати вазн рубоӣ аз дигар шаклҳои шеърӣ фарқ дорад. Рубоиёти дар авзони беҳтарини базри ҳазаҷ суруда шуда, агар ҳамаи онҳоро дар қолаби вазни аслии рубоӣ санҷем, шоҳиди таносуби пурра хоҳем буд.

Қитъаҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дар шаш вазни баҳрҳои ҳазаҷии арӯз эҷод шудаанд. Аз ҳашт қитъа, ки баъзеи онро қитъа метавон гуфт ва базеи дигар аз дохили ғазал гирифта шудаанд, ду қитъа дар баҳри ҳазаҷ (ҳазаҷи мусаддаси мақсур; ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф), як қитъа дар баҳри рамал (рамали мусаммани маҳзуф), ду қитъа дар баҳри музореъ (музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф), як қитъа дар баҳри мутақориб (мутақорибим мусаммани маҳзуф), як қитъа дар баҳри хафиф (хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ) суруда шудаанд.

Як қитъа аз ҷиҳати вазн лағзиш дорад:

Манмову машнавон амали хешро
Зеро амал нуҳуфта зи ҳар чашму гӯш беҳ,
З-он тоате, ки баҳри фиреби халоиқ аст
Овози чангу машғалаи нӯш беҳ [Мавлоӣ 1377, с. 478].

Сурати тақтеъии ин қитъа чунин аст:

– – v / – v – v / v – – v / –
– – v / – v – v / v – – v / – v –
– – v / – v – v / v – – v / – v –

– – v / – v – v / v – – v / –

Чунончи мушоҳида мешавад, дар мисраи аввал ва чаҳорум дуҳиҷоӣ (як ҳиҷои дароз ва як кӯтоҳ) намерасад. Агар мо ин мисраъҳоро ба таври зерин оварем, баҳри музореи мусаммани макфуфи махбуни маҳзуф ҳосил мешавад:

Манмову машнавон амали хешро ба кас,

Зеро амал нуҳуфта зи ҳар чашму гӯш беҳ.

З-он тоате, ки баҳри фиреби халоиқ аст,

Овоз чангу машғалаву бонги нӯш беҳ.

Муфрадот ва мисроъҳо низ аз назари вазн камбуд надоранд ва ҳамчунин, дар авзони гуногуни баҳрҳои арӯзӣ суруда шудаанд. Маснавиҳо танҳо дар ду баҳри арӯз суруда шудаанд. Ҳафт маснавӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф ва панҷтои дигар дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф, ки аз авзони маъмули маснавиҳои адабиёти мо ҳастанд.

## 3.3. Қофия ва радиф

Қофия. Қофия дар адабиёти классикии форсӣ аз воситаҳои муҳимми шакли шеър мебошад ва асоситарин хусусияти фарққунандаи шеър ё назм аз наср маҳз қофия мебошад. Аксари адабиётшиносони гузашта сухани беқофияро шеър наҳисобидаанд, агарчи манзум бошад [Розӣ 1991, с. 117]. Ҳамон гуна ки маълум аст, шакли қофиябандии ғазал аа, ба, ва.. мебошад. Дар ғазалҳои мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ анъанаи қофиябандии шеъри классикӣ риоя шудааст, аммо аксари онҳоро қофияи ноқис метавон арзёбӣ кард, ки дар поин ба ин масъала хоҳем пардохт. Албатта, қофия дар шеър ҳатман як навъе пайванд ба мазмуни он дорад. Ҳама ғазалҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дорои мазоимини динию ирфонианд ва дар қофияҳо низ такаллуфот дида намешаванд.

Вобаста ба мавқеи ҳарфи равӣ ва иштироки дигар ҳарфҳо, қофияро ба ду навъ ҷудо кардаанд: қофияи мутлақ ва қофияи муқайяд [Тоиров 2005, с. 301]. Қофияи мутлақ ё комил қофияест, ки ҳарфи равӣ бо васл пайванд аст, яъне пас аз ҳарфи равӣ ҳуруфи дигари қофия: васл, хуруҷ, мазид ва ноира меоянд. Қофияи муқайяд (басташуда) бошад, баракси қофияи мутлақ аст, яъне баъд аз ҳарфи равӣ ҳуруфи дигар намеояд.

Аз баррасии ғазалиёт маълум гардид, ки 30 ғазал (63,3%) ба қофияи муқайяд (яъне, бо ҳарфи равӣ ба охир расидаанд) ва 15 ғазал (33,3%) ба қофияи мутлақ (яъне, пас аз ҳарфи равӣ боз ҳарфҳои дигари қофия омадаанд) суруда шудаанд. Намуна бо қофияи муқайяд:

Эй толибе, ки даъвии ишқи Худо кунӣ,
Дар ғайби Ӯ назар ба муҳаббат чаро кунӣ? [Мавлоӣ 1377, с. 737].

Дигар:

Хуш он соат, ки дар хилват бувад дидори дарвешон,
Зи ёди Ҳақ шавад хуррам хуҷаста кори давешон.

[Мавлоӣ 1377, с. 737].

Намуна бо қофияи мутлақ:

Эй гирифта такягоҳӣ суфраи тадрисро,

Гар ҳамехоҳӣ ту ҷоҳу зиннати Идрисро [Мавлоӣ 1377, с. 719].

Дигар:

Ҳар киро аз нури имон ҳосил аст анворҳо,

Шуд забонаш булбуле дар гулбуни асрорҳо [Мавлоӣ 1377, с. 720].

Дар таркиби калимаҳои қофия тақрибан ҳамаи ҳуруфи қофия дида мешаванд. Баъзан айб ё нуқс дар қофияҳо мавҷуд аст, ки аз устодона суруда нашудани ғазалҳо дарак медиҳанд. Масалан ба айби қофияи мазкур менигарем:

Агар дар зулматӣ, инак сироҷат,

Ҳисоб имрӯз кун, фардо чӣ ҳоҷат.

Дар ғазали мазкур калимаҳои қофия «сироҷат» ва «ҳоҷат» мебошанд, вале решаи калимаҳои қофия «сироҷ» ва «ҳоҷат» аст. Дар калимаи қофияи аввал ба таркиби решаи қофия бандакҷонишини -ат ҳамроҳ шудааст. Аз он ҷо ки ҳарфи равӣ ҳарфи охирини решаи калимаи қофия мебошад, бояд дар тамоми калимаҳои қофия дар ягонагии равӣ мувофиқат кунанд, аммо дар ғазали боло ин қоида риоят нашудааст. Айби қофия аз навъи итои хаффӣ аст.Ин ҳодиса дар адабиёт дида мешавад, аммо чунин ғазалҳо аз салосату балоғат то ҷое дуранд ва дар ашъори ғазалсароёни машҳур дида намешавад. Ҳамин камбудро метавон аз далелҳои дигар дар ростои ғазалсаро набудани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва ё боқӣ намондани ғазалиёти ӯ истифода кард.

Дигар аз айбҳои қофия ақво (иқво) мебошад, ки дар ғазалҳои мансуб ба Хоҷа зиёд дида мешаванд. Ақво дар қофия онро гӯянд, ки шоир дар шеъри худ қофияҳоеро биёрад, ки садонокҳои кӯтоҳи пеш аз равӣ, қайд ё дахил якхела набошанд [Тоиров 2005, с. 317]. Ин навъи қофияро қофияи ноқис ва айби онро ақво гӯянд. Масалан:

Эй дил, ту худобин шав, то зинда шавӣ бо мо,

Чун шамъ шавӣ рӯшан, тобанда шавӣ бо мо.

[Мавлоӣ 1377, с. 720].

Дар байти боло калимаҳои «зинда» ва «тобанда» қофия буда, ҳарфи «ҳ»-и ҳаваз равӣ, ҳарфи «н» дахил ва ҳарфи «д» қайд аст. Ду ҳаракати мутафовити калимаҳои қофия, яъне «и» дар зинда ва «а» дар тобанда ҳазв мебошанд.

Дигар аз уюби қофия иқво мебошад, ки ҳодисаи мазкур низ дар ғазалҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дида мешавад. Иқво ҳодисаи табдили ҳарфи равӣ дигарро гӯянд. Масалан:

Моро дилест гавҳари дарёи нимашаб,

Гавҳарфишон меҳнати ғамҳои нимашаб [Мавлоӣ 1377, с. 723].

Дар байти боло калимаҳои «дарё» ва «ғамҳо» қофия шудаанд, ки ҳарфи «алиф» аз дарё ва ҳарфи «алиф» ғамҳо равӣ мебошанд. Ин айбро дар урфи қофиясанҷи итои ҷалӣ номидаанд, ки дар ҳарфи равӣ ҳамгун набудани ҳарфи охири решагии калимаҳои қофия мебошад.

Яке аз шурути хушоянд омадани қофия ва дар умум шеър, маҳз мувофиқати ҳарфҳои қофия мебошад, ки дар ғазалҳои мансуб ба Хоҷа кам дида мешаванд. Дар ҳамин ғазал қофияҳое, чун гадо, хабарҳо, сақо, тамошо, по, дурҳо, дарҳо ва ғ. истифода шудаанд, ки салису хуб набуда, инҳоро ҳамчун қофияҳои ноқис метавон ном бурд. Аммо айбҳое дар қофия, ба монанди мунқиз, синод, тазмин ва тахлеъро наметавон вохӯрд.

Яке аз асоситарин лавозимоти шеър муқаффо, яъне қофиядор будани он аст. Ҳамон гуна ки адабпажуҳони пешин қайд кардаанд, «сухани беқофияро шеър нашмаранд, агарчи манзум афтад» [Розӣ 1314, с. 147]. Рубоӣ низ ҳамчун гунае аз шеър аз ин мухтасот орӣ нест. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сурудани рубоиёти худ ҳамин қоидаи маълумро риоят кардааст. Қофияҳои истифодакардаи Ансорӣ сода ва хушояндананд, Пири Ҳирот дар сурудани онҳо такаллуф зоҳир накардааст.  Шакли қофиябандии рубоӣ ба ду навъ аст: вааба ва аааа. Аксари рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба тарзи қофиябандии аа ба (180 адад) ва 37 рубои дигар ба тарзи қофиябандии аа аа мебошанд. Аз ҷиҳати анвоъи қофия вобаста ба мавқеи ҳарфи равӣ ва иштироки дигар ҳуруфи қофия аз шумораи умумии 217 рубоӣ  149 рубоӣ бо қофия муқайяд ва 68 рубоӣ бо қофия мутлақ омадаанд:

Бо қофияи муқайяд:

Эй карда ғамат ғорати ҳуши дили мо,
Дарди ту шуда хонафурӯши дили мо.
Сирре, ки муқаррабон аз он маҳруманд,
Ишқи ту фурӯ гуфт ба гӯши дили ман [Мудаббирӣ 1341, с. 12].

Бо қофияи мутлақ:

То шамъсифат муҷаррадӣ нагзинӣ,
Дар суффаи ҷамъи авлиё наншинӣ.
Ӯ низ дар он зулмати шаб нур надод,
То тарк накард суҳбати ширинӣ [Мудаббирӣ 1341, с. 61].

Қофияҳои истифодашуда дар рубоиёти шоир аз айб орӣ нестанд. Дар ҳаждаҳ рубоии Хоҷа уюби гуногуни қофия дида мешавад (рубоиҳои шумораи 15, 25, 26, 37, 100, 108,110, 113, 129, 133, 142, 178, 200, 205 ва 209). Ин айбҳо иборатанд аз ақво, икфо, ито, муноқиз ва синод. Ҳатто рубоиёте низ вуҷуд доранд, ки калимаҳои қофия дар он тамоман ба ҳам мувофиқ нестанд:

Он кас, ки ҷамоли ишқ диду нашнохт,
Маъшуқа нишон карду ишқаш нашнохт,
Чун ӯ ҳамагӣ дид, ки боист шинохт,
Маъшуқаву дуни ишқ дар ишқ шинохт [Мудаббирӣ 1341, с. 13].

Дар рубоии фавқ на танҳо қофия, балки радиф низ нуқс дорад. Бо вуҷуди ин, танҳо чизе, ки як навъ мусиқӣ ва равонии шеърро нигоҳ доштааст, ҳамоно радифи он мебошад.

Аз кулли уюби қофия, ки дар рубоиёти Хоҷа мавҷуданд, ито зиёд аст ва он аз айбҳои қофия аст, ки шоир як қофияро дар мисраъҳои баъдина истифода барад (Каломи манзум, с. 319). Ин наъв аз уюби қавофӣ дар рубоиёти Хоҷа низ дида мешавад:

Чашме дорам ҳама пур аз сурати Дӯст,
Бо дида маро хуш аст, то Дӯст дар ӯст.
Аз дидаву дӯст фарқ кардан на накӯст,
Ё ӯст ба ҷойи дида, ё дида худ Ӯст [Мудаббирӣ 1341, с. 14].

Дар рубоии болозикр калимаҳои «дӯст» , «накӯст» ва «ӯст» қофия шудаанд. Вожаи «ӯст» дар мисраи дувум ва чорум ҳамчун қофия такрор шудааст. Аммо устодона истифода шудани ин вожаҳо ин айбро мепӯшад. Танҳо аз назари талаботи ито, ки такрори қофия аст, онро метавон айби қофия гуфт, вагарна аз назари истифодаи ҳунарӣ ҳеч камбуд надорад.

Чизи дигаре ки метавон дар мавриди қофияҳои рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ гуфт, бадеиёти қофияҳо аст, ки онҳоро дар истилоҳ «қофияи бадеӣ» мегӯянд. Дар рубоии фавқ вожаҳои «ӯст» ва «Ӯст» ҳарчанд аз нигоҳи талаботи қофия аз уюби қофия ба ҳисоб раванд, вале дар айни замон қофияи бадеӣ низ метавон гуфт. Зеро дар ин қофияҳо санъати таҷнис истифода шудааст, ки аз шурути муҳимми қофияи бадеӣ мазҳ истифодаи санъатҳои бадеӣ дар қофия мебошад [Шамисо 1378, с. 99].

**Радиф**. Радиф низ аз қисматҳои муҳимми шеър арзёбӣ мешавад. Маънои луғавии радиф паҳлуи ҳам ва ё паси ҳам воқеъ шудани ду ва зиёда чиз ё кас мебошад [Тоиров 2005, с. 352]. Дар истилоҳ калима ва ибораеро гӯянд, ки маъмулан баъд аз қофия аз аввал то охири шеър такрор шавад. Масалан:

Арш бо лавҳу қалам манзили дарвешон аст,
Дар дили кавну макон кул дили дарвешон аст.
Қуввати панҷ ҳавосу додаш ҳафту чаҳор,
Ҷунбиши арзу само қуввати дарвешон аст [Мавлоӣ 1377, с. 724].

Дар ду байти боло ибораҳои «дарвешон аст» радиф мебошанд. Ҳарчанд радиф лафзи адабӣ аст, аммо он зиёдтар ба шеъри форсӣ махсус аст. Аҳмад Муҳсинӣ дар ин хусус чунин менависад: «Ин унсури шеър фақат номи худро аз забони арабӣ гирифтааст, аммо ранги адаби арабро бо худ надорад...» [Муҳсинӣ 1382, с. 23].

Дар ғазалҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ аз анвои радиф истифодаи зиёд шудааст. Аз шумораи умумии 45 ғазали мансуба 19-тои он радиф дорад. Радифи ғазалҳо, асосан, яккалимагӣ (шаб, нимашаб, мекунад, бош, азал, занем, давешон), дукалимагӣ (дарвешон аст) ва секалимагӣ (шавӣ бо мо) иборатанд. Аммо аксари радифҳо аз як калима иборатанд:

Эй зи сирри роҳи ту ҳаргиз касе огоҳ не

В-эй ба ҷуз ғам солики роҳи туро ҳамроҳ не.

[Мавлоӣ 1377, с. 737].

Ё ин ки:

Хез ёро, хез, то дар нестӣ як дам занем,

Оташ андар хирмани оли банӣ Одам занем [Мавлоӣ 1377, с. 733].

Намунаи радифи дукалимагӣ:

Арш бо лавҳу қалам манзили дарвешон аст,

Дар дили кавну макон кул дили дарвешон аст.

[Мавлоӣ 1377, с. 724].

Намунаи радифи се калимагӣ:

Эй дил ту худобин шав, то зинда шавӣ бо мо,

Чун шамъ шавӣ равшан, тобанда шавӣ бо мо.

[Мавлоӣ 1377, с. 720].

Радиф ҳамеша дар шеър мояи тазйин ва салосати он аст ва дар ғазалҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ низ ҳамин вазифаи худро иҷро кардааст. Метавон гуфт, ки дар ин ғазалҳо танҳо радиф аз бахшҳои бенақс мебошад. Дар мураддафоти Ансорӣ аксар калимаҳои «шаб», «нимашаб», «шабравон», «дарвеш» ва «дарвешон» истифода шудаанд. Ғазалҳое, ки дорои ҳамин гуна радифҳо ҳастанд, мазмун ва мавзуъҳои ба ҳам наздикро дар бар мегиранд.

Радиф низ ҷузъе аз лавозими шеър аст, аммо мисли қофия ҳузури он дар шеър илзомӣ нест. Радиф дар ашъори боқимондаи пешазисломӣ низ дида мешавад. Парвиз Нотили Хонларӣ намунае аз назми пешазисломиро меорад, ки дар он гунаи содае аз радиф дида мешавад:

Дорум андарзе аз доногон,

Аз гуфти пешинигон.

Ӯ шумоҳ бе вирзорум,

Пад ростиҳ андар геҳон,

Агар ин аз ман пазиред,

Баред суде ду геҳон.

Пад гети вистох ам бед,

Вас орзуг андар геҳон...

Шодиҳе пад дил чӣ хандед,

Уд чӣ нозед гетиён.

Чанд мардумон дид ҳум,

Вас орзуг андар геҳон... [Хонларӣ 1345, с. 52].

Дар назми боло вожаи «геҳон» радиф мебошад. Ҳарчанд он мисли радифи шаклгирифтаи давраҳои баъдӣ нест, аммо вазифаи оҳангнокии радифро, ки мусиқии канории шеърро ташкил додан аст, ифо кардааст.

Дигар аз намунаи радиф дар шеъри зерин дида мешавад, ки аз аввалин ашъори порсӣ ба ҳисоб меравад:

Об асту набиз аст,

Асороти забиб аст,

Самия русабиб аст [Баҳор 2012, с. 207].

Аз он ҷо ки радиф низ бархоста аз шеъри форсӣ аст, аз ин рӯ, он ба рубоӣ алоқамандии собит дорад ва метавон гуфт, ки зиёда аз 60 дарсади ин жанри шеърӣ мураддаф аст. Ин андешаро муаллифи китоби «Радиф ва мусиқӣ дар шеър» Аҳмад Муҳсинӣ чунин менигорад: «Табиист, ки ин ду (рубоӣ ва радиф – И.О.) бо ҳам пайвастагии бештар дошта ва камтар рубоии муваффақ метавон ёфт, ки бидуни радиф бошад. Дар ҳамон рӯзгоре, ки шоирони сабки хуросонӣ радифро кам ба кор мебаранд ва ҳудуди 20% қасоидашон мураддаф аст, радиф дар рубоӣ басомади беш аз 60 % дорад» [Муҳсинӣ 1382, с. 181].

Аз шумораи умумии 217 рубоӣ, ки ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нисбат додаанд, 140 рубоии он дорои радиф мебошад. Аз ин шумора 122 адад радифи феълӣ, 15 адад радифи ҷонишинӣ ва 3 адад радифи исмӣ мебошад.

Яке аз асоситарин вазифаи радиф хушоҳанг кардани сатҳи канораи шеър аст, бино бар ин онро мусиқии канории шеър номидаанд. Радиф дар шеъри форсӣ гунаҳои зиёд дорад ва онҳоро метавон аз ҷиҳати ҳиҷоҳо, навъи дастурӣ, ҷойгоҳ ва корбурд бахшбандӣ кард. Дар шеъри форсӣ аз кӯтоҳтарин то тӯлонитарин радифҳо дида мешаванд. Аммо кӯтоҳию дарозии ҳуруф дар

хушоянд будани радиф аҳаммият надорад. Насируддини Тӯсӣ ба ҳамин маънӣ менависад: «Дар радиф миқдорро эътибор нест, чи агар тамоми мисраъ муштамил бар қофия ва радиф бошад, раво бувад ва чунонки дар касрат эътибор нест, дар қиллат ҳам эътибор нест» [Тӯсӣ 1992, с. 149].

Дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ низ радифҳои кӯтоҳу дароз дида мешавад. Радифҳои якҳиҷоие, ба мисли «мо», «аст», «буд», «деҳ», «нест», «рафт», «ман», «ту» зиёд дида мешаванд.

Мисолҳо барои радифи «аст»:

Дар ишқи ту хушдилӣ зи ман безор аст,
Рав шод нишин, ки бар муродат кор аст.
Ту куштани ман металабӣ, ин саҳл аст,
Ман васли ту меҷӯям, ки ин дшвор аст [Мудаббирӣ 1341, с. 15].

Бо радифи «ман»:

Чандон ноз аст зи ишқи ту дар сари ман,
То дар ғалатам, ки ошиқӣ ту бари ман.
Ё хайма занад висоли ту дар бари ман,
Ё дар сари кори ту шавад ин сари ман [Мудаббирӣ 1341, с. 52].

Тӯлонитарин радиф дар рубоиёти Хоҷа таркибҳои «мо бош матарс» ва «каси дигар нест» мебошанд. Радифҳои иборат аз ду вожа низ мутааддид аст:

Андар сафи дӯстони мо бош, матарс,
Хоки дари остони мо бош, матарс.
Гар ҷумла ҷаҳон қасд ба ҷони ту кунанд,
Фориғдил шав в-аз они мо бош, матарс [Мудаббирӣ 1341, с. 34].

Ва:

Моро сару савдои каси дигар нест,
Дар ишқи ту парвои каси дигар нест.
Ҷуз ту дигаре ҷой нагирад дар дил,
Дил ҷойи ту аст, ҷойи каси дигар нест [Мудаббирӣ 1341, с. 17].

Дигар аз вазифаҳои радиф рӯпӯш кардани айби қофия мебошад. Масалан, такрори қофия дар як рубоӣ аз уюби қофия аст. Дар истилоҳи адабӣ инро «ито»

гӯянд. Яъне, такрори қофияи аввал дар байт ё байтҳои баъдина. Масалан, дар рубоии зерини Абдуллоҳи Ансорӣ, ки калимаҳои қофия «бор» ва «дидор» аст, калимаи «бор» ҳам дар мисраи аввал ва ҳам дар мисраи чаҳорум ба такрор қофия шудааст. Аммо хушояндии радиф ва истифодаи он ин айбро бартараф кардааст:

Дар боргаҳат сагони раҳро бор аст,
Сагро бор асту сангро дидор аст.
Ман сангдилу сагсифат, аз раҳмати ту
Навмед наям, ки сангу сагро бор аст [Мудаббирӣ 1341, с. 15].

Илова бар ин, такрори қофияҳои ҳамгунро «қофияи бадеӣ» низ мегӯянд, ки дар сатрҳои боло перомуни он назари кӯтоҳе ироа кардем. Мувофиқат ва ҳамхонии қофия ва радиф омили дигар дар ғанӣ гардонидани мусиқии канории шеър аст, ки дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ин таносуб ба хубӣ эҳсос мешавад.

Чигунагии калимаҳои радиф ба эҳсосоти шоир низ алоқаманд аст. Дар шеъри суфия истифодаи радифҳое, ба монанди «Раббӣ», «ман», «ту», «туст», «деҳ», «туӣ» ва монанди инҳо изҳори хитобу талабу аҷзро дорад. Масалан, рубоии машҳури Хайём «Ибриқи майи маро шикастӣ, Раббӣ!» вазъи маҷзубии шоир ва як навъ хуруҷи ваҳдати вуҷудро ҷилва медиҳад, ки шоир ба истиғно ба Худо хитоб мекунад. Ҳамин гуна ҳолотро дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ низ метавон мушоҳида кард, аммо фарқ дар он аст, ки Хоҷа ҳамеша аз ҷойгоҳи бандагӣ ва таслим будан ба иродати Ӯ хитоб мекунад:

Ё ман ба миён расул бошам, ё ту,
Танҳо на ману ҷаҳон, ману танҳо ту.
Хуршед нахоҳам, ки барояд бо ту
Эй сирри мани соя набошад бо ту [Мудаббирӣ 1341, с. 52].

Ҳамин тавр, қофияву радиф дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ, бо таваҷҷуҳ ба унсурҳои сохторӣ, хеле хуб ва устодона истифода шудаанд. Истифодаи қофияву радиф дар рубоиёти Ансорӣ комилан мувофиқи

ҷаҳонбинӣ, афкор ва омоли худи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва ҳамчунин, ҷавобгӯ ба маъойири сабку услуби рубоиёти мутасаввифаи аввал мебошад.

Ба сурати куллӣ, қофияву радиф дар рубоиёти шоир, бо вуҷуди баъзе аз камбудҳо, хеле хуб ва устодона истифода шудаанд. Қофияву радиф дар рубоиёти Хоҷа мувофиқи ҷаҳонбинӣ, афкор ва омоли худи Хоҷа ва ҳамчунин, ҷавобгӯ ба меъёрҳои сабку услуби рубоиёти мутасаввифаи аввал истифода шудаанд.

Қофияву радиф дар рубоиёт, бо вуҷуди баъзе аз нуқсҳо, хеле хуб ва устодона истифода шудаанд. Истифодаи қофияву радиф дар рубоиёти Хоҷа комилан мувофиқи ҷаҳонбинӣ, афкор ва омоли худи Хоҷа ва ҳамчунин, ҷовогӯ ба меъёрҳои сабку услуби рубоиёти мутасаввифаи аввал мебошад. Аз баррасии рубоиёти мазкур мувофиқати ҷаҳонбиниву афкори Хоҷа бо мазомини мундариҷ дар ашъори мазкурро ба хубӣ метавон эҳсос кард. Хоҷа дар ин рубоиёт то ҳадде аз даричаи ислом ва хосатан шариат нигаристааст ва ба масъалаҳое, ки инсонро ба шакку тардид мебарад, тамоман кордор нест. Ин равишро тақрибан дар тамоми рубоиёти асри ёздаҳ метавон дид ва тадриҷан дар охири асри ёздаҳ ба баъд нуктаҳои нозук ва масоили баҳсбарангез дар офаринишу ҳақиқати мутлақ дар мазомини шоирон пайдо шуданд.

## 3.4. Санъатҳои бадеӣ

Орояҳои адабӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба кор бурдани фунунест, ки риояти онҳо бар ҷилваҳо ва ҷанбаҳои зебоию ҳунарии сухан меафзояд. Саноеи адабӣ ба ду даста қисмат мешаванд: санъатҳои лафзӣ ва санъатҳои маъноӣ. Таърифҳои мутааддиде дар ростои саноеи адабӣ ироа шудаанд, аммо дар умум, ҳамаи онҳо ба як мафҳум ва вазоифи онҳо ишора мекунанд.

Муаллифони сарчашмаҳои асримиёнагӣ Муҳаммад ибни Умари Родиюнӣ, Насириддини Тусӣ, Низомии Арӯзӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ ва дигарон дар тавсифу таснифи санъатҳои бадеӣ асарҳо офаридаанд. Дар ин баҳс наметавонем аз таърифи додаи ҳар як аз донишмандони соҳа мисол занем. Танҳо ба гунаи хулоса таърифи санъатҳои адабиро аз китоби «Фунуни балоғат ва синооти адабӣ»-и Ҷалолиддини Ҳумоӣ меорем: «Умуреро, ки мӯҷиби зебоӣ ва ороиши сухани адабӣ мешавад, муҳассанот ва саноеъ ё санъатҳои бадеъ мегӯянд ва онро ба ду қисм – маънавӣ ва лафзӣ тақсим мекунанд» [Ҳумоӣ 1394, с. 49].

Шеърро бе перояҳои адабӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамон гуна ки Шамси Қайси Розӣ мегӯяд: «Барои шеър адавот ва барои шоир муқаддамот лозим аст, ки бе он ҳеч касро лақаби шоирӣ намезебад ва ба ҳеч шеър номи нек дуруст намеояд» [Розӣ 1991, с. 445].

Санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ корбурди гуногун доранд. Аз таҳлили ин ашъор чунин бармеояд, ки санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, тавсиф ва талмеҳ ва ирсоли масал нисбат ба дигар санъатҳои бадеӣ бештар истифода шудаанд. Ҳарчанд ғазалиёти мазкур дорои санъатҳои гуногуни бадеианд, орояҳои дигар ба гунае камобуранг мебошанд.

**Ташбеҳ**. Дар луғат маънии шабеҳ сохтан ё монанд карданро дорад. Дар истилоҳ барои равшантар ва барҷаста нишон додани сифати чизе ё касе онро ба ягон чизи дигар ва ё каси дигар монанд кардан аст. Ин санъат аз маъмултарин санооти адабӣ ба ҳисоб меравад ва аз серкорбурдтарин орояҳои адабӣ дар ғазал мебошад. Дар ғазалиёти мансуб ба Ансорӣ анвои зиёд аз

ташбеҳот бо басомади чашмгир дида мешавад, ки ҳамчун вежагии сабки баён шинохта мешавад. Мисол:

Эй дил, ту худобин шав, то зинда шавӣ бо мо,

Чун шамъ шавӣ равшан, тобанда шавӣ бо мо [Мавлоӣ 1377, с. 720].

Дар байти боло таъбири «чун шамъ шавӣ равшан» ташбеҳ мебошад, зеро дар он дилро ба шамъи рӯшан монанд кардааст. Ташбеҳи мазкур аз навъи ташбеҳоти мутлақ ё равшану сареҳ мебошад, зеро дар он ҳама рукнҳои ташбеҳ – ташбеҳкунанда (шамъ), ташбеҳшаванда (дил) ва адоти ташбеҳ (чун) дида мешавад. Ҳамчунин, авнои дигари ташбеҳ: ташбеҳи пӯшида, ташбеҳи баргашта ё тафзилӣ, ташбеҳи маъкус, ташбеҳи баробар ва ғайра дар ғазалиёти шоир дида мешавад.

**Тазодду муқобала**. Дар маънӣ ин ду вожа зиддият ва муқобили ҳам гузоштанро дорад ва дар истилоҳ он аст, ки шоир дар мисраъ ё байти худ калимаҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати маънӣ ба ҳамдигар зидданд. Ин санъат дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ хеле зиёд дида мешавад:

Гар ишқ шавад пайдо, сармаст шавӣ фардо,

Гирён чу шавад шайтон, дар ханда шавӣ бо мо.

[Мавлоӣ 1377, с. 720].

Ё ҷойи дигар:

Эй ки будӣ дар сағира рӯзгоре муътакиф

В-эй ки кардӣ дар кабира солҳо исрорҳо [Мавлоӣ 1377, с. 722].

Ин санъат аз воситаҳои муҳимми тасвири бадеӣ буда, ба шеър чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати маънӣ зебоӣ мебахшад.

**Талмеҳ**. Маънии луғавии талмеҳ дурпошӣ кардан аст, аммо иддае низ ба ин боваранд, ки он аз тамлеҳ ба маънии намак пошидан аст. Дар истилоҳ санъати бадеиеро гӯянд, ки шоир дар шеъри худ аз ҳодисоту вақоеи гузашта, ашхоси машҳур, оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ёд мекунад. Санъати мазкур низ дар ғазалҳои мансуба хеле фаровон истифода шудааст ва ҳатто метавон гуфт, ки 80 дарсади ғазалиёти мазкур дорои талмеҳ мебошанд:

Эй гирифта такягоҳӣ суфраи тадрисро,

Гар ҳамехоҳӣ ту ҷоҳу зиннати Идрисро [Мавлоӣ 1377, с. 719].

Дар ин байт ишора ба Идриси паёмбар аст, ки дар боварҳои динӣ ҳамчун аввалин муаллим ва мударрис шинохта шудааст.

Ё ин ки ҷои дигар:

Дилбаро, сармасти Турат буд як Мӯсо, дареғ,

Сад ҳазорон Мусии сармаст бин дар тури шаб.

[Мавлоӣ 1377, с. 722].

Дар байти боло қиссаи машҳури қуръонӣ – рафтани Мӯсои паёмбар ба кӯҳи Тур ва мулоқоти ӯ бо Худо талмеҳ шудааст.

**Зуқофиятайн**. Дигар аз санъатҳои адабӣ, ки дар ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ зиёд дида мешавад, санъати зуқофиятайн мебошад. Ин санъатро тасҷеъ низ мегӯянд, ки дар як байт истифода шудани ду қофияро гӯянд:

Бар Тури бақо мардӣ, дар баҳри вафо фардӣ,

Муштоқи лиқо кардӣ, ҷӯянда шавӣ бо мо [Мавлоӣ 1377, с. 720].

Дар байти боло се калимаи қофия вуҷуд дорад: «мардӣ», «фардӣ» ва «кардӣ», ки ба назарияи санъати тасҷеъ мувофиқат мекунад.

Ё ин ки:

Эй дил, агар хоҳӣ ту ганҷ, касро маранҷону маранҷ

В-аз ҳафту шаш в-аз чору панҷ растӣ з-авсофи башар.

[Мавлоӣ 1377, с. 730].

Тасҷеъ ё саҷъ, ки зиёдтар барои наср махсус аст, дар шеър низ истифода мешавад ва чунин шеърро шеъри мусаҷҷаъ низ мегӯянд.

Ҳамин тариқ, муҳассаноте, чун нидо, шумор, истиора, маҷоз, тансиқуссифот, иштиқоқ, муболиға ва ғ. дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ корбурд доранд. Вале санъатҳои бадеие, чун ташбеҳ, талмеҳ, тазодду муқобала ва зуқофиятайн аз дигар навъи санъатҳои адабӣ зиёдтар истифода шудаанд.

Рубоӣ баъд аз фардбайт кӯтоҳтарин жанри шеърӣ аст. Аз ин рӯ, дар он нисбат ба қолабҳои дигари шеърӣ метавон такаллуфоти бештар ҷой дод

[Шамисо 1374, с. 279]. Аз нигоҳи истифодаи синоояти адабӣ ва сувари хаёл рубоиёти Хоҷа хусусиёти мунҳасир ба фарди коргоҳи эҷодии Пири Ҳиротро ба намоиш мегузорад. Истифодаи бештари санъатҳои бадеие, чун талмеҳ, зикри оёт ва аҳодис ба ин рубоиёт қадре хусусиёти мутафовит бахшидаанд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинию оро ва таалluқоти мазҳабию дидгоҳи орифонаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ алоқаманд аст. Ҳарчанд рубоиёти давраи аввали суфия аз бисёр ҷиҳат ба ҳам умумият доранд, хусусиёти дар боло зикршуда тавонистаанд то ҷое бахше аз рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро фарққунанда боқӣ гузоранд. Он чи вобаста ба умумияти сабкӣ дар рубоиёти Ансорӣ дида мешавад, дар бахши «Рубоиёти сайёр» баррасӣ шуд ва берун аз баҳси санъатҳои бадеӣ аст. Нидо, талмеҳ, ташхис, истиора ва тазод(д) аз муҳимтарин санъатҳои бадеие мебошанд, ки дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ корбурди бештар доранд. Ҳар кадоми онро ҷудогона баррасӣ мекунем.

**Нидо**. Нидо аз саноеи адабие мебошад, ки шоир дар он шӯру ҳаяҷони худро ба мухотиб баён мекунад. Аз он ҷо, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар адаби порсӣ ба муноҷотҳои худ низ машҳур аст ва тамоми муноҷотҳо бо нидои «Илоҳӣ» шуруъ мешаванд, ин санъат аз саноеи зиёд истифодашуда дар ашъори Хоҷа мебошад. Бештари ин нидоҳо бо калимаҳои «Ё Раб!», «ту», «туро», «эй» ва монанди инҳо таркиб ёфтаанд. Ба мисли намунаҳои зерин:

Ё Раб, чӣ шавад, агар маро гирӣ даст,
К-аз бори гунаҳ шуд тани мискинам паст.
Гар дар амалам он чи Туро шояд, нест,
Андар карамат он чи маро бояд, ҳаст [Мудаббирӣ 1341, с. 14].

Ва:

Эй зоти ту бар кулли мамолик шуда фард,
Сар бар хатти фармони ту дорад зану мард.
Гар ҷумлаи коинот кофар гарданд,
Бар домани кибриёт наншинад гард [Мудаббирӣ 1341, с. 21].

Нидову хитоби Абдуллоҳи Ансорӣ дар шеър ҳамеша дар доираи бандагию итоат чарх мезананд. Дар онҳо як навъ оҳанги ниёзу баровардани ҳоҷот дида

мешавад. Ҳудуди сию се рубоии Хоҷа дорои санъати нидо буда, сенздаҳ рубоии дигар бо нидои «Ё Раб!» шуруъ мешавад. Истифодаи санъати нидо як навъ хосси рубоиёти суфиёна аст, зеро тавассути он солик ё ориф розу ниёз ва хостаҳои худро нисбат ба Ҳақ иброз мекунад.

**Талмеҳ**. Ин санъати бадеӣ дар луғат ба маънии нигоҳ кардан ё ишора кардан ба сӯйи чизе мебошад. Дар истилоҳ ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруф ва ё овардани истилоҳи баъзе аз улум аст. Талмеҳ дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ зиёд корбурд дорад. Аксари талмеҳоти мундариҷ дар рубоиёти шоир мансуб ба номи ашхос ва ривоёту воқеоти исломӣ аст. Ин вежагӣ аз тарзи эҷод ва тааллуқоти мазҳабии Хоҷа бармеояд. Чун ӯ дар таърих на танҳо ҳамчун адиб, ориф ва назарияпардози тасаввуф машҳур аст, балки аксари сарчашмаҳо Хоҷаро, ҳамчунин, як диндори сахтгир низ муаррифӣ кардаанд.

Дар умум, дар бисту як рубоии Абдуллоҳи Ансорӣ ин санъат истифода шудааст, ба мисли намунаҳои зер:

Ё Раб, ба рисолати Расули сақалайн,
Ё Раб, ба ғазокунандаи Бадру Ҳунайн,
Исёни маро дунима кун дар Арасот,
Ниме ба Ҳасан бахшу ниме ба Ҳусайн [Мудаббирӣ 1341, с. 52].

Дар рубоии фавқ якбора ба чанд ҳодиса ва ашхоси таърихию мазҳабӣ ишора мешавад. Дар мисраи аввал ибораи «Расули сақалайн» ишора ба паёмбари ислом Муҳаммад (с) аст ва паямбар ҳам ба инс ва ҳам ба ҷинс рисолат дорад, яъне расули инсу ҷин. Ҳамин мазмун дар ояи 31-и сураи Раҳмон омадааст «Санафруғу лакум айюҳа-с-сақалони» (Эй ҷину инс, ба зудӣ (аз ҳама) фориғ шуда, ба шумо мутаваҷҷеҳ мешавем). Дар мисраи дувум ибораи «ғазокунандаи Бадру Ҳунайн» моддаи талмеҳ аст. Мақсад аз ғазокунанда боз ҳам паямбар аст ва Бадру Ҳунайн номи ду ғазва аст, ки паямбар дар онҳо ширкат дошт. Мақсуд аз «арасот» дар мисраъи севум маҳшар, яъне рӯзи қиёмат аст ва дар мисраи чаҳорум аз наберагони паямбар – Ҳасан ва Ҳусайн ёдовар шудааст.

Бисёре аз талмеҳоти Хоҷа ба ҳодисот ва ашхоси давраи исломӣ дахл доранд. Танҳо дар як маврид аз Мӯсову Ҳорун ва Қорун ёд кардааст:

Дар сурат агар Мусиву Ҳорун ой̣,
Бар сурати Ҷабраил берун ой̣.
Аз сурати зуҳди ту чӣ мақсуд туро,
Дар сират агар Язиду Қорун ой̣? [Мудаббирӣ 1341, с. 21].

Дар ин талмеҳот асомии ашхосе, чун Муҳаммад, Абубакр, Алӣ, Ҳасан, Ҳусайн, Билоли Ҳабашӣ, Мӯсо, Ҳорун, Қорун, Язид ва чандин тани дигар, ҳамчунин, ҳодисоте чун Бадру Ҳунанйн ва амокине, чун Яману Каъба зикр шудаанд. Аз бузургони суфия дар рубоиёти шоир исми Мансур ва ишораи фарҷоми зиндагии ӯ омадааст, ки ин ҳодиса аз талмеҳоти дар адабиёти суфия зиёд истифодашаванда мебошад:

Дар бодияи висоли он шуҳраанигор
Ҷонбозонанд ошиқони рухи ёр.
Монандаи Мансур «ана-л-Ҳақ»-гӯён,
Дар ҳар кунҷе ҳазор сар бар сари дор [Мудаббирӣ 1341, с. 33].

Кулли талмеҳот дар беҳтарин шакл истифода шуда, ба маънии шеър афзудаанд. Дар онҳо шоир аз ҳодисоти маъмули таърихи ислом ёдовар шудааст, ки исботи як шоири огоҳ ва донишманди соҳибравиш будани Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад.

**Ирсоли масал**. Ин санъат чунон бошад, ки шоир барои тақвияти фикри худ аз мақол, масал ва аз таҷрибаву амалияи ҳаёти худ мисол меорад [Зеҳнӣ 1997, с. 132]. Дар ин санъат, ҳамчунин, истифодаи оёту аҳодис низ имкон дорад. Маҳз истифодаи ин санъат дар рубоиёти Хоҷа ба воситаи истифодаи оёту аҳодис сурат гирифтааст:

Он рӯз, ки кори васлро соз ояд
В-ин мурғ аз ин қафас ба парвоз ояд,
Аз шаҳ чу сафири «ирҷиъӣ» руҳ шунид,
Парвозкунон ба дасти шаҳ боз омад [Мудаббирӣ 1341, с. 30].

Вожаи «ирҷиъӣ» ишора ба ояи 28-и сураи ал-Фаҷр аст. Яъне, ин таъбир аз ҷузъи аввали ояи мазкур аст, ки чунин аст: «Ирҷиъӣ ило Раббики розията-м-марзийя» (Ба сӯйи Парвардгори хеш баргард [дар ҳоле ки] ту хушнуд шудаӣ ва аз ту низ хушнуд гашта) [Қуръон 2011, с. 267].

Ё ҷойи дигар мегӯяд:

Дар буди шумо «юҳиббуҳум» ман гуфтам,
Ҳам дурри «юҳиббун» бо шумо ман суфтам.
Ҷуз ман дигаре набуд, шунидӣ гуфтам,
Ман будаму ман шунидаму ман суфтам [Мудаббирӣ 1341, с. 42].

Дар рубоии фавқ Абдуллоҳи Ансорӣ аз ояи 54-и сураи Моида масал задааст, ки дар он Худованд муҳаббати худро нисбат ба бандагонаш иброз кардааст: «Ё айюҳа-л-лазина оману ман яртадда минкум ъан диниҳи фасавфа яътий-л-Лоҳу би қавми-й-юҳиббуҳум ва юҳиббунаҳу азиллатин ъала-л-муъминина уъиззатин ъала-л-кофирина...» (Эй муъминон, ҳар ки аз шумо аз дини Худо баргардад, пас Худо гурӯҳеро хоҳад овард, ки онҳоро дӯст медорад ва онҳо Ӯро дӯст медоранд; барои муъминон нармдиланд ва барои кофирон дурушттабъанд...) [Қуръон, 2011].

Ҳамчунин, шоир дар рубоиёти худ аз сураҳои Бақара, Фаҷр, Қасас ва чандин сураҳои дигар иқтибос овардааст. Истифодаи санъати мазкур аз ҷониби Ансорӣ ҷойи шакку тардид надорад. Зеро ӯ дар баробари адиб, ориф ва назарияпардози тасаввуф будан, ҳамчунин, муфассир ва муҳаддиси тавоное буд, ки дар боби аввал зимни шарҳи заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа ин масъаларо баррасӣ кардаем.

**Тазод(д) ва муқобала**. Санъати мазкур ба қатори пуркорбурдтарин синооти адабӣ ворид аст. Тазоду муқобала дар маънӣ зидду муқобили ҳам гузоштан аст. Дар истилоҳ аз синооти адабиест, ки ду фикр ва ё хусусиёти касеву чизеро муқобили ҳам мегузоранд [Зеҳнӣ 1997, с. 99]. Тақрибан, дар нисфи рубоиёти Хоҷа ин санъатро метавон мушоҳида кард:

З-он рӯй, ки роҳи ишқ роҳи танг аст,
На бо худамон сулҳу на бо кас ҷанг аст.

Шуд дар сари ному нанг умри ҳама кас,

Эй бехабарон, чӣ ҷойи ному нанг аст!? [Мудаббирӣ 1341, с. 15].

Рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз ҷиҳати истифодаи перояи адабӣ беҳтарин намунаи рубоиёти орифонаи асри ёздаҳ мебошанд. Дар онҳо аксари ороятҳои адабии хосси адабиёти он давра истифода шудаанд. Аз баррасии басомади истифодаи саноеи адабӣ, ё худ ороятҳои адабӣ дар рубоиёти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ маълум гардид, ки санъатҳои бадеии нидо, талмеҳ, ирсоли масал ва тазоду муқобала бештар истифода шудаанд. Ҳамин мухтасот метавонад дар шинохти шеъри шоир то ҷое ба мо кумак кунад. Маҳз истифодаи оёту аҳодис, талмеҳот аз ҳаводиси исломию ашхоси исломӣ ва истифодаи нидои «Ё Раб!» дар ин рубоиёт то ҷое ба Ансорӣ тааллуқ доштани онҳоро исбот мекунад. Зеро шахсияти Хоҷа дар таъриху адаби мо баробари орифу адиб будан, ҳамчун муҳаддис, муфассир ва назарияпадози тасаввуф шинохта шудааст ва шак нест, ки ҷаҳонбинию андешаҳои мазҳабӣ ҳатман дар ашъори ӯ мундариҷ аст. Ин се нишонаро дар ҳалли мушкилоти рубоиёти сайёр метавон ҳамчун меъёри асосӣ интихоб кард, ки ин аз ҷумлаи корҳои ояндаи мо хоҳад буд.

# ХУЛОСА

Дар диссертатсия масъалаҳои интисоби ашъор, заминаҳои шоиронагии калом, мундариҷаи ғоявии ашъор, хусусиятҳои бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои асосию фаръӣ, хулосаҳои зерин ба даст омаданд:

1. Чеҳраи адабии Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун шоир, нависанда ва назарияпардози тасаввуф дар осори худи ӯ ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба таври пароканда васф шудааст. Печидатарин мабоҳис дар заминаи шинохти шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансорӣ шоирӣ ва интисоби ашъор ба ӯ мебошад. Мо бар онем, ки ӯро ба ҳайси як шоир ва рубоисарои тавонои адабиёти суфия метавон ном бурд [2-М].

2. Яке аз мабоҳиси печида дар иртибот ба мавзуи пажӯҳиш масъалаи рубоиёти сайёр дар ашъори Ансорӣ мебошад, ки ин ҳамгунӣ бештар миёни рубоиёти ӯ ва дигар аз рубоисароёни адабиёти суфия – Абусаъиди Абулхайр мушоҳида мешавад. Ҳамчунин, рубоиёте муштарак миёни сурудаҳои Ансорӣ ва шоироне, ба монанди Бобо Афзали Кошонӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ, Наҷиби Ҷурфодақонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Рӯзбеҳон Бақлии Шерозӣ, Абулфазли Майбудӣ, Наҷмуддини Розӣ, Умари Хайём ва гоҳе бе зикри номи муаллиф «сайёр» шудаанд.

Масъалаи рубоиёти сайёр аз ҷумлаи мабоҳисест, ки ба пажӯҳиши бештар ниёз дорад. Дар миёни рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ин навъи рубоиёт зиёд буда, бештари ин муштаракот дар миёни рубоиёти ӯ ва Абусаъиди Абулхайр дида мешавад [6-М].

3. Мабҳаси заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ мадхали шинохти ҳувийяти шахсияти адабии ӯ мебошад. Заминаҳои асосии шоиронагии каломи шоирро дар унсурҳои зерин метавон таъин кард: а) истеъдоди фитрӣ, ки ин ҷиҳат ба қобилияти фитрӣ пайванд мегирад; б) мутолиаи зиёд, ки аз унфувони шабоб оғоз гардида, то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт идома пайдо кардааст; в) таъсири муҳити хонаводагӣ ва ҷиддиятҳову роҳнамоии падар ҷиҳати ширкат

дар маҷлиси суфиён, ки маҳз ба ҳамин восита дар руҳияи шоир аз хурдӣ таъсири сухани суфиён ва ваҷду ҳолати махсуси онҳо нақш гузоштааст [1-М].

4. Ашъори дар сарчашмаҳои муътамади асримиёнагӣ зикршуда аз Ансорӣ баёнгари шоири тавонои аҳди аввали адабиёти тасаввуфӣ будани Абдуллоҳи Ансорӣ аст. Ин сарчашмаҳо барои муайян кардани мансубияти шеърҳо ва тадвини девони номураттаби Абдуллоҳи Ансорӣ кумаки зиёд расонда метавонанд [2-М].

5. Аз кулли осори мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дар рисолаҳои зерин ашъори ӯро метавон дарёфт кард: «Мақулот» (8 рубоӣ; 16 байт), «Муҳаббатнома» (7 фард, 1 ғазал; 3 байт ва 29 рубоӣ), «Ҳафт ҳисор» (6 ғазал иборат аз 30 байт) ва «Канз-ус-соликин» (20 ғазал; 167 байт, 13 рубоӣ; 26 байт, 2 қитъа; 6 байт, 1 фард ва 1 назм). Дар умум, ин расоил шомили 38 адад шеър (27 ғазал, 8 фард, 50 рубоӣ, 2 қитъа, 1 назм) дар ҳаҷми 305 байт мебошанд [5-М; 7-М; 8-М].

6. Истеъдоди фитрӣ дар ташаккули буъди шоиронагии Абдуллоҳи Ансорӣ аз аносири бунёдиест, ки дар ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши асосиро гузоштааст. Дар ташаккули шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансорӣ таъсири муҳити хонаводагии ӯ ва ҳамчунин, ширкат дар маҷолиси бузургони суфия нақши бориз дорад. Ин нуктаро Абдуллоҳи Ансорӣ борҳо дар муқаддимаи «Табақот-ус-суфия», зимни шарҳи ҳоли худ, таъкид кардааст [1-М; 3-М].

7. Яке аз заминаҳои муҳимме, ки дар шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ таъсири амиқ гузоштааст, насри мусаҷҷаъ ва ҳамгунӣ дар андеша миёни осори мансур ва манзуми адиб аст. Саҷъҳои Ансориро дар аксари мавридҳо метавон шеъргуна номид. Ин насрро бо андак тағйир метавон назм кард ва аксари онҳо ҳукми шеърро доранд [1-М; 4-М].

8. Овардани шеър дар наср аз ҷониби Абдуллоҳи Ансорӣ аз ибтикороти ӯ дар таърихи адабиёт мебошад, ки баъдан аз ҷониби адибони машҳур пайравӣ ва ба ғояти камол расонида шуд [1-М; 5-М].

9. Истифодаи қофияву радиф дар рубоиёти Ансорӣ комилан мувофиқи ҷаҳонбинӣ, афкор ва омоли худи шоир ва ҳамчунин, ҷавобгӯ ба меъёрҳои сабку услуби рубоиёти мутасаввифаи аввал мебошад. Аз баррасии рубоиёти мазкур мувофиқати ҷаҳонбинию афкори шоир бо мазомини мундариҷ дар ашъори мазкурро ба хубӣ метавон эҳсос кард. Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин рубоиёт то ҳадде аз даричаи ислом ва хосатан шариат нигаристааст ва ба масъалаҳое, ки инсонро ба шакку тардид мебарад, тамоман кордор нест [4-М; 5-М].

10. Дар асолату интисоби рубоиёти мундариҷ дар муноҷотҳо ба Абдуллоҳи Ансорӣ метавонад тардиди хеле кам ва ё тақрибан мавҷуд набошад. Қисмате аз баёни аслии наср ба шеър вогузор мешавад ва шеър маънии насрро комил ва тамом мекунад. Дар ин қисм, ки дақиқтарин ва фаннитарин ақсом дарҷ аст, ҷудо кардани шеър аз наср муҷиби гусехтани риштаи иртиботи маънӣ ё нотамом сохтани он хоҳад буд [6-М].

11. Ашъори мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ аз рубоӣ, ғазал, қитъа, фард ва байтҳои пароканда иборат аст, ки дар ин миён рубоӣ жанри ғолиб дар васати ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Пас аз рубоӣ жанри ғазал қарор мегирад. Дар зинаи баъдӣ дар миёни ашъори шоир қасида, қитъа, фард ва мисраъ ҷой мегиранд. Ин ашъор ба таври парокандае ба номи Ансорӣ дар сарчашмаҳои гуногун оварда шудаанд. Он чи перомуни қасида аст, зимни шарҳу баррасии ғазалиёт оварда шуд [5-М].

12. Рубоиёти Ансорӣ қисми умда ва асосии ашъори ӯро ташкил дода, то имрӯз, мувофиқи таснифи Маҳмуди Мудаббирӣ, ки аз кулли сарчашмаҳо рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро ҷамъоварӣ кардааст, дусаду ҳабдаҳ рубоӣ ба ӯ мансуб дониста мешавад. Мувофиқи ҳисоби Мавлоӣ, Ансорӣ 59 рубоӣ дорад. Аммо мо ҷонибдори ҳисоби Мудаббирӣ ҳастем. Чунки мо низ, дар умум, 217 рубоии шоирро аз манобеи гуногун ҷамъоварӣ ва тартиб додем, ки дар дохили онҳо рубоиёти сайёр низ мавҷуданд [2-М; 6-М].

13. Дувумин жанре, ки аз ҳисоби ҳаҷм дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ басомади бештар дорад, ғазал мебошад. Аз кулли маъхазҳо ва хилоли осори насрии Ансорӣ тавонистем, ба миқдори чиҳилу панҷ ғазал (сесаду наваду нуҳ

байт) ҷамъоварӣ кунем, ки бо миқдори ғазалиёти ҷамъовардаи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ дар китоби «Маҷмуаи расоили форсии Абдуллоҳи Ансорӣ» мувофиқат мекунад. Аз ин теъдод 5-тои он аз панҷ байт камтар ва 7-тои он иборат аз дувоздаҳ байт ва зиёда аз ин аст. Дар ғазалиёти мансуб ба Хоҷа бештар тахаллусҳои «Ансорӣ», «Пири Ансор» ва «Пири Ансорӣ» дида мешаванд.

Ҳамчунин, дар ашъори Ансорӣ маснавӣ, қитъа, муфрадот ва мисроъ дида мешаванд, ки миқдори умумии онҳоро ба ин тартиб муайян кардан мумкин аст: ёздаҳ маснавӣ (121 байт), ҳаждаҳ фард (ҳаждаҳ байт), ҳашт қитъа (шонздаҳ байт) ва ду мисроъ (як байт). Маҷмуи абёти қолабҳои шеърии мазкур ба нуҳсаду ҳаштоду нуҳ байт баробар аст [2-М; 5-М].

14. Ҳарчанд ғазалҳои мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ аз нигоҳи мазмун ба ҷаҳонбинии ӯ наздикӣ доранд, аммо бисёр баҳсбарангез аст, ки ӯро аз аввалин гӯяндагони ғазалҳои ирфонӣ донем. Сабаб дар заъфи мазмун, муҳтаво ва баъзан авзони ин ғазалиёт мебошад. Аммо ногузир зарур донистем, ки ба шарҳи муҳтаво ва мазомини ин ғазалиёт пардозем. Тамоми ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ мазомини орифонаву қаландаронаро доро мебошанд. Масъалаҳое чун имон, нури имон ва маърифати Илоҳӣ аз ҷумлаи мазомине ҳастанд, ки дар ғазалиёти Ансорӣ мавқеи калидӣ доранд [1-М; 4-М].

15. Абдуллоҳи Ансорӣ аз ҷумлаи рубоисароёни давраи аввали адабиёти суфия мебошад. Рубоиёти ӯро аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво метавон ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ ҷудо кард. Абдуллоҳи Ансорӣ маҷлиси ваъз дошт ва равшан аст, ки барои тарвиҷи андешаҳои ахлоқию мазҳабӣ беҳтарин васила сухани манзум аст. Аксари суфиён рубоиро, ки ҳам дар ҳаҷм ва ҳам дар баёни андеша дархури табъу завқи мардум буд, интихоб намудаанд [4-М].

16. Шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ аз назари забон ва сабки баён ҳамон мухтассоти сабки хуросониро доро мебошад, аммо аз назари фикрӣ ошиқонаву орифона аст ва ӯ дар қатори Абусаиди Абулхайр ва иддаи дигар аз аввалин гӯяндагони шеъри ирфонӣ мебошад. Дар шинохти хусусиятҳои забонии

ашъори Ансорӣ муҳимтарин меъёр шеваи басомадгирӣ аз аносири мухталифи созандаи сабк аст. Метавон гуфт, ки аз ҷиҳати забонӣ ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ хусусиятҳои мунҳасир ба фардро доро нестанд. Танҳо метавон такрори калимотро аз вежагии ин ашъор донист, ки гоҳе ӯ вожаеро дар чанд мисраъ такрор мекунад. Теъдоди калимоти номафҳум дар ашъори ӯ бисёр кам аст, ки ин содагии забон ҳам бо таваҷҷуҳ ба мухотабон, ки мардуми омианд ва ҳам ба далели таълимӣ будани осори ӯст [4-М].

17. Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ вобаста ба анвои адабӣ дар маъмултарину машҳуртарин авзони баҳрҳои арӯзӣ суруда шудаанд. Тақрибан дар ин шеърҳо камбуди вазнӣ дида намешавад. Аксари ғазалҳои мансуб ба Ансорӣ дар баҳрҳои рамал, ҳазаҷ ва музореъ суруда шудаанд.

Рубоӣ дар вазн истиқлол дорад ва танҳо дар шаҷараҳои бистучаҳоргонаи баҳри ҳазаҷ суруда мешаванд. Дар миёни ин авзон дар рубоиёти Ансорӣ авзони ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар ва ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб бештар истифода шудаанд. Қитъаҳои адиб дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, мутақориб, музореъ ва хафиф, маснавиҳо дар баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал, муфрадот ва мисроъҳо низ аз назари вазн камбуд надоранд ва ҳамчунин, дар авзони гуногуни баҳрҳои арӯзӣ суруда шудаанд [4-М; 6-М].

18. Қофияву радиф дар ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, махсусан, дар рубоиёти ӯ хеле устодона коргирӣ шудаанд. Дар истифодаи қофия Ансорӣ аз ҳарду навъи қофия, яъне ҳам аз қофияи мутлақ ва ҳам аз қофияи муқайяд васеъ истифода бурдааст. Қофияҳои истифодакардаи Ансорӣ содаву хушоянд буда, дар сурудани онҳо шоир такаллуф зоҳир накардааст [4-М].

19. Радифҳои истифодашуда дар ашъори Ансорӣ аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибианд, яъне ҳар чор навъи сохти калимаро дар бар мегиранд. Ғайр аз калимаҳо дар радифҳои ашъори ӯ ибораву ҷумла низ зиёд дида мешавад. Чигунагии калимаҳои радиф ба эҳсосоти шоир низ алоқаманд аст. Дар шеъри суфия истифодаи радифҳое, ба монанди «Раббӣ», «ман», «ту»,

«туст», «деҳ», «туӣ» ва монанди инҳо изҳори хитобу талабу аҷзро дорад. Ҳамин гуна ҳолатҳоро дар рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ низ метавон мушоҳида кард, аммо фарқ дар он аст, ки гӯянда ҳамеша аз ҷойгоҳи бандагӣ ва таслим будан ба иродати Ҳақ хитоб мекунад [3-М; 4-М].

20. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ашъори Ансорӣ, махсусан рубоиёти ӯ, истифодаи васеъ аз санъатҳои бадеии талмеҳ, ирсоли масал ва нидо мебошад. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар интисоби ашъор ба Ансорӣ то ҷое ба мо кумак кард. Зеро аз баррасии ҳамгунӣ дар андеша миёни осори манзуму мансур маълум гардид, ки дар қисми зиёди ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ санъатҳои бадеии зикршуда дида мешаванд [6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Дар натиҷаи таҳқиқ перомуни масъалаҳои асосии пажуҳиш дар диссертатсияи мо масъалаҳои зерин пеш омаданд, ки таҳқиқи онҳо дар оянда аз ҷумлаи мабоҳиси таҳқиқи пажуҳишгарони рӯзгор ва эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ бояд қарор гирад:

– масъалаи таъини асолати ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ доманадор мебошад. Ин масъала аз муҳимтарин масоил дар шинохти чеҳраи шоирии Ансорӣ аст ва ҳамеша бояд мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони аҳволу осори Абдуллоҳи Ансорӣ қарор гирад;

– пажӯҳишгарони аҳволу осори Абдуллоҳи Ансориро зарур аст, ки ба таҳқиқ ва кашфи зебоиҳои ҳунари ӯ машғул шуда, ба ҷанбаҳои гуногуни осори манзуми ӯ: таркиби луғот, хусусиятҳои сабкӣ, орояҳои адабӣ эътибори зарурӣ дода, дар ин замина таҳқиқ анҷом диҳанд**;**

– масъалаи ғазалсаро будани Ансорӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад. Аз таҳқиқ ва баррасии ин ғазалиёт маълум гардид, ки ғазалҳои мансуб ба Ансорӣ аз ҷиҳати эҷози ҳунарӣ ва тафаккур ба сатҳи ҷаҳонбинӣ ва коргоҳи ҳунарии Абдуллоҳи Ансорӣ тақрибан мувофиқат намекунанд. Ҳарчанд муҳаққиқоне, ба мисли Абдулҳай Ҳабибӣ, Гӯё Эътимодӣ ва Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар таҳқиқоти худ назаре ба ин масъала кардаанд, аммо хеле кам ва иҷмолӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин масъала таҳқиқоти ҷудогона ва муфассалро тақозо мекунад**;**

– Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мақоми хоссаеро соҳиб аст. Оид ба ҷанбаҳои назарӣ ва фалсафии осори мансури ӯ таҳқиқотҳои зиёд анҷом шудааст, аммо масъалаи таҳқиқи холиси ҳунарии осори адиб ҳанӯз ҳам кофӣ нест. Муҳаққиқони таърихи адабиёт зимни баррасии вазъи адабӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва мавзуии шеъри асри XI фақат аз шоирии Ансорӣ ба таври куллӣ ёд кардаанд. Дар Тоҷикистон чанд кори илмӣ навишта шудааст, аммо аксари онҳо оид ба ҷаҳонбинӣ ва нигоҳи

фалсафии Абдуллоҳи Ансорӣ ихтисос доранд. Аз ин рӯ, осори адабии Абдуллоҳи Ансорӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқу баррасӣ ниёз доранд**;**

– таҳлили ҳамаҷонибаи осори манзуму мансури адиб, нусхашиносӣ ва сарчашмашиносии осори ӯ, ҷустуҷӯ дар ёфтани девони ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки аз ҷониби чанд тан аз тазкиранависон зикр шудааст, аз ҷумлаи корҳои таҳқиқталабанд, ки дар оянда бояд анҷом дода шаванд;

– истифодаи воситаҳои тасвир, махсусан, санъатҳои бадеии талмеҳ, ирсоли масал ва нидо дар ашъори Ансорӣ корбурди зиёд дорад, бинобар ин, дар сатҳи васеътар ва дар қолаби як диссертатсияи ҷудогона метавонад мавриди таҳқиқ қарор гирад;

– аз маводди диссертатсия, ҳамчунин, ҳангоми тадриси фанҳои таълимии соҳаи филология, курс ва семинарҳои махсус, таҳия ва тартиби барномаҳои корию дарсӣ, навиштани корҳои илмии дараҷаҳои гуногун метавон истифода кард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо:


1. Ансорӣ, Х.А. Муноҷот ва Илоҳинома [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Бо тасҳеҳу муқобалаи Сабзалӣ Алипаноҳ. – Теҳрон: Интишороти Фурӯғӣ, 1378. – 320 с.
2. Ансорӣ, Х.А. Муноҷотнома [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Бо тасҳеҳеу мқобалаи Муҳаммади Ҳамосиён. – Теҳрон, 1382. – 85 с.
3. Ансорӣ, Х.А. Расоили ҷомеи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: бо тасҳеҳу муқобалаи Ваҳиди Дастгардӣ ва муқаддимаву шарҳи ҳоли комил ба қалами султон Ҳусайни Тобандаи Гунободӣ. – Теҳрон: Шарқ, 1349. – 172 с.
4. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Муноҷотнома [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: бо танзими дубораи Шариф Мансур. – Кобул, 1355 ҳ. – 36 с.
5. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Сад майдон [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: ба эҳтимоми Қосим Ансорӣ. – Теҳрон, 1348 ҳ. – 88 с.
6. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-суфия [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳрастҳо Меҳринисо Очилова ва Муътабар Оқилова. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 435 с.
7. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-суфия [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ: тасҳеҳ ва муқобалаи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон, 1386 ҳ. – 733 с.
8. Аттор, Ф. Мусибатнома [Матн] / Фаридуддини Аттор. – Теҳрон, 1992. – 345 с.
9. Аттор, Ф. Мантиқ-ут-тайр [Матн] / Фаридуддини Аттор. – Душанбе, 2006. – 356 с.
10. Аттор, Ф. Тазкират-ул-авлиё [Матн] / Фаридуддини Аттор: баррасӣ, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва феҳристи Муҳаммади Истеъломӣ. – Теҳрон, 1346. – 959 с.

11. Байҳақӣ, Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ: ба тасҳеҳи Алиакбари Файёз ва эҳтимоми Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ. – Машҳад: Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1383. – 815 с.
12. Баҳоӣ, Шайх. Кашкӯл [Матн] / Шайх Баҳоӣ. – Қум: Субҳи пирӯзӣ, 1388, 2 ҷилд. – 1055 с.
13. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб [Матн] / Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Ҷилди 1. Бо кӯшиши Эдуард Браун. – Лондон, 1902. –480 с.
14. Варовинӣ, Саъдуддин. Марзбонномa [Матн] / Саъдуддини Варовинӣ. – Лейдан, 1907. – 578 с.
15. Газали, Абухамид. Избавляющий от заблуждения [Текст] / Абухамид Газали. Перев. с арабского А.В. Сагадеева// Григорян СП. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XIIвв. – М., 1960. – С.211-266.
16. Ғаззолӣ, М. Кимиёи саодат [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ: таҳияи Қ. Элчибеков, Д. Дӯст. – Душанбе: Эр-Граф, 2008. – 662 с.
17. Ғаззолӣ, М. Кимиёи саодат [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ: Ҳусайни Хидевҷам. – Теҳрон, 1380. – 594 с.
18. Ганҷавӣ, Н. Махзан-ул-асрор [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Лондон, 1260. – 134 с.
19. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро .Ҷ. III [Матн] / Волаи Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ: Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 751 с.
20. Доғистонӣ, В. Риёз-уш-шуаро. Ҷ. II. [Матн] / Волаи Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ: Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. – Душанбе: Офсет, 2018. – 775 с.
21. Заҳабӣ, Ш.М. Сайр-ул-аълом-ин-нубало [Матн]/ Шамсиддин Муҳаммади Заҳабӣ. – Қоҳира, 1402. 29 ҷилд.

22. Заҳабӣ, Ш.М. Таърих-ул-ислом [Матн]/ Шамсиддин Муҳаммади Заҳабӣ. Дорулкитоб, 1410. – 382 с.
23. Ироқӣ, Фахриддин. Девон [Матн] / Фахриддини Ироқӣ. Ба эҳтимоми Бадриддин Мақсудов. – Душанбе: Донишварон, 2018. – 456 с.
24. Ироқӣ, Фахриддин. Девони комил (Ламаъот) [Матн] / Фахриддини Ироқӣ. – Теҳрон. 1381. – 416 с.
25. Ироқӣ, Фахриддин. Куллиёти Девон [Матн] / Фахриддини Ироқӣ. – Теҳрон. 1342. – 430 с.
26. Ироқӣ, Фахриддин. Куллиёти девони Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ мутахаллис ба Ироқӣ [Матн] / Фахриддини Ироқӣ. – Теҳрон: Созмони интишороти ҷовидон, 1362. – 448 с.
27. Карбалоӣ, Ҳ. Равзат-ул-ҷинон ва ҷаннат-уҷ-ҷинон [Матн] / Ҳусайни Карбалоӣ. – Теҳрон, 1344. – 323 с.
28. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор [Матн] / Ҳ. В. Кошифӣ; муаллифи сарсухан ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2006. –232 с.
29. Кошонӣ, Абдураззоқ. Истилоҳот-ус-суфия [Матн] / Абдураззоқи Кошонӣ – Калкутта, 1845. – 189 с.
30. Қазвинӣ, Ҳ.М. Нузҳат-ул-қулуб. Дар васфи булдон ва вилоёт ва буқоъ [Матн] / Ҳамдуллоҳи Муставфии Қазвинӣ. Тасҳеҳ ва таҳияи Гой Ли Стронҷ. – Теҳрон: Асотир, 1389. – 378 с.
31. Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ Муставфӣ. Таърихи гузида [Матн] / Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ: бо кӯшиши Баҳман Ансорӣ. Бидуни сол ва ҷойи нашр. – 638 с.
32. Қуръони карим (матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ) [Матн] / Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 604 с.
33. Мавлоно, Ҷ.М. Маснавии маънавӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо

нусхаҳои дигар. Таҳия, танзим ва баргардони матн: Баҳриддин Ализода ва Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. – Теҳрон, 2001. – 662 с.
34. Майбудӣ, Абулфазл. Кашф-ул-асрор ва иддат-ул-аброр [Матн] / Абулфазли Майбудӣ. Ҷилди 1. Бо кӯшиши Алиасғари Ҳикмат. – Теҳрон, 1337.
35. Мирхонд, М.Х. Балхӣ. Равзат-ус-сафо [Матн] / Мирхонд Муҳаммад Ховандшоҳи Балхӣ. Таҳзиб ва талхис аз дуктур Аббос Зарёб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1373 ҳ. – 1362 с.
36. Мудаббирӣ, М. Рубоиёти мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Маҳмуди Мудаббирӣ. – Теҳрон, 1341. – 112 с.
37. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоғa» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» [Матн]. Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
38. Навоӣ, А.Н.А. Маҷолис-ун-нафоис [Матн] / Амир Низомиддин Алишери Навоӣ: ба эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат, таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2018. – 528 с.
39. Озар, Лутфалибек. Оташкада [Матн] / Лутфалибеки Озар. – Теҳрон, 1337. – 640 с.
40. Раҷаб, Ибн. Зайли «Табақоти Ҳанобала» [Матн] / Ибни Раҷаби Ҳанбалӣ. Бидуни ҷойи нашр, 1425. Панҷ ҷилд.
41. Родиёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоғa [Матн] / Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ: ба эҳтимом, тасҳеҳ, ҳавошӣ ва тавзеҳоти Аҳмади Оташ. – Истанбул: Муаҳҳид-уш-шарқӣ, 1949. – 159 с.
42. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим [Матн] / Амин Аҳмади Розӣ. – Теҳрон, 1310 ҳ. –510 с.
43. Розӣ, Наҷмуддин. Мирсод-ул-ибод [Матн] / Наҷмуддини Розӣ. – Теҳрон, 1391. – 798 с.
44. Розӣ, Шамс Қайс. ал-Муъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-Аҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ: бо тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Масҷлис, 1314. – 395 с.

45. Розӣ, Шамс Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-Аҷам [Матн] / Шасми Қайси Розӣ: муаллифи сарсухану тавзеҳот: Урбатулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 463 с.
46. Самарқандӣ, Амир Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Амир Давлатшоҳ ибни Алоуддавла Бахтишоҳ ал-Ғозӣ Самарқандӣ. Бо саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Э. Браун. – Лондон, 1318/1900. – 621 с.
47. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. – Хуҷанд, 2015. – 192 с.
48. Саноӣ, Ғазнавӣ. Девон [Матн] / Саноии Ғазнавӣ. – Теҳрон: Мазоҳири Мусаффо, 1336. – 687 с.
49. Сафавӣ, Сомимирзо. Тухфаи Сомӣ [Матн] / Сомимирзои Сафавӣ. Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ. – Теҳрон, 1324 шамсӣ.– 450 с.
50. Субкӣ, Тоҷиддин. Табақоти Шофеъия [Матн] / Тоҷиддини Субкӣ. – Қоҳира,1324. – 325 с.
51. Субкӣ, Тоҷиддин. Табақоти Шофеъия [Матн] / Тоҷиддини Субкӣ. – Бейрут, 1324. – 616 с.
52. Суютӣ, Ҷалолиддин. Табақот-ул-муфассирин [Матн] / Ҷалолиддини Суютӣ. Ба таҳқиқи Алӣ Муҳаммади Умар– Қоҳира, 1396. – 165 с.
53. Тӯсӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор [Матн] / Насируддини Тӯсӣ: таҳияи У. Тоиров, М. Абдуллоев, Р. Ҷалол. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 148с.
54. Тӯсӣ, Хоҷа Насируддин. Асос-ул-иқтибос [Матн] / Насируддини Тӯсӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1347.
55. Хандақободӣ, Ҳусайн. Афсонаҳои ирфон [Матн] / Ҳусайн Хандақободӣ. – Теҳрон, 1381 ш. – 193 с.
56. Хондмир, Ғ. Ҳ. Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афрод-ил-башар. Ҷилди аввал [Матн] / Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддин Алҳусайнии Хондмир. Муаллифи муқаддима: Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Мусаҳҳеҳ: Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: Хайём, 1362. – 669 с.
57. Хусрав, Носир. Куллиёт. Ҷилди якум [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Эр-граф. – 2003. – 955 с.

58. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. – Берлин, 1922.– 242 с.
59. Ҳафт девони рубоӣ [Матн]. Мураттиб: Иброҳими Наққош. – Душанбе: Дониш, 2023. – 728 с.
60. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо Ҷилди аввал. Бахши аввал [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят: муқаддимаи Ҳашматуллоҳ Қанбарии Ҳамадонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381 ҳ. – 726 с.
61. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят: бо кӯшиши Саидризо Воҳидӣ ва Суҳроби Зореъ. – Теҳрон: Асотир, 1375. – 254 с.
62. Ҳиравӣ, Фахрӣ. Равзат-ус-салотин [Матн] / Фахрии Ҳиравӣ: ба тасҳеҳ ва таҳшияи Хайёмпур. – Табрез: Шафақ, 1345 ҳ.ш. – 179 с.
63. Ҳофизи Карбалоӣ. Равзат-ул-ҷинон ва ҷаннат-ул-ҷинон. Ҷ. 2 [Матн] / Карбалоӣ Ҳофизи. – Теҳрон, 1374. – 328 с.
64. Ҳоҷӣ, Халифа. Кашф-уз-зунун ан асомия-л-кутуб ва-л-фунун [Матн] / Ҳоҷӣ Халифа; Ҷилди аввал. – Истамбул, 1310. – 556 с.
65. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ: бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.
66. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон [Матн] / А. Ҷомӣ; таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 204 с.
67. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазароти-л-қудс [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ; чопи сангӣ. – бидуни сол ва ҷойи нашр. – 572 с.
68. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Девони комил [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ: ба кӯшиши Ҳошими Разӣ. – Теҳрон: Пирӯз, 1354. – 1257 с.
69. Ҷомӣ, Абдурраҳмон.Маноқиби Шайхулислом [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ: таҳшия ва таълиқи Алиасғари Башир. – Теҳрон: Савр, 1355. – 181 с.
70. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс маъа Силсилат-уз-заҳаб [Матн] / Абдурраҳмон Ҷомӣ. – Дар матбаи Муншинукшур воқеъ Конпуррин музба,1893. – 467 с.

71. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин-ҳазарот-ил-қудс [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Теҳрон, 1337 ш. – 369 с.
72. Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалик. Таърихи Ҷаҳонкушой. Дар чаҳор ҷилд. Ҷилди аввал. Дар таърихи Чингизхон ва аъқоби ӯ то Куюкхон [Матн] / Алоуддин Атомалик ибни Баҳоуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ. Бо саъй ва эҳтимом ва тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1375. – 289 с.
73. Шабистарӣ, Шайх Маҳмуд. Гулшани роз [Матн] / Шайх Маҳмуди Шабистарӣ: бо муқаддимаи Ш.З. Сӯфиев. – Душанбе: Дониш, 2015. – 283 с.
74. Шерозӣ, С. Куллиёт бо тарҷумаи қассоиди арабӣ [Матн] / Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ Шерозӣ. Бо муқаддимаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон, 1381. – 1018 с.
75. Шерозӣ, Саъдӣ. Гулистон [Матн] / Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. – М., 1959. – 486 с.
76. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт [Матн] / Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ: бо тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон, 1385. – 1422 с.

## II. Адабиёти илмӣ:

77. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри 11 (Доираи адабии Ғазнин) [Матн] / А. Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1678. – 285 с.
78. Абдуллоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII [Матн] / А. Абдуллоев, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1988. – 262 с.
79. Абдусаттор, А. Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / А. Абдусаттор. –Душанбе: Ирфон, 2017. – 408 с.
80. Абдусаттор, А. Таърихи адабиёти араб. Китоби I (аз аҳди ҷоҳилият то давраи Аббосиён) [Матн] / А. Абдусаттор. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 230 с.
81. Абдусаттор, А. Таърихи адабиёти араб. Китоби II (адабиёти аҳди Аббосиён) [Матн] / А. Абдусаттор. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 230 с.

82. Абдусаттор, А. Фарҳанги арабӣ ва адабиёти аҳди Ғазнавиён [Матн] / А. Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 430 с.
83. Абулҳасанӣ, Сайиднақӣ. Арӯзи дудуӣ (табақабандии илмии куллияи вазнҳои мумукини арӯзӣ) [Матн] / Сайиднақӣ Абулҳасанӣ. – Теҳрон, 1397. – 490 с.
84. Авғонов, А. Ф. Шеъри маснӯъ ва оғози рушди он дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои XI-XII) [Матн] / Алишер Файзуллоевич Авғонов. Диссертатсия. – Душанбе, 2017. – 198 саҳ.
85. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1976. – 348 с.
86. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми дуюм [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1976. – 346 с.
87. Акимушкин, О. Ф. Средневековый Иран: Культура, история, филология [Текст] / О. Ф. Акимушкин. – СПб.: Наука, 2004. – 404 с.
88. Амонов, Р. Лирикаи халқи тоҷик [Матн] / Раҷаб Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 267 с.
89. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин. Рубоиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. – Исфаҳон: Хомӯш, 1358. – 247 с.
90. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / Маликушшуаро Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
91. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / Маликушшуаро Баҳор. – Теҳрон: Амири Кабир, 1375. – 467 с.
92. Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / Евгений Эдуардович Бертелс: тарҷумаи Сируси Эзадӣ, таҳия, вироиш ва баргардон аз хатти форсӣ: Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе, 2016. – 639 с.
93. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е. Э. Бертельс // Избранные труды. Т. 1. – Москва: Издат. восточ. литер., 1960. – 555 с.
94. Бертельс, Е. Э. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Евгений Эдуардович Бертельс // Избранные труды. – М.: Наука, 1965. – 528 с.

95. Бобобеков, А. Қатрони Табрезӣ ва мероси адабии ӯ. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология [Матн] / А. Бобобеков. – Душанбе, 2012. – 223 с.
96.Буркуй, Серж де. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Серж де Буркуй // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. –211 с. – С. 13-19.
97. Буркуй, Серж де. Саргузашти Пири Ҳирот [Матн] / Серж де Буркуй: тарҷумаи Равон Фарҳодӣ. – Теҳрон, 1379. – 321.
98. Гибб, Х. А. Р. Арабская литература. Классический период [Текст] / Х. А. Р. Гибб. – М.: Изд. Вост. Лит., 1960. –187 с.
99. Ежи, Фарино. Введение в литератураведение [Текст] / Ф. Ежи: Учебное пособие. СПб.: Издательство РГПУ им. А. И. Герцена, 2004. – 639 с.
100. Жуковский, В. А. Омар Хайям и «странствующее» четверостишия [Текст] / Валентин Сереевич Жуковский. – Санкт-Петербург, 1897. – 432 с.
101. Жуковский, В. А. Песни Гератского Старца [Текст] / Валентин Сереевич Жуковский. – Санкт-Петербург, 1895. – 34 с.
102. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси суфия [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон, 1344. – 268 с.
103. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1379. – 455 с.
104. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон, 1343. –291 с.
105. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Нашри дуюм [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1997. – 304 с.
106. Кадканӣ, М.Ш. Дар ҳаргиз ва ҳамешаи инсон (аз мероси ирфонии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ) [Матн] / Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1394. – 545 с.
107. Каззозӣ, Мир Ҷалолиддин. Зебоишиносии сухани порсӣ [Матн] / Мир Ҷалолиддини Каззозӣ. – Теҳрон, 1373. – 220 с.

108. Комёр, Тақӣ Ваҳидиён. Баррасии маншаи шеъри форсӣ [Матн] / Тақӣ Ваҳидиёни Комёр. – Машҳад, 1373. – 159 с.
109. Крачковский, И. Ю. Арабская поэтика в IX в [Текст] / И. Ю. Крачковский. Избранные сочинения. Т. II. – М. – Л., 1956. – 702 с.
110. Куделин А. Стилистическая эволюция арабской поэзии (VI–IX) / А. Куделин. – М.: Наука, 1973. – С. 33-54.
111. Куделин, А. Б. Понятие «столп поэзии» в средневековой арабской критике (комментарий ал–Марзуки к «Дивану доблести» Абу Тимама) [Текст] / А.Б. Куделин // Памятники литературной мысли Востока (Сборник статей). – М.: ИМЛИ РАН, 2004. – С. 128-164.
112. Куделин, А. Б. Средневековая арабская поэтика (вторая половина VIII–XI век) [Текст] / А. Б. Куделин. – М.: Наука, 1983. – 260 с.
113. Қурбон, И. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / Ибни Қурбон. – Душанбе: Эр-Граф, 2007. – 480 с.
114. Мавлоӣ, М.С. Маҷмуаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1377. – 845 с.
115. Мақсудов, Б. Равиши таҳқиқ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе, 2012. – 96 с.
116. Мақсудов, Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе, 2020. – 163 с.
117. Мақсудов, Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Фахруддини Ироқӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе, 2009. – 555 с.
118. Мирзоев, А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1958. – 275 с.
119. Мирзоев, Абдулғанӣ. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Абдулғанӣ Мирзоев // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. –211 с. – С. 135-140.
120. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз давраи қадим то асри XIII). Китоби 1 (II) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф,1989. – 420 с.

121. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 (асрҳои XIII-XIV) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 с.
122. Моили Ҳиравӣ, Наҷиб. Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан (самоъномаҳои форсӣ) [Матн] / Наҷиб Моили Ҳиравӣ. – Теҳрон, 1372. – 502 с.
123. Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Сиистонӣ [Матн] / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
124. Мусулмонқулов, Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 216 с.
125. Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика (X-XV вв.) [Текст] / Р. Мусульманкулов. – М.: Наука, 1989. – 240 с.
126. Муҳсинӣ, Аҳмад. Радиф ва мусиқии шеър [Матн] / Аҳмад Муҳсинӣ. – Машҳад, 1382. – 203 с.
127. Муътамман, Зайналобидин. Таҳаввули шеъри форсӣ [Матн] / Зайналобидини Муътамман. – Теҳрон, 1376. – 416 с.
128. Нарзикул, М. Трактат Амир Хусрава Дихлави “Эъджази хусрави” (“Чудо Хусрава”) и традиции эпистоллярного жанра в истории персидско-таджикской литературы (X-XIV вв.) [Текст] / М. Нарзикул. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 308 с.
129. Нарзиқул, М. Адабиёшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII–XIV [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 1998. – 112 с.
130. Нарзиқул, М. Вазни шеъри тоҷикӣ [Матн] / Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе, 2021. – 144 с.
131. Нарзиқул, М. Лутфи сухани худодод [Матн] / М. Нарзиқул // Ҷойгоҳи сухан. – Душанбе: Адиб, 2006. – С. 45-71.
132. Нафисӣ, Саъид. Суханони манзуми Абусаъиди Абулхайр [Матн] / Саъиди Нафисӣ. – Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1355. – 267 с.
133. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Маҷмуи мақолаҳои илмии донишмандон перомуни зиндагӣ ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн]. – Кобул, 1342. – 216 с.

134. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуарро ва адабиёти Эрон. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди аввал [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. – Душанбе, 2016. – 500 с.
135. Олимов, Каломатулло. Ҷаҳонбинии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Кароматулло Олимов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 134 с.
136. Оташ, Аҳмад. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Аҳмади Оташ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 113-124.
137. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Бӯи ҷон (мақолаҳое дар бораи шеъри ирфонии форсӣ) [Матн] / Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон, 1372. – 315 с.
138. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ [Матн] / Равшан Раҳмонӣ. – Душанбе, 2021. – 544 с.
139. Рейснер, М.Л. Эволюция классической газели на фарси (X-XIV века) [Текст]. – М., 1989. – 224 с.
140. Сабақи Рӯдакӣ [Матн] / Муқаддима, таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот ба қалами Аҳмад Абдуллоев таалluқ дорад. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 302 с.
141. Сабур, Дорюш. Офоқи ғазади форсӣ [Матн] / Дорюши Сабур. – Теҳрон: Гуфтор, 1370. – 424 с.
142. Салимов, Н.Ю. Пайдоиш ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои миёна (асрҳои IX-XIII). Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология [Матн] / Н.Ю. Салимов. – Хуҷанд, 2002. – 330 с.
143. Сатторзода, А. Адабиёти дарбор ва дарбор дар адабиёт [Матн] / А. Сатторзода // Суханшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2013. – № 2. – С. 5-25.
144. Сатторзода, А. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён) [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 380 с.
145. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб. – 2001. – 139 с.

146. Сатторов, А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 102 с.
147. Сафарзода, Н. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён [Матн] / Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 292 с.
148. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, 1349. – 742 с.
149. Саъдиев, С. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1980. –138 с.
150. Саъдиев, С. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1974. –163 с.
151. Саъидӣ, Гулбобо. Фарҳанги ҷомеи истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ [Матн] / Гулбобо Саъидӣ. – Теҳрон, 1387. – 1213 с.
152. Сидқӣ, Муҳаммадусмон. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Муҳаммадусмони Сидқӣ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 164-173.
153. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1955. – 186 с.
154. Солеҳов, М.О. Саноии Ғазнавӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик [Матн] / Солеҳов Мирзо Одинаевич. – Душанбе, 2020. – 335 с.
155. Табибзода, Умед. Вазни шеъри форсӣ: аз дирӯз то имрӯз [Матн] / Умед Табибзода. – Теҳрон, 1390. – 344 с.
156. Теория литературы: Учеб. пособие для студ. филол. фак. высш. учеб. Заведений. В 2 томах. Т. 2. Под ред. Н.Д.Тамарченко. – Бройтман С.Н. Историческая поэтика [Текст]. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 368 с.
157. Теория литературы: Учеб. пособие для студ. филол. фак.высш. учеб. заведений: В 2 томах. Т. 1 / Под ред. Н. Д.Тамарченко. – Н.Д. Тамарченко, В.И. Тюпа, С.Н. Бройтман. Теория художественного дискурса.

Теоретическая поэтика [Текст]. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 512 с.
158. Тоиров, У. Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ [Матн] / Урватулло Тоиров. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 321 с.
159. Тоиров, У. Каломи манзум [Матн] / У. Тоиров, Б. Ибодов, Ш. Тоиров. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 455 с.
160. Тоиров, У. Қасида [Матн] / У. Тоиров // Энсиклопедияи адабиёт ва снъати тоҷик. Ҷ. 3. – Душанбе: Сарредакцияи илмии миллии тоҷик, 2004. – 524 с.
161. Тоиров, У. Меъёр ва андозаҳои шеър (тадқиқот) [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – 240 с.
162. Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика [Текст] / Б.В. Томашевский: Учеб. пособие / Вступ. статья Н.Д. Тамарченко; Комм. С.Н. Бройтмана при участии Н.Д. Тамарченко. – М.: Аспект Пресс, 1999. – 334 с.
163. Томашевский, Б.В. Стилистика и стихосложение / Б. В. Томашевский. – Л.: Худож. лит., 1959.
164. Феснко, Э.Я. Теория литературы [Текст] / Э.Я. Фесенко : учебное пособие для вузов. – Изд. 3-е, доп. и. испр. – М.: Академический Проект; Фонд «Мир», 2008. – 780 с.
165. Фильштинский, И.М. Арабская литература в средние века (VIII-IX вв) [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1978. – 254 с.
166. Фурузонфар, Бадеъуззамон. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Бадеъуззамон Фурузонфар // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 24-30.
167. Халилӣ, Халилуллоҳ. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Халилуллоҳи Халилӣ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 34-39.
168. Хонларӣ, П. Н. Вазни шеъри форсӣ [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон, 1345. – 309 с.

169. Ҳабибӣ, Абдулҳай. Сирату ибтикор ва осори Шайхулислом Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Абдулҳай Ҳабибӣ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 59-93.
170. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Фунуни балоғат ва синооти адабӣ [Матн] / Ҷалолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Нашри сухан, 1394. – 448 с.
171. Ҳусейнзода, Ш. Ҳабдаҳ мақола [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 348 с.
172. Ҳусейнзода, Ш. Шеър ва шоирӣ аз назари Ҷомӣ [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Ҷашнномаи Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон,1966. –150 с.
173. Чанд, Торо. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Торо Чанд // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 100-112.
174. Ҷовид, Абдулаҳмад. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Абдулаҳмади Ҷовид // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. –211 с. – С. 125-133.
175. Шамисо, Сирус. Арӯз ва қофия [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1383. – 126 с.
176. Шамисо, Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1373. – 335 с.
177. Шамисо, Сирус. Ошноӣ бо арӯз ва қофия [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1378. – 126 с.
178. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1388. – 414 с.
179. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1370. – 316 с.
180. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон, 1374. – 394 с.
181. Шариат, Муҳаммадҷавод. Суханони Пири Ҳирот [Матн] / Муҳаммадҷавод Шариат. – Теҳрон, 1357. – 283 с.

182. Шарифзода, Б. Хоқонӣ ва нақди шеър [Матн] / Б. Шарифзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. –186 с.
183. Шарифзода, Х. Диди замонии сабки шеъри Рӯдакӣ [Матн] / Х. Шарифов // Маънавият ва ҷаҳони зоҳир. Маҷ. мақ. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 31-62.
184. Шарифов, Х. Сухани маснӯъ ва матбӯъ [Матн] / Х. Шарифов // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон – Душанбе, 1987. – № 1. – С. 47-51.
185. Шарифов, М. Шамси Кайси Рази и его литературно-критческие взгляды. Дис... канд. филол. наук [Текст] / М. Шарифов. – Душнабе, 1984. – 140 с.
186. Шарифов, Х. Адабиёти асрҳои миёна [Матн] / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷ. мақ. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
187. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 276 с.
188. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 159 с.
189. Шарифов, Х. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 159 с.
190. Шарифов, Х. Принсипҳои инъикоси бадеӣ [Матн] / Х. Шарифов // Услуб ва камолоти сухан. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 82-96.
191. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X-XI [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Офсет-Империя, 2017. – 239 с.
192. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида дар адабиёти форсу тоҷик [Матн] / Х. Шарифов // Ёдбуди устод Рӯдакӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – С. 203-111.
193. Шафақ, Ризозода. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Ризозода Шафақ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 40-49.
194. Эътимодӣ, Гӯё. Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / Гӯё Эътимодӣ // Нуҳсадумин соли вафоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кобул, 1342. – С. 20-23.

## III. Фарҳангу луғатнома ва доиратулмаорифҳо:

195. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

196. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – М.: Сов. Энциклапедия, 1969. – 953 с.

197. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – 960 с.

198. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 949 с.

199. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ .2 [Матн]. – Душанбе, 2008. – 944 с.

200. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе, 1988. – 544 с.

201. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 3 [Матн]. – 2004. – 522 с.

202. Энсиклопедияи адабиёт ва снъати тоҷик. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе, 1989. – 560 с.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Нарзиқул, М., Ориф, И. Заминаҳои шоиронагии каломи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / М. Нарзиқул, И. Ориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 165-171.

[2-М]. Ориф, И. Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои муътамад [Матн] / И. Ориф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 281-287.

[3-М]. Ориф, И. Вазъи забон ва муҳити адабии замони зиндагии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / И. Ориф // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – № 1 (34). – С. 94-100.

[4-М]. Ориф, И. Вижагиҳои сабки ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / И. Ориф // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – № 3 (36). – С. 254-259.


### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:


[5-М]. Ориф, И. Ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар хилоли осори насрии ӯ [Матн] / И. Ориф // Маводи ҳамоиши байналмилалии «Вазни арӯз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров. – Душанбе, 2022. – С. 64-73.

[6-М]. Ориф, И. Рубоиёти сайёр ва интисоби баъзеи онҳо ба Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / И. Ориф // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмию амалии

«Ҷойгоҳи профессор Абдушукур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 228-240.

[7-М]. Ориф, И. Илоҳинома [Матн] / И. Ориф // Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 8. – Душанбе, 2019. – С. 54.

[8-М]. Ориф, И. Канзу-с-соликин [Матн] / И. Ориф // Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 9. – Душанбе, 2020. – С. 428-429.